Рэнди Алкорн

Барои чӣ мо ҳаётро интихоб менамоем?



Ғамхорӣ барои кӯдаконе, ки ҳанӯз таваллуд нашудаанд ва заноне, ки барои модари онҳо шудан, тайёрӣ мебинанд.

Рэнди Алкорн

Барои чӣ мо ҳаётро интихоб менамоем?

Ғамхорӣ барои кӯдаконе, ки ҳанӯз таваллуд нашудаанд ва заноне, ки барои модари онҳо шудан, тайёрӣ мебинанд.

kitabi-knigi.com

Бор кунед ва хонед дар дастгохи дилхоҳ
дар забони модарии Шумо. Китобҳои
электронӣ бепул барои ҳама азоёни оила.

Originally published in English under the title
Why Pro Life? by Randy Alcorn.
© 2004 by Eternal Perspective Ministries

© 2013 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

ISBN: 978-1598569001
Отпечатано в Турции.
Тираж: 1000 экз.

«Ин ақидаи мухтасар, вале пурра мукаммал ифодаёфтаи Рэнди Алкорн бар ҳифзи ҳаёти кӯдакон – маводи бебаҳо барои ҳамаи мухолифони самимӣ, вале аксаран хомӯши исқоти ҳамл мебошад».

Фредерика Метюз – Грин
Воқеъанигор, шорех ва муаллифи кор.
«Интихоби ҷиддӣ: чи тавр ба занҳо гӯш андозем
ва ба исқоти ҳамл роҳи дигар ёбем».

«Ин заҳмати ҷиддӣ ҳама қолаби чопро вайрон мекунад ва ба кӯмак, барои шифо ёфтани захмҳои низоъи сахти дохили Амрико қобилиятнок аст».

Раввин Дэниел Лапин
Раиси ташкилоти «Барои урфу одат» – иттифоқи
миллии яҳудиён ва масеҳиён. Нависанда
ва баррандаи барномаҳои радио.

«Ин китоби ҷиддӣ аст, ки бисёр масъалаҳои барои насли имрӯза муҳимро мебардорад. Онро дар як нафас мутолиа намудам».

Энди Стэнли
Калисои «Норт Пойнт»

«Ҳамааш ҷиддӣ ва бамантиқ ифода шудааст. Дар ин китобчаи хурдакак ҷавобҳои мукаммал ба далелҳои аз ҳама маъмули тарафдорони интихоби озод мебошанд. Рэнди Алкорн ба мо онро хотиррасон менамояд, ки тамоми одамизод сазовори эҳтиром, озодӣ ва ҳуқуқи баробар мебошанд. Ман мӯътақидам, ки ин китоб метавонад чашмони миллионҳо одамонро кушояд ва қалбҳои онҳоро тағйир диҳад. Китоби пуртаъсире, ки шумо албатта онро ба ҳамаи наздикон ва шиносони худ маслиҳат медиҳед».

Нэнси Стаффорд
Ҳунарпеша ва муаллифи китобҳои «Мӯъҷизаи муҳаббати
Ӯ» ва «Зебоие, ки аз китоб тавлид шудааст».

«Барои тағйир додани назари худ, гуфтани он, ки мо ҳаётро интихоб менамоем, кофӣ нест; онро боз фаҳмондан лозим аст, ки барои чӣ мо ин корро мекунем. Китоби додашуда сарчашмаи хубест, ки ба ин кӯмак карда метавонад».

Фрэнк Павоне
Мудири ташкилоти «Рӯҳониён баҳри тарафдории ҳаёт»
Раиси шӯрои Миллии динӣ «Баҳри ҳифзи ҳаёт»

«Таҳлили дақиқ ва пурандешонаи он, ки барои чӣ ҳифзи ҳаёти ҳар инсон – ин мавқеъи на танҳо дуруст, балки ягона низ мебошад, ки мо онро чун ҷамъият бояд дастгирӣ намоем. Ман ба он боварии комил дорам, ки ин китоб ҳеҷ як нафареро, ки онро мехонад, бетараф намегузорад».

Кристен Дэй
Мудири иҷрокунандаи ташкилоти
«Демократҳо барои ҳаёти Амрико»

«Китоби «Барои чӣ мо ҳаётро интихоб менамоем?» барои ҳар фарде, ки ба шахси наздик ё хеши худ фаҳмидани тамоми имкониятҳои интихоб бар манфиати ҳаёти кӯдаки оянда кӯшиши кӯмак карданро менамояд, сарчашмаи бебаҳо мебошад. Бо забони содда ва мухтасар Рэнди Алкорн барои ҳифзи ҳаёт далелҳоро баён менамояд ва дар айни ҳол, ҳам ақли солим ва ҳам эҳсосотро истифода мебарад».

Чарлз Колсон
Ташкилоти «Призон Феллоушип», Вашингтон

«Китоби оддӣ, ки дар ҳуччатҳо асос ёфтааст ва аз рӯи шакл мухтасар мебошад; Дар он ҳар гуна маълумот ба таври дастрас ифода шудааст, ки он бораи фаҳмидани он, ки тифлони худро мо ба чӣ гирифтор мекунем, кӯмак мерасонад.»

Ҷеннифер О'Нилл
Ҳунарпеша, нависанда ва ходими ҷамъиятӣ.

«Ин китоб мантиқан мефаҳмонад, ки дар асл интихоби дигаре вуҷуд надорад, танҳо ба манфиати ҳаёт. Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳангоми интихоби мамот, мо дард, маъюсӣ, харобӣ... лаънатро интихоб менамоем».

Олга Чиндяева
Ташкилоти «Ҷамъияти ҳифзи кӯдакон ва оила», Санкт Петербург, Россия.

Дигар китобҳое, ки Рэнди Алкорн навиштааст

Асарҳои бадеӣ

Муҳлати охир
Қудрат
Фиреб
Дар канори абадият
Мактубҳои лорд Фулгрин
Ишбейн
Хонаи бехавф
Интизорӣ
Дар бораи осмон ба ман нақл кун

Асарҳои адабиёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ

Ба таври ҷовидонӣ
Пул, моликият ва ҷовидонӣ
Қонуни подош
Ҷавобҳои тарафдорони таваллуд ба далелҳои тарафдорони исқоти ҳамл.
Барқароршавии ақли солим дар шаҳват
Васвасаи шаҳватпарастӣ
Ғайриоддӣ будани файз ва ҳақиқат
Асоси покизагӣ
Асоси ганҷҳо
Занҳо ва стресс
Осмон
50 рӯз дар осмон
Осмон ва кӯдакон

Ба Одри Стаут, ки барои кӯдакони ҳанӯз таваллуднаёфта ва модарони онҳо ғамхорӣ мекунад, бахшида мешавад. Ӯ ба модари худ, ки соли 1981 аз бемории саратон вафот кард, нигоҳубин мекард. Худованд корҳои неки шуморо фаромӯш намекунад, зеро ки Ӯ барои ҳар қатраи оби хунук, ки ба исми Ӯ дода мешавад, мукофот медиҳад.

Изҳори миннатдорӣ

...ба муҳаррир ва дӯсти наздики ман Роб Морис барои кори аҷиби ӯ; Кэти Рэйми, ки барои мухтасар намудани матни аввали ман дар ибтидо хеле хуб кор кард; Бонни Хистэнд, ки ба тариқи чопии китоби ман ислоҳоти куллӣ ворид намуд. Ман аз Брайан Смит, Брент Руни, Кристина Каутлер, Кимберли Брок ва Брайан Томас барои кӯмаки онҳо баҳри амалӣ намудани ин лоиҳа миннатдорам ва аз Дуг Габберт бошад, барои дастгирии ӯ. Ман аз ҳамсари худ Нэнси, Рон ва Кэти Норквистҳо, Ҷанет Элберс, Линда Ҷеффриз, Шерон Мизенхаймер миннатдорам. Ман барои ҳамкории бебаҳоятон аз ҳар яки шумо бениҳоят сипосгузорам. Инчунин, ташаккури калон ба Гэйл Аттеберри, Лари Гэдбах ва Элис Грэй, ки маводи бузурги воқеъиро ба ихтиёри ман гузоштанд ва ба кори китоб оғоз бахшиданд.

Қисми I

Асосҳо

Боби 1

Барои чӣ дар хусуси исқоти ҳамл гуфтан зарур аст?

Намояндаи ташкилоти NARAL («Лигаи миллӣ барои озодии исқоти ҳамл») дар назди талабагони синфҳои болоии мактаби миёна баромад мекард ва ба онҳо «манфиатҳои» исқоти ҳамлро бо муболиға тасвир менамуд. Сипас яке аз хонандагон аз муаллим пурсид, ки оё мумкин аст, ба назди онҳо нафаре биёяд, ки ӯ бар зидди исқоти ҳамл, бар ҳифзи ақидаи таваллуди кӯдакон ба ҳаёт баромад мекунад. Вақте ки баъд аз як ҳафта ман ба назди онҳо омадам, яке аз тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл ба ман гуфт, ки ин озодиро хонандагон дар таносуби 23 бар хилофи 1 дастгирӣ намуданд.

Ман аз рӯи ақидаи инсониятпарварӣ ва ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки ҳанӯз таваллуд нашудаанд, баромад намудам ва суратҳои ҷанинҳоро дар батни модар нишон додам. Дар суратҳо инкишофи ҷанинҳо дар давраҳои аввалин мебошад, ки аз ҳамин вақт сар карда исқоти ҳамл мекунанд.

Баъд аз ин вохурӣ муаллим ба ман гуфт: «Агар ба мо боз як имконияти овоздиҳӣ мебуд, ман фикр мекунам, ки натиҷа тамоман дигар мешуд. Шумо аниқ моро барои андеша кардан водор намудед». Баъд ӯ як чизи ҷолиби диққатро илова намуд: «Мефаҳмед, то имрӯз ман роҷеъ ба он, ки ақидаи

дастгирии таваллуди кӯдакон ба чӣ пайравӣ менамояд, ягон тасаввуроте надоштам».

Мо аз он фахр менамоем, ки дар ақидаҳои худ комилан самимӣ ҳастем, бо одамон аз рӯи виҷдон, ба воқеият такя намуда, сухан мегӯем. Ҳамон рӯз, дар ҳамон вақт дар пеши ман коркуни панҷоюпанҷсолаи ҷамъиятӣ меистод, муаллим бо дараҷаи илмии магистрӣ, ки боре ҳам дар бораи ақидаи дастгирии таваллуди кӯдакон нашунида буд. Ӯ бе ягон танқид ақидаро бар манфиати озодӣ барои исқоти ҳамл қабул мекард ва шогирдони ӯ низ ҳамон корро мекарданд.

Тамоюли аҷиб

Начандон пештар ба назар менамуд, ки ақидаи ҳифзи таваллуди кӯдакон чун як чизи кӯҳнашуда аз байн меравад. Чунин менамуд, ки ҷавонон, то дараҷае ғояи нисбияти одобу ахлоқ ва пуртоқатии ҷамъияти постмодерниро қабул кардаанд, ки ниҳоят дар ин масъала интихоби озодро якдилона қабул мекунанд, аниқтараш озодӣ барои исқоти ҳамл. Лекин чӣ хеле ки аҷиб набошад, рӯйдодҳои замони охир нишон медиҳанд, ки ҷавонони имрӯза бар зидди исқоти ҳамл аз волидони худ дида боз ҳам фаъолтар баромад мекунанд.

Раъйпурсие, ки чанде пеш дар Донишкадаи Гэллапа, миёни наврасон гузаронида шуда буд, нишон дод, ки 72% пурсидашудагон дар бадахлоқ будани исқоти ҳамл боварӣ доранд. Танҳо 19% бар манфиати қонунӣ будани исқоти ҳамл дар ҳама ҳолатҳо фикри худро баён карданд. Миёни калонсолон ин гуна одамон 26%-ро ташкил дод. Қариб 32% наврасон дар муқоиса бо 17% калонсолон барои умуман манъ кардани исқоти ҳамл фикри худро баён карданд.[1]

---

1. "Gallup: Seventy-Two Percent of Teens Say Abortion Wrong," November 24, 2003, WorldNetDaily.com.

Ин маълумотҳо бо раъйпурсии миллии минбаъда низ тасдиқ гардиданд,[2] ки он афзоишёбии шумораи наврасонро, ки дар «Марши умумимиллӣ барои дастгирии ҳаёт» иштирок мекарданд, нишон дод.[3] Интернет ҳам ба ақли занҳои ҷавон таъсир мерасонад. Дар шабакаҳои муосир хабарҳое пайдо мегарданд, ки онҳоро барои ба манфиати ҳаёти кӯдак интихоб кардан бовар мекунонанд.[4] Шумораи зиёди одамони ҷавон аз баромад кардан бар ҳифзи озодӣ барои исқоти ҳамл даст мекашанд.

Аз рӯи маълумотҳои раъйпурсии ба ин монанд, ки дар Руссия гузаронида шуда буд, 70% ҷавонписарон ва 84% ҷавондухтарон исқоти ҳамлро ҷарроҳии хеле вазнин мешуморанд, ки оқибатҳои вазнин дошта метавонад.

Дар китоби «Барои чӣ мо ҳаётро интихоб менамоем?» ман сабабҳоеро меорам, ки асоснок будани онро, ки ҳангоми дар бораи озодии исқоти ҳамл фикр кардан, мо ба фикри озодӣ барои ҳаёти кӯдакон меоем, мафаҳмонад ва тасдиқ мекунад.

Мавзӯи хоси замони мо

Исқоти ҳамл дар Руссия амалиёти хеле паҳнгардидаи ҷарроҳӣ бо занон мебошад. Аз рӯи маълумотҳои Росстат аз соли 2008 дар Руссия ба ҳар 100 таваллуд 81 исқоти ҳамл карда мешуд. Бори аввал тӯли солҳои зиёд таваллудёбӣ аз шумораи исқоти ҳамл афзуд, то ин вақт ба ҳар 10 ҳомиладорӣ 7 исқоти ҳамл рост меомад. Лекин ин ҳам рақамҳои даҳшатовар мебошанд. Вазири нигоҳдории тандурустӣ ва инкишофи иҷтимоӣ Татяна Голикова

---

2. "New National Abortion Poll Shows Majority of Americans Are Pro-Life," (December 2003 Zogby International Poll, posted January 16, 2004, 209.157.64.200/focus/f-news/1062123/posts).
3. January 23, 1994, "Young People Swell Crowd at Washington March for Life," 209.157.64.200/focus/f-religion/1064531/posts.
4. Нигоҳ к.: www.standupgirl.com.

хабар дод, ки дар соли 2008 дар Руссия 1,234 миллион исқоти ҳамл карда шуд ва 1,714 миллион таваллуд шуданд. Исқоти ҳамли хурд 26% -ро ташкил медиҳад, ҷиноятӣ 15%-ро (аз рӯи маълумотҳои ПМПЦ «Ҳаёт»). Ин ҳам танҳо маълумотҳои муассисаҳои тиббии системаи Вазорати Тандурустии Инкишофи Иҷтимоии Руссия мебошад. Омори муассисаҳои тиббии шахсӣ ба ҳисоб гирифта нашудаанд. Агар рақамҳои беморхонаҳои шахсиро ҳамроҳ кунем, он гоҳ шумораи исқоти ҳамл дар 2 ё 3 маротиба меафзояд. Ҳаёти ҳар тифли чоруми бордоршуда баъд дар натиҷаи исқоти ҳамл бо роҳи ҷарроҳӣ канда мешавад, дар айни ҳол шумораи исқоти ҳамли кимиёвӣ низ меафзояд.[5] Азбаски 50% ҳомиладориҳо хосияти берун аз нақшагӣ доранд, ин маънои онро дорад, ки нисфи ҳомиладориҳои берун аз нақшагӣ бо роҳи исқоти ҳамл канда мегарданд.

Ҳар сол дар Штатҳои Муттаҳида қариб 1,37 миллион исқоти ҳамл ба қайд гирифта мешаванд.[6] 43% занони сину соли бачазоӣ дар ШМА аз амали исқоти ҳамл гузаштаанд ё мегузаранд.[7] Дар Руссия бошад, дар амал ҳар як оила дар ин ё он дараҷа бо исқоти ҳамл рӯ ба рӯ шудаанд. Аз рӯи маълумотҳои Интерфакс танҳо 2% занони рус дар синни то 40 солагӣ боре ҳам исқоти ҳамл накардаанд. Ба ҳисоби миёна барои ҳар як зан дар тӯли ҳаёти ӯ аз 4 то 6 исқоти ҳамл рост меояд. 60% исқоти ҳамлро духтарони аз синни 16 то 18 сола содир менамоянд. Танҳо дар як марказ (Маркази машвараті – ташхисии давлатӣ барои кӯдакон «Ювента») дар Санкт – Петербург дар соли 2006 ба ҷавондухтарони то синни 18 сола 815 исқоти ҳамл карда буданд.

Арзиши ин масъала беандоза баланд аст. Агар чунин ҳисобем, ки ақидаи дастгирии озодӣ барои исқоти ҳамл дуруст аст,

---

5. "Abortion: Facts at a Glance" (New York: Planned Parenthood of America), 1.
6. The Alan Guttmacher Institute website, www.agi-usa.org/pubs/fb_induced_abortion.html; *Facts in Brief,* rev. February 2000.
7. Alan Guttmacher Institute, "Induced Abortion," *Facts in Brief,* February 2002.

яъне ҳуқуқи асосии шаҳрвандӣ дар мамлакат озодӣ барои интихоби исқоти ҳамл мебошад. Лекин, агар ақидаи дастгирии таваллуди кӯдак дуруст бошад, яъне 3 753 иқоти ҳамл дар як рӯз дар ШМА ва 4 746 исқоти ҳамл дар як рӯз дар Руссия ба қурбониҳои ҷонӣ оварда мерасонад, ки он бо талафот аз харобиҳои бурҷҳои Маркази Савдои Ҷаҳонӣ 11 сентябри соли 2001 дар ШМА баробар аст.

Исқоти ҳамл дар ҳақиқат ҳам масъалаи ҳассоси рӯзмарра мебошад. Худи ҳамин калима дар инсон эҳсосоти чуқурро ба вуҷуд меорад. Миёни мавзӯъҳое, ки мардуми зиёд дар ҳақиқат ҳам бомайл муносибат мекунанд, исқоти ҳамл дар ҷои аввал меистад ва аз яҳудибадбинӣ (антисемитизм), майзадагӣ, бехонагӣ, ҳукми қатл, беҳаёгӣ (порнография) ва оташ задани парчами миллӣ бартарӣ меёбад.[8]

Раъйпурсии чанде пеш дар Донишкадаи Гэллапа гузаронидашуда нишон дод, ки 26% амрикоиҳо бо боварии том ба дастгирии озодӣ барои исқоти ҳамл баромад мекунанд, ҳол он ки 29% бар манфиати таваллуди кӯдакон баромад мекунанд. Дар маҷмӯъ ин маънои онро дорад, ки 55% амрикоиҳо нисбат ба исқоти ҳамл ақидаи мустаҳкам доранд ва тақрибан ҳамин қадар амрикоиҳо низ нуқтаи назари худро ба ин падида муайян накардаанд. [9]

Азбаски 45% боқимондагон оиди ин масъала фикри муайян надоранд ва аксарияти онҳое ки як вақтҳо дар як андеша буданд, ақидаҳои худро аз нав дида баромаданд, комилан мумкин аст, ки аз нисф зиёди амрикоиҳо чун пештара фикри худро тағйир дода метавонанд.

---

8. James Patterson and Peter Kim, *The Day America Told the Truth* (New York: Prentice Hall Press, 1991), 32.
9. Lydia Saad, “Americans Divided Over Abortion Debate,” 18 May 1999, Gallup News Service Poll Releases; www.gallup.com/content/login.aspx?ci=3847.

Мавқеи масеҳӣ

Баъзе хонандагони масеҳӣ эҳтимол фикр мекунанд: «Ин китоб барои мо нест. Ба исқоти ҳамл шахсони беимон даст мезананд, ки боре ҳам ба калисо нарафтаанд». Лекин дар ҳақиқат 43% занҳо, ки аз исқоти ҳамл гузаштаанд, худро протестантӣ меноманд, 27% бошад – католикӣ. Аз се ду ҳиссаи ҳамаи исқоти ҳамлро дар Америко ба заноне мекунанд, ки онҳо худро масеҳӣ меноманд. 18% тамоми исқоти ҳамл дар Штатҳои Мутаҳида бо заноне содир мешаванд, ки худро аз боло таваллудшуда меҳисобанд ё ин ки масеҳиёни инҷилӣ мебошанд.[10] Яъне қариб чоряки миллион исқоти ҳамлро ҳарсола одамоне содир мекунанд, ки ба калисо тааллуқ доранд ва дини худро ошкоро эътироф менамоянд.

Баъзе масеҳиён воситаҳои зидди ҳомиладоршавиро (контрацептивные средства) истифода мекунанд. На ҳама медонанд, пешгирикунандаҳое (контрацептивы) ҳастанд, ки амали исқоти ҳамл карданро доранд. Бехабар аз он, онҳо исқоти ҳамл мекунанд.

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, пеш аз он ки маълумотро дар бораи исқоти ҳамл ба доираи оламиён барем, калисо бояд оиди ин масъала дар миёни худ гап занад. Танҳо баъд дар доираи олам.

Бо вуҷуди он, ки ман масеҳӣ ҳастам, дар ин китоб бо далелҳои худ ман танҳо дар Китоби Муқаддас асос намегирам. (Ман инро ба таври кофӣ дар дигар ҷойҳо кардаам.[11]) Маводеро, ки ман дар ин ҷо ифода мекунам, дар тадқиқотҳои ҷиддии психологӣ ва тиббӣ асос ёфтаанд. Ин манбаъҳо чӣ барои масеҳӣ, инчунин барои ҳар агностик (таълимоти фалсафаӣ, ки

---

10. *Family Planning Perspectives,* July-August 1996, 12.
11. Randy Alcorn, *Prolife Answers to ProChoice Arguments* (Sisters, OR: Multnomah Publishers, 2000), 313-22; “Biblical Perspectives on Unborn Children,” www.epm.org/articles/aborbibl.html.

фаҳмидашавандагии олами объективӣ ва қонунҳои онро инкор мекунад), ки ҳақиқатро эҳтиром медорад, боэътимоданд. Воқеан аксарият онҳое, ки масеҳӣ нестанд, ҳамчунин софдилона бар зидди исқоти ҳамл баромад мекунанд.

Ман худро тарафдори мӯътақиди ҳуқуқи занҳо меҳисобам. Ман нисбати ҳамсари худ ва духтаронам эҳтироми чуқурро эҳсос менамоям, ки мо онҳоро барои эҳтиром кардани худ ва миннатдор будан аз Худо, ки онҳоро ҳамчун зан офаридааст, таълим додаем. Лекин ман намехоҳам вазнин будани он ҷароҳатҳоеро, ки занҳо ҳангоми бар манфиати исқоти ҳамл интихоб намудан, ба худ мерасонанд, ба эътибор нагирам. Касе дарду аламро чун Исои Масеҳ фаҳмида наметавонад, зеро ки Ӯ пур аз файз ва ростӣ мебошад. Ба ман низ, чун ба ҳар касе дигар марҳамати Худо ва омӯрзиши Ӯ зарур аст, ки боби 18-уми ин китоб ба он бахшида шудааст.

Дар ин китоб ман воқеа ва мулоҳизаҳои худро баён мекунам, лекин он пур аз ҳиссиёти чуқури дилсӯзӣ ва даъват ба файзи Худованд мебошад, ки он ба мо барои якҷоя пайванд намудани имони мо ва воқеияти мо кӯмак мерасонад.

Дархости ман аз хонандагон

Агар шумо худро тарафдори озодӣ барои исқоти ҳамл шуморед ва ҳамзамон китоберо, ки «Барои чӣ мо ҳаётро интихоб менамоем?» ном дорад, мехонед, ман аз ин танҳо хурсандам. Ман умедворам, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки шумо барои шунидани ақидаҳои мухталиф ва нуқтаи назари гуногун омода ҳастед. Агар ақида ба манфиати таваллуди кӯдак баъд аз шиносоӣ бо ин китоб ҳам ба шумо чунин бемаънӣ ва аз ақл берун намояд, ки он пештар ба назари шумо чунин менамуд, хайр чӣ... Ман ҳуқуқи рад намудани он чизеро, ки шумо бо он розӣ нестед, эҳтиром менамоям. Лекин агар шумо бубинед,

ки ин ақида хирадмандона ва мулоҳизакорона мебошад, он гоҳ ман шуморо барои аз нав дида баромадани нуқтаи назари худ даъват менамоям.

Агар шумо ба онҳое тааллуқ доред, ки эҳсосоти гуногун доранд, бигзор ин китоб як қисми ҷустуҷӯи шахсии шумо барои ҳақиқат гардад. Садоҳоро барои дастгирии озодии исқоти ҳамл шумо дар ҳама ҷо шунида метавонед – барои ин даргирондани телевизор ё хондани рӯзномаҳо кифоя мебошад. Вале ин китоб метавонад имконияти ягонаи шумо, барои дида баромадани дигар ақида ҳам бошад, ки ҳуқуқи кӯдакро барои таваллуд муҳофизат менамояд.

Агар шумо тарафдори ҳаёти кӯдакон бошед, ман аз шумо хоҳиш менамоям, ки ақидаи худро чуқуртар биандешед. Гуфтан кофӣ нест: «Медонам, ки ман ҳақ ҳастам, вале намедонам барои чӣ». Мо бояд ақидаҳои худро исбот карда тавонем, онҳоро бо далелҳои раднопазир асоснок гардонем. Агар дар ягон лаҳза мо ноҳақ бошем, ақидаи худро ҳатман аз нав дида баромадан лозим аст. Лекин агар мо ҳақ бошем, ба мо зарур аст, ки ақидаҳои худро ба дигар одамон оқилона ва боэҳтиром расонданро биомӯзем.

Як чиз бетаҒйир мемонад: агар исқоти ҳамл ҳақиқатан ҳам кӯдаконро мекушад ва ба занҳо зарар меорад, бапарвоӣ ва беамалӣ дар ин масъала метавонад гарон афтад.

Боби 2

Зан ё кӯдак?

Вақте ки мо бо ҳамсарам барои занҳое, ки ҳаёти худро дар натиҷаи исқоти ҳамл барбод додаанд, ҷиддӣ фикр кардем, мо кори фаъолонаро, ки бар зидди исқоти ҳамл равона шуда аст, оғоз намудем. Соли 1981 мо дари хонаамонро барои як духтари ҳомилаи наврас боз намудем. Ман дар шӯрои яке аз аввалин марказҳои ҳомиладорӣ, ки дар соҳили Ғарбӣ мебошад, хизмат мебурдам ва ба занҳои ҳомила кӯмаки мувофиқи қувват нишон медодам. Кӯмаки аз ҳама беҳтарин барои ин занҳо дар он буд, ки ба пеши онҳо роҳҳои ҳолати имконпазирро (альтернативные) барои исқоти ҳамл кушоем.

Бо гузашти вақт ман дар иқдомҳои сиёсӣ ва чорабиниҳои бемаҷбурона, ки бар зидди исқоти ҳамл равона шудаанд, дар барномаҳои маърифатпарвар, ки бо таблиғоти ақида бар манфиати таваллуди кӯдакон алоқаманд буд, иштирок менамудам. Яке аз хизматҳо, ки ҳуқуқи кӯдакро барои ба дуньё омадан муҳофизат менамояд, барои нақоти кӯдаконе, ки ҳанӯз тавваллуд наёфтаанд, мубориза мебарад, дигарон бештар барои ба занҳои ҳомила кӯмак кардан сухан мегӯянд. Ман ба хулосае омадам, ки ин ҳар ду ақидаҳо якхел арзанда ва муҳим мебошанд.

Ҳаракате, ки шумо эҳтимол дар бораи он намедонед

Бо ҳаракати тарафдорони таваллуди кӯдакон ривоятҳои бешуморе алоқаманданд. Яке аз чунин ривоятҳо фикри пайваста такроршаванда мебошад: «Ин одамон барои занҳои ҳомила ғамхорӣ намекунанд, инчунин барои он кӯдаконе, ки ба дунё меоянд». Боре ба наздам ким-кадом рӯзноманигори телевизион бо ҳамроҳии наворбардор омад ва хоҳиш намуд, ки чунин айбдоркуниро шарҳ диҳам. Ман гуфтам: «Мо бо ҳамсарам ба як духтараки ҳомила паноҳ додем ва то он вақте ки ӯ дар хонаи мо мезист, мо пурра ӯро таъмин менамудем. Вақте ки ӯ қарор кард, ки кӯдакро ба писархондкунӣ медиҳад, мо ӯро дастгирӣ намудем. Модоме, ки шумо мепурсед, ман ҳаминро гуфта метавонам, ки мо қисми зиёди даромади худро барои кӯмак ба занон ва кӯдакони камбизоат медиҳем».

Сипас ман ба ӯ дӯсти худ, шӯбонро, ки ҳамин ҷо, дар паҳлӯи ман меистод ва бо ҳамсари худ нуздаҳ тифлро, ки баъзеи онҳо аломати Даун ва дигар мушкилиҳои ба худ хосро доштанд, ба писархондӣ ва духтархондӣ гирифтаанд, муаррифӣ намудам. Рӯзноманигор ба наворбардор ишора намуд, ки наворбардориро қатъ намояд. Ман аз ӯ пурсидам, ки оё бо дӯстам сӯҳбат кардан намехоҳад. Ӯ сар ҷунбонду баромада рафт.

Лекин ҳақиқат боз ҳақиқат мемонад: ҳазорҳо ташкилотҳое, ки намояндагонашон бар зидди исқоти ҳамл баромад мекунанд, чӣ дар мамлакати мо, инчунин дар тамоми ҷаҳон барои ҳомилагӣ санҷишҳои ройгон, ҲТУ (ҳуҷраи ташхиси ултрасадоӣ), машваратҳо мегузаронанд, гурӯҳҳои дастгирӣ ташкил мекунанд, барои волидони оянда дар нигоҳубини кӯдак таълимот мегузаронанд, барои тартиб додани буҷети оила таълим медиҳанд, нигоҳубини кӯдакон, ҷамъкунӣ ва тақсимоти сарулибоси кӯдаконаро ташкил мекунанд, дар

оилаҳои серфарзанд ва камбизоат бурдани рӯзгорро таълим медиҳанд. Ба ин даҳҳо ҳазор калисоҳоро илова кунед, ки онҳо ба ин вақти худро сарф менамоянд, ҷамъкунии маблағ ва озуқавориро ташкил медиҳанд, барои ҳалли масъалаҳои рӯзгор кӯмак мекунанд, ҳар намуд кӯмакҳои дигарро ба занҳои ҳомилаи эҳтиёҷманд, модарони якка ва оилаҳои камбизоат мерасонанд. Тарафдорони бешумори ҳаёти кӯдакон, кӯдаконро ба писархондӣ ва духтархондӣ мегиранд, барои онҳо дарҳои хонаҳояшонро мекушоянд, ба кӯдакони нав таваллудшуда ихтиёрӣ кӯмак мекунанд. Ҳамаи ин чораҳо дар маҷмӯъ ҳаракати бузурги ихтиёронро дар таърих ташкил медиҳад.

Агар тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл занҳоро маҷбур созанд, ки худи онҳо ин ҷарроҳиро маблағгузорӣ намоянд, онҳое, ки барои ҳолати имконпазир барои исқоти ҳамл баромад мекунанд, кӯмаки худро ройгон ва бо муҳаббат мерасонанд ва чун қоида инро намоиш намедиҳанд. Ин гуна одамон на танҳо барои таваллуди кӯдакон баромад мекунанд – онҳо барои ҳаёти кӯдакон баромад мекунанд. Онҳо ҳам барои кӯдак ва ҳам барои модари ӯ ғамхорӣ менамоянд ва барои ҳар дуи онҳо на танҳо то вақти таваллуд, балки баъд аз таваллуд ҳам ғамхорӣ мекунанд.

Маҷзубияти (шизофрения) миллии мо

Бо вуҷуди ихтилоф миёни ҳам онҳое, ки худро тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл меноманд ва онҳое, ки ҳуқуқи кӯдакро барои ҳаёт ҳифз менамоянд, аз се ду ҳиссаи амрикоиҳо исқоти ҳамлро «бадии ахлоқӣ» мешуморанд.[1] Аз рӯи хулосаи тарафдорони ҳаёти кӯдакон ин вазъият аз чунин раванд шаҳодат медиҳад: дигар исбот кардан лозим нест, ки тифли ҳанӯз таваллуднашуда инсони комилҳуқуқ мебошад ё ин ки исқоти ҳамл бадӣ аст. Бинобар ин, тамоми қувваро акнун бояд

[1]. “Gallup Finds Two-Thirds of Americans Believe Abortion Is Morally Wrong,” June 2003, www.lifesite.net/ldn/2003/jun/03060308.html.

ба он равона сохт, то ки ба занон барои фаҳмидани он, ки исқоти ҳамл ҳаёти онҳоро танҳо барбод медиҳад, кӯмак расонем.

Ман комилан бо он розӣ ҳастам, ки ба заноне, ки ҳомиладорӣ барояшон номатлуб аст, барои фаҳмидани он, ки исқоти ҳамл ба онҳо танҳо зарар мерасонад, на ин ки ёрӣ, кӯмак кардан зарур аст. Аксарияти занон бар он ақидаанд, ки исқоти ҳамл – ин бадӣ аст, лекин бо вуҷуди ин фикр мекунанд, ки ин хурдтарини бадиҳост, ки он ба ҳар ҳол аз таваллуди кӯдак, аз тарбияи ӯ ё ба писархондкунӣ додани ӯ беҳтар мебошад.[2]

Мо бояд ба онҳо нишон диҳем, ки исқоти ҳамл ин ягона интихобе мебошад, ки ба қатли инсони бегуноҳ мерасонад. Маҳз бо ҳамин сабаб он дар ҳаёти зан ба оқибатҳои аз ҳама манфӣ меорад.

Бо вуҷуди он, ки аксарият одамон боварӣ доранд, ки тифли ҳанӯз таваллуднашуда – он ҳам инсон аст ва исқоти ҳамл ин бадахлоқист, ба ҳар ҳол барои вуҷуд доштани исқоти ҳамл ва қонунӣ будани он баромад мекунанд. Лекин ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар асл ин одамон тифли таваллуднашударо чун кӯдаки сесола инсон намешуморанд. Онҳо чунин намешуморанд, ки исқоти ҳамл ба монанди қатли кӯдаки сесола низ бадахлоқона мебошад.

Райпурсиҳо инчунин нишон медиҳанд, ки аксарият онҳое, ки ба бадахлоқона будани исқоти ҳамл боварӣ доранд, ба ҳар ҳол чунин мешуморанд, ки онҳо бояд расмӣ монанд. Комилан гумон дорам, ки ин гуна одамон ба бадахлоқона будани таҷовуз, рабудани одамон, муносибати бераҳмона бо кӯдакон ва қатл боварӣ доранд, вале онҳо ҳеҷ гоҳ тасдиқ намекунанд, ки таҷовуз

---

[2]. Paul Swope, “Abortion: A Failure to Communicate,” *First Things,* April 1998, 31-35. Нигоҳ к: www.firstthings.com/ftissues/ft9804/articles/swope.html.

ва куштор бояд қонунӣ гардонида шавад. Ин аз фарқияти асосӣ, миёни он чизе, ки онҳо дар маънои бадахлоқона будани таҷовуз ва куштор ва бадахлоқона будани исқоти ҳамл мефаҳманд, шаҳодат медиҳад.

Агар мо тифли ҳанӯз таваллуднашударо узви комилҳуқуқи ҷамъият ҳисобем, лекин бо вуҷуди ин дар бораи қонунӣ будани исқоти ҳамл ҳарф занем, дар ин ҳол ба мо лозим меояд, ки барои ҳифзи қонунӣ будани қатли ҳар як одамизод баромад кунем. Ниҳоят, ҳар як далел бар манфиати исқоти ҳамл, ки ба мушкилиҳои модар, ба стресс ва ҳолати мушкили молиявии ӯ арз менамояд, нисбат ба фарзанди дувоздаҳсолаи ӯ, шавҳар ё волидайнаш низ бояд ҳамон қадар боварибахш садо диҳад. Дар бисёр ҳолатҳо фарзандони синну солашон калон ба зан гаронтар меафтанд, назар ба тифле, ки ҳанӯз таваллуд нашудааст, диққати зиёд ва қуввати бештареро талаб мекунанд. Лекин касе дар ин сурат ба қатл кардани кӯдакони синну солашон калон даъват намекунад – ку.

Занҳо ҳар замон мегӯянд, вақте ки онҳо ба исқоти ҳамл розӣ мешаванд, онҳо дар бораи он, ки дар батнашон кӣ ҳаст, ҳеҷ тасаввуроте надоранд. Баъзеҳо бешуурона мефаҳманд, ки дар батни худ тифлро гирифта гаштаанд, вале бо вуҷуди ин ба суханпардозиҳои дабдабаноки ноодамгарона, ки бар манфиати озодии исқоти ҳамл мебошад, дода мешаванд. Баъдтар бошад, онҳо аз ин хеле сахт пушаймон мешаванд. Дар ҳаққи он коре ки кардаанд, онҳо чун девонагии муваққатӣ мулоҳиза мекунанд, ки ба ин онҳоро дӯстон ва наздикони хайрхоҳ, вале бехирад, тела додаанд. Онҳо ончунон мехоҳанд, ки ҳамааш ба таври дигар бошад ва касе кушиш намояд, то онҳоро аз коре, ки акнун ба онҳо оромӣ намедиҳад, боздорад.

Ба занҳое, ки онҳоро барои исқоти ҳамл кардан моил мекунанд, бо муҳаббат ва ғамхорӣ муносибат кардан лозим аст. Нисбати онҳое, ки аллакай исқоти ҳамл кардаанд, мо инчунин бояд бо муҳаббат ва дилсӯзӣ муносибат намоем. Мо бояд ҳама кори аз дастамон меомадагиро кунем, то ки ба онҳо, барои барқарор шудан баъди ҷароҳате, ки аз исқоти ҳамл бардоштаанд, кӯмак расонем.

Китоби қадимаи Масалҳо мегӯяд, ки интихоби дуруст ҳамеша хирадмандона аст ва ба оқибатҳои нек оварда мерасонад, баръакс бехирад ҳамеша нодон аст ва оқибатҳои он харобовар мебошад.

Дихотомияи (ба ду тақсим кардани чизи ягона) ғалат

Қатли кӯдак ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ кас манфиат намеорад. Вақте ки ба кӯдак модари худи ӯ дард мерасонад, аз ин на танҳо кӯдак зарар мебинад, балки модари ӯ ҳам. Беҳбудии занро аз беҳбудии тифли ӯ ҷудо кардан имконнопазир аст. Модоме, ки тифли ҳанӯз таваллуднашуда инсон мебошад, оқибатҳои қатли ӯ нохуш мешаванд. Маҳз фаҳмиши он, ки қурбонии якум кӣ аст – тифл, ба қурбонии дуюм – модар, зарар мерасонад. Бинобар ин, суҳбатро оиди исқоти ҳамл мо бояд аз муқаррар намудани шахсияти тифли ҳанӯз таваллуднашуда оғоз намоем.

Қисми 2

Тифл

Боби 3

Оё тифли таваллуднашуда инсон аст?

Тарафдорони озодии исқоти ҳамл якдилона тасдиқ мекунанд: «Аниқ маълум нест, ки ҳаёти инсон аз кай оғоз меёбад. Ин мавзӯъи ақидаҳои динӣ мебошад, ки илм ба он ҷавоб надорад». Аксарият одамон ин ақидаро рад мекунанд, зеро ки он ба даҳҳо маълумотҳои илмӣ мухолифат мекунад. Бо вуҷуди он, ин ақидаи кӯҳна дар дилҳои мо чунон сахт ҷо шудааст, ки ба он то ҳол шумораи зиёди одамон бовар мекунанд.

Ягона чизе, ки тарафдорони озодии исқоти ҳамл метавонанд қариб, ки на ҳар якеро бовар кунонанд, дар он аст, ки тифли таваллуднашуда – ба маънои пурраaш ҳанӯз инсон нест.

Оё дар асл чунин аст?

Илм чӣ мегуяд

Д-р Алфред Бонҷианни, профессори акушерии донишгоҳи Пенсилвания гуфт: «Аз солҳои аввалини маълумоти тиббии худ ман фаҳмидам, ки ҳаёти инсон аз давраи бордоршавӣ оғоз меёбад...инсон аз давраи бордорӣ то синни калонсолӣ зиндагӣ мекунад...ва ҳамагуна дахолат дар ин давра, дар кадом марҳилае ки набошад, бояд ҳамчун аз ҳаёт маҳрум кардани инсон, дида баромада шавад».

Аз аёми давраи инкишофи кӯдак дар батни модар сухан ронда, профессор Бонҷианни тасдиқ менамояд: «Агар ман чунин гӯям, ки дар ин давраи аз ҳама барвақтӣ мо бо инсони пастсифат сарукор дорем, пас бо ҳамин гуна пешравӣ тасдиқ кардан мумкин аст, ки кӯдаки ба балоғат нарасида ҳам инсон нест. Мо бо ҳаёти инсонӣ дар тамоми зарфи вуҷуди организм сарукор дорем».[1]

Д-р Жером Лежен, профессори генетикаи донишгоҳи Декартаи Париж, чунин меҳисобад: «Баъд аз бордоршавӣ ба ҳаёт боз як инсон пайдо мешавад». Баъд илова менамояд, ки «ин тамоман мавзӯъи таъму мулоҳиза нест. Ҳар як инсон аз давраи бордоршавӣ умр ба сар мебарад».[2]

Мишлен Мэтюз-Рот, профессори факултаи тиббии донишгоҳи Гарвард, инчунин исбот менамояд: «Аз нуқтаи назари илмӣ дуруст мешавад, агар гӯем, ки ҳар ҳаёти инсонӣ аз давраи бордоршавӣ оғоз меёбад».[3]

Мудири кафедраи эмбриологияи Донишгоҳи Давлатии шаҳри Маскав ба номи М. В. Ломоносов, профессор В. А. Голиченков ва профессори кафедраи эмбриология Д. В. Попов тасдиқ мекунанд: «Аз нуқтаи назари биологияи (генетика ва эмбриология) муосир ҳаёти инсон чун шахсияти биологӣ аз лаҳзаи якҷояшавии мағзҳои ҳуҷайраҳои ҷинсҳои мардона ва занона ва таъсисёбии мағзи ягона, ки маводи такрорнашавандаи генетикӣ дорад, оғоз меёбад».

Лаҳзаи офариниши ҳар як шахсият, ин лаҳзаи бордоршавии ӯ мебошад. То ин лаҳза инсон (бо ДНК-и нотакрори худ) вуҷуд надорад. Баъд аз ин лаҳза ӯ вуҷуд дорад.

---

1. Subcommittee on Separation of Powers to Senate Judiciary Committee S-158, Report, 97th Cong., 1st Session, 1981.
2. Ibid.
3. Ibid.

Ба ин чандон на танҳо тарафдорони таваллуди кӯдак ба ҳаёт боварӣ доранд. Дорандаи беморхонаи калонтарини исқоти ҳамл дар Орегона бо савганд шаҳодат медод: «Бешубҳа, ҳаёти инсон аз давраи бордорӣ оғоз меёбад».[4] Китоби «Аз бордорӣ то таваллуд», ки яке аз бестселлерҳо гардида буд, дар асоси ҳуҷҷатҳо оғози ҳаёти тифлро дар лаҳзаи бордорӣ ва давомёбии ҳаёти ӯро дар марҳилаи инкишофи то таваллудёбиаш тасдиқ менамояд.[5]

То чӣ андоза ин ҳама яқинан исбот менамояд, ки ҳаёти инсон аз лаҳзаи бордорӣ оғоз меёбад? То он андоза боэътимод, ки Ассамблеяи Генералии штати Миссури лоиҳаи қонунро дар соли 2003 амалан якдилона писандиданд, ки дар он гуфта мешуд: «Ассамблеяи Генералии штат тасдиқ менамояд, ки: 1) Ҳаёти ҳар як инсон аз лаҳзаи бордорӣ оғоз меёбад; 2) Тифлони ҳанӯз таваллуднашуда барои ҳаёт, саломатӣ ва беҳбудӣ ҳуқуқи қонунӣ доранд... Дар истилоҳи „тифлони таваллуднашуда“ ё «тифли таваллуднашуда» тамоми кӯдакони таваллуднашуда ё ин ки наслҳои инсонро аз лаҳзаи бордорӣ то вақти таваллуд дар тамоми зарфи инкишофи биологиашон фаҳмидан зарур аст».[6]

Маҷмӯъ (комплекс) ва инсон (Маҷмӯи хромосомаҳо ё инсон)

Тухмҳуҷайраи навакак бордоршуда миқдори бузурги маълумотҳои генетикиро дар бар мегирад, ки қобилияти назорат кардани афзоиш ва инкишофи одамро дар зарфи тамоми ҳаёти ӯ дорад. Танҳо як риштаи ДНК-и ҳуҷайраи инсон маълумотҳоеро

4. *Lovejoy Surgicenter v. Advocates for Life Ministries*, et al., 1989, testimony of Aileen Klass.
5. Alexander Tsiaras, *From Conception to Birth: A Life Unfolds* (New York: Doubleday, 2002).
6. *Missouri Revised Statutes*, chapter 1, “Laws in Force and Construction of Statutes,” Section 1.205, August 28, 2003. Нигох: www.moga.state.mo.us/statutes/C000-099/0010000205.htm.

дар бар мегирад, ки ба китобхонаи аз як ҳазор ҷилд иборат буда, ҳаммаъно мебошад.[7]

Ҳуҷайраҳои инсони нав хеле зуд тақсим шуда афзоиш меёбанд, ки он ба нашъунамои беназир оварда мерасонад. Нашъунамо вуҷуд дорад, зеро ки ҳаёт вуҷуд дорад. Муддатҳо пеш аз он, ки зан аз ҳомиладории худ бохабар мегардад, андаруни ӯ инсони зинда ва нашъунамоёбанда мавҷуд аст.

Дар марҳилаи аз панҷ то нӯҳ рӯза аз лаҳзаи бордорӣ инсони нав дар паҳлӯи батни модар пинҳон аст, ки он барои ӯ ҳимоя мебошад ва ӯро бо ҳама чизи зарурӣ таъмин менамояд. Аллакай дар ин марҳила ҷинси одами навро муайян кардан мумкин аст. Дар рӯзи чордаҳум кӯдак гормонҳо мебарорад, ки он давраи ҳайзи модарро фурӯ менишонад. Боз ду ҳафта пас тифл тарҳи бадани инсонро пайдо мекунад, пас аз се ҳафтаи дигар бошад он ба пуррагӣ аён мегардад. Аз рӯзҳои аввалини ҳаёти худ ӯ аллакай намояндаи комилҳуқуқи башарият мебошад.

Азбаски мо ба одамон аз рӯи қиёфа баҳо додан одат кардаем, аз давраи бордорӣ то таваллудшавӣ, тифли таваллуднаёфта аз ҷониби аксарият чун инсон ба маънои пурраи ин калима, қабул карда намешавад. Ба ҳар ҳол, мувофиқи маълумотҳои илмии воқеӣ ӯ ба монанди ҳар як кӯдаки дигар ё калонсол ҳамин гуна инсон мебошад. Ӯ чун инсон намуд дорад, вале дар марҳилаи инкишофи худ қарор дорад.

Пас аз ҳаждаҳ рӯзи баъди бордорӣ дил ташаккул меёбад ва чашмҳо ба инкишофёбӣ оғоз мекунанд. Баъд аз бисту як рӯз дил алвонҷ додани хунро ба рагҳои хунгарди организми ӯ оғоз мекунад. Баъд аз бисту ҳашт рӯз дастҳо ва пойҳои тифли таваллуднаёфта ташаккул меёбанд. Баъд аз сӣ рӯз мағзи сари ӯ ташаккул меёбад ва он ба андозаи даҳ ҳазор маротиба меафзояд.

---

7. R. Houwink, *Data: Mirrors of Science* (New York: American Elsevier Publishing Co., Inc., 1970), 104-190.

Баъд аз сию панҷ рӯз аллакай даҳон, гӯш ва бинии ӯ ташаккул меёбад. Баъд аз чил рӯз бо стетоскопи ултрасадонок алаккай кори мағзи сар ва тапиши дилро ки, се ҳафта пеш аз он оғоз ёфта буд, қайд кардан мумкин аст. Баъд аз чилу ду рӯз устухонбандиҳо аллакай ташкил ёфтаанд, мағзи сари кӯдак бошад қобилияти назорат кардани ҳаракати мушакҳо ва кори узвҳоро дорад.

Новобаста аз он, ки тифл чӣ гуна намуд дорад, ӯ тифл аст. Исқоти ҳамл дар ҳама ҳолат қатли кӯдак ҳисоб меёбад. Воситаҳои хеле барвақтӣ, ки ба исқоти ҳамл оварда мерасонанд, аз он ҷумла Мифепристон (RU-486) ва ҳамаи доруҳое, ки ба исқоти ҳамл меоранд, ба ҳар ҳол инсонро аз ҳаёт маҳрум месозанд.

Фоҷиаи ҳаёт

Аксбардори маъруф, ки тифлони таваллуднаёфтаро андаруни батни модар сурат мегирад, Леннарт Нильссон, бо аксҳои худ, ки дар маҷаллаи «Лайф» чоп шудаанд ва инчунин бо китоби худ «Тифл таваллуд меёбад», хеле машхур гаштааст. Дар асари худ «Фоҷиаи ҳаёт пеш аз таваллуд» ӯ дар бораи тифле чунин мегӯяд, ки аз лаҳзаи бордорӣ чилу панч рӯз дорад (вақте ки аксарияти занҳо ҳатто дар бораи ҳомиладории худ ҳанӯз намедонанд): «Гарчанде ҷанин дар ин вақт ҳамагӣ 1\30 унций (0.85 гр.) вазн дорад, вай аллакай дорои узвҳои дарунӣ мебошад, ки одамони калонсол дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи худ доранд. Ӯ аллакай даҳони хурдакак бо лабҳо, забон ва таҳкурсӣ барои пайдо кардани 20 дандони шир дорад. Аллакай ҷинс ва узвҳои тазаккури ӯ ба ташаккулёбӣ оғоз менамоянд».[8]

Дар ҳафтаи ҳаштум дастҳо ва пойҳо аллакай амалан пурра ташаккул ёфтаанд. Дар ҳафтаи нӯҳум тифл ангуштонашро дар гирди чизе, ки дар кафи даст мебошад, қат мекунад. Нохунҳо ташаккул меёбанд ва тифл ба макидани сарангушти худ сар

[8]. Lennart Nilsson, “Drama of Life before Birth,” *Life*, 30 April 1965.

мекунад. Тифли нӯҳҳафтаина аллакай «муаллақ мезанад, инчунин метавонад тела диҳад ва бо пойҳояш лаґад занад».[9]

Тифли ҳанӯз таваллуднашуда аллакай ба омилҳо ҷавоб медиҳад ва метавонад дардро эҳсос кунад.[10] Ба ҳар ҳол исқоти ҳамл дар ин марҳила «исқоти ҳамли барвақтӣ» ҳисобида мешавад.

Дар ҳафтаи даҳум тифл чашмонашро нимпӯш мекунад, фурӯ мебарад ва абрӯ чин мекунад. Дар ҳафтаи ёздаҳум ӯ пешоб мекунад, ҳар намуд рӯяшро турш мекунад ва ҳатто табассум менамояд.[11] Дар ҳафтаи дувоздаҳум ӯ тела медиҳад, кафи пояшро тоб медиҳад, ангуштони пояшро меҷунбонад, муштчаҳояшро мефишурад, сарангуштони дастонашро меҷунбонад, банди дасташро қат мекунад ва даҳонашро мекушояд.[12]

Ҳамаи ин дар сеяки аввали ҳомиладорӣ ба амал меояд, дар се моҳи аввали ҳаёт. Дар шаш моҳи боқимонда ягон хел инкишофи нав ё ҳаракат ба амал намеояд. Тифли ташаккулёфта фақат калон мешавад ва месабзад – дар сурате, ки агар ҳаёти ӯ дар натиҷаи бачапартоӣ ё исқоти ҳамл канда нагардад.

Ҳақиқати баҳснопазири илмӣ дар он аст, ки ҳар як исқоти ҳамл бо роҳи ҷарроҳӣ тапиши дил ва кори мағзи сари кулли ҳаёти инсониро қатъ мегардонад.

Лаҳзаеро, ки дили одам аз тапиш бозмемонад ва кори мағзи сар қатъ мегардад, мо чӣ гуна тавсиф медиҳем? Вафот.

---

9. "The Facts of Life," (Norcross, GA: Human Development Resource Council), 2.
10. Vincent J. Collins, "Fetal Pain and Abortion: The Medical Evidence," *Studies in Law and Medicine* (Chicago: Americans United for Life, 1984), 6-7.
11. Нигоҳ к: *Newsweek*, June 9, 2003, "The War over Fetal Rights," 40-47.
12. Ин ҳақиқати илмии равшан ва исботшуда мебошанд. Масалан, нигоҳ к.: Landrum Shettles and David Rorvik, *Rites of Life* (Grand Rapids: Zondervan, 1983), 41-66.

Ҷараёнеро, ки дар он тапиши дил ва кори мағзи сар ба амал меояд, мо чӣ гуна тавсиф медиҳем? Ҳаёт. Ҳар як исқоти ҳамл дар пеши роҳи ҳаёти инсон монеа мегардад.

Асмд

Скотт Клюзендорф тасдиқ менамояд: «Ҷавоб бар суоли „Ин чист?“ хусусияти тамоми суҳбатро муайян месозад».[13] Ӯ қайд менамояд, ки миёни тифли ҳанӯз таваллуднашуда ва тифли навзод танҳо чор фарқият вуҷуд дорад. Онҳоро бо ёрии ихтисори АСМД дар ёд доштан осон аст.[14] Мухтасар маънои онро пешниҳод менамоям:

Андоза: Оё андозаи ҷисми шумо дар бораи кӣ будани шумо гап мезанад?

Савияи инкишоф: Оё бистучорсолагонро одам, вале даҳсолагонро одам не номидан мумкин аст, танҳо ба хотири он, ки якуминҳо пуртаҷриба ва боқувваттаранд?

Муҳит: Оё шумо одам ё одам набуда метавонед, аз он ки дар хона ҳастед ё берун аз он? Оё кӯдак ба андозаи камтарин одам шуда метавонад, аз он ки дар батни модар қарор дорад?

Дараҷаи тобеият: Оё тобеияти шумо аз инсони дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки шумо кӣ ҳастед? Оё шахсе, ки аз бемории алзоймер (альцгеймер) ранҷ мекашад ё бо диализ зиндагӣ мекунад, дигар одам нест? Оё ман дигар одам намешавам, агар гирифтори касалии қанд гашта аз инсулин вобаста гардам?

---

13. Scott Klusendorf, *Pro-Life 101: A Step-by-Step Guide to Making Your Case Persuasively* (Signal Hill, CA: Stand to Reason Press, 2002).
14. Justin Taylor, “Sticker Shock,” *World*, January 17, 2004, 43.

Ҷанини семоҳа аз кӯдаки даҳсола дида хеле хурдтар мебошад, хеле кам инкишоф ёфтааст ва бе ғамхории беруна комилан оҷиз аст, зеро ӯ ҳоло ба дунё наомадааст.

Савол дар он нест, ки тифли таваллуднашуда чанд вақтина аст, чӣ гуна андоза дорад ё чӣ қадар ӯ нотавон мебошад, балки дар он, ки ӯ кӣст.

Ҷавоб оддӣ – ӯ инсон аст.

Боби 4

Фарқиятӣ миёни тухмҳуҷайра, нутфа, ҷанин ва ҷанини batн дар чӣ аст?

Ду сол пеш аз он, ки дар Амрико исқоти ҳамл расман иҷозат дода шуда буд, яке аз тарафдорони озодии исқоти ҳамл ба коркунони тиббӣ дар яке аз маҷаллаҳои машҳури тиббӣ муроҷиат намуда гуфт: «Тавассути кор бо аҳли ҷомеа, истифодабарии забон, нуқтаи назар ва қонунҳо тасаввуротро оид ба исқоти ҳамл аз тасаввуроти қатл ҷудо кардан мумкин аст».[1] Дар худи ҳамон сол симпозиум дар Лос-Анҷелес чунин ақидаро пешниҳод намуд: «Агар шумо гӯед, ки „кӯдакро кашида мебарорем“, бо ин шумо метавонед ба осонӣ зарба занед; ба ҷои ин чунин гӯед „бачадонро холӣ кардан“ ё ин ки „баровардани он чизе, ки дар дохили бачадон аст“, лекин ба ҳеҷ ваҷҳ нагӯед „кӯдакро баровардан„».[2]

Забон на танҳо ифодаи шуур аст, балки воситаи ташаккули шуур низ мебошад. Он тавре, ки мо калимаҳоро истифода мебарем, ба он, ки ин ё он ақидаро мо чӣ гуна қабул мекунем, таъсир мерасонад, ҳатто чунин ақидаеро, ки агар ҳар як чизро бо номи худаш гӯем, он танҳо нафратангез мегардад.

---

1. Leonide M. Tanner, ed., “Developing Professional Parameters: Nursing and Social Work Roles in the Care of the Induced Abortion Patient,” *Clinical Obstetrics and Gynecology* 14 (December 1971): 1271.
2. Paul Marx, *The Death Peddlers: War on the Unborn* (Collegeville, MN: St. John’s University Press, 1971), 21.

Суханҳое, ки диққати моро ба ҳомиладорӣ ва бачадон ҷалб менамояд, аз шахсияте, ки дар дохили бачадон аст, дур мебарад. Лекин чӣ хеле, ки мо ин ҷараёнро ном нагирем, «холӣ кардани бачадон» ё «қатъ кардани ҳомиладорӣ», он инсонро аз ҳаёт маҳрум кардан мебошад.

Як феминистзан ва тарафдори таваллуди кӯдакон гуфт: «тарафдорони ба дунё омадани кӯдакон на бар зидди қатъ кардани ҳомиладорӣ баромад мекунанд. Ҳомиладорӣ муддати тамоман кӯтоҳ давом меёбад. Мо қатъ кардани ҳомиладориро ҳамон вақт афзал медонем, вақте ки он ба нӯҳ моҳ мерасад. Мо бар зидди қатли кӯдакон баромад мекунем».[3]

Ҷанини батн чист?

Ба монанди истилоҳоти кӯдак ва наврас, истилоҳоти ҷанин ва ҷанини батн на ба онҳое, ки одам нестанд, тааллуқ доранд, балки ба одамоне, ки дар давраи муайяни инкишофёбӣ қарор доранд. Истилоҳи лотинии foetus, ки чун «ҷанини батн» тарҷума мешавад, инчунин маънои «насл», «тифл» ё «кӯдак» – ро дорад.

Аз нуқтаи назари илмӣ тасдиқ кардан мумкин нест, ки ҷанини инсон ё ҷанини батн инсон шуда наметавонад, танҳо ба хотири он, ки нисбат ба тифли навзод ӯ дар марҳилаи хеле барвақтии инкишоф қарор дорад. Бо чунин комёбӣ тасдиқ кардан мумкин аст, ки кӯдак инсон шуда наметавонад, зеро ки ӯ ҳоло наврас нест. Яке аз духтаронам аз дигараш дар ду сол калон аст. Оё ин маънои онро дорад, ки ӯ дар ду сол аз вай беҳтар мебошад? Оё касе ба дараҷаи баландтар инсон шуда метавонад, то андозае, ки ба камол мерасад? Агар ҳа, пас одамони калонсол аз кӯдакон дида инсонтаранд, футболбозон бошанд инсонтар аз чопандозон мебошанд. Чизе, ки одамӣ нест, ҳангоми калонтар ё бузургтар

[3]. *Feminists for Life Debate Handbook* (Kansas City, MO: Feminists for Life of America, n.d.), 3.

шудан одамӣ шуда наметавонад; он чизе ки табиати инсонӣ дорад, аз ибтидо инсон мебошад.

Оё тухмҳуҷайра ё нутфа шахсият мебошад?

Карл Саган мухолифони исқоти ҳамлро масхара намуда суол мекард: «Барои чӣ нобуд кардани тухмҳуҷайра ё нутфаро мо қатл наменомем?»[4] Ҳар як ходими илмӣ медонад, ҷавоб ба ин суол дар он аст: миёни нутфа ва тухмҳуҷайраҳои бордорнашуда фарқияти асосӣ вуҷуд дорад, аз як тараф ва тухмҳуҷайраҳои бордоршуда ё зиготаҳо аз тарафи дигар.

Ба монанди ҳуҷайраҳои мӯй ё дили инсон на тухмҳуҷайра, на нутфа худ аз худ қобилияти як чизи дигар шуданро надоранд, ки аз худашон фарқ кунад. Лекин, вакте ки тухмҳуҷайра ва нутфа якҷоя мешаванд, ҳаёти нави серҳаракат ва аз ҷиҳати генетикӣ беҳамтои инсон оғоз меёбад. Ин ҳаёт аллакай на нутфа ва на тухмҳуҷайра мебошад, чуноне ки он мувофиқати муқаррарии ин ва он нест. Ҳуҷайраи бордоршуда ҳаёти бордоршудаи инсонӣ мебошад. Ин аллакай шахсият бо ҳаёти шахсии худ мебошад, ки роҳи тези инкишофро интихоб намудааст. Аз лаҳзаи бордорӣ ин нахустин ҳуҷайраи оддӣ дар тамоми маҷмӯи худ лоиҳаи пурраи генетикиро дар бар дорад. Он тамоми ҷузъҳои инкишофи одамро пешакӣ муайян месозад, аз он ҷумла ҷинси кӯдак, ранги мӯйҳо ва чашмони ӯ, вазн, ранги пӯст.[5] Ин ҳуҷайраи оддии навакак бордоршудаи зиготаро гирифта, онро ба ҳуҷайраи шимпанзе ҷо кунед ва «мутахассиси соҳаи генетика ба таври оддӣ муайян мекунад, ки он ба инсон тааллуқ дорад. Тааллуқ доштани он ба инсон аллакай пешакӣ муайян шудааст ва тағйирнаёбанда мебошад».[6]

---

4. Carl Sagan and Ann Druyan, “Is It Possible to Be Pro-Life and Pro-Choice?” *Parade*, 22 April 1990, 4.
5. *The First Nine Months* (Colorado Springs: Focus on the Family), 3.
6. *Preview of a Birth* (Norcross, GA: Human Development Resource Center, 1991), 4.

Ибораи «Самари бордорӣ» нокас ва беқадру эътибор будани кӯдаки таваллуднашударо нишон медиҳад. Дар воқеъ тифл, кӯдаки даҳсола ва одами калонсол ба дараҷаи баробар «самари бордорӣ» мебошанд, аз ҷанини батн на кам ва на зиёд. Мисли он, ки самари бордории асп ҳамеша асп мешавад, ҳамин тавр самари бордории одам низ ҳамеша одам мешавад.

Мубоҳисаҳо дар гирди риштаҳои ҳуҷайраҳои ҷанин мисоли он шуда метавонанд, ки семантика (маънои калима) чӣ гуна қувва дорад. Риштаҳои ҳуҷайра – ин ҳуҷайраҳои асосии серпаҳлӯ мебошанд, ки аз онҳо бофтаҳо ва узвҳои сершумор инкишоф меёбанд. Азбаски онҳо барои тадқиқотҳои биотиббӣ чун маводи асосӣ дида мешаванд, онҳоро аз бофтаҳои хушсифати организми инсон ба даст овардан мумкин аст, аз он ҷумла аз одамоне, ки ба ин розигӣ медиҳанд, аз ҳуҷайраҳои хун ва аз ҳамроҳак. Лекин аксарияти олимон кӯшиш мекунанд, ки риштаҳои ҳуҷайраҳои ҷанини инсонро истифода кунанд, ки дар ин ҷараён онҳо метавонанд қобилияти ҳаётии худро гум кунанд. Баҳсҳо роҷеъ ба ахлоқӣ будани озмоишҳои ба ин монанд оқибатҳои ҷиддӣ дошта метавонад, зеро аз он, ки чӣ тавр баҳс ҳал мешавад, вобаста мегардад, ки то чӣ андоза мо ҳаёти инсонро қадр мекунем ва оё мо ҳаёти як одамонро аз ҳисоби ҳаёти дигарон наҷот медиҳем.[7]

Қайд кардан аҷиб аст, ки аз рӯи маълумотҳои донишкадаи Миллии нигоҳдории тандурустӣ ҷомеа бар зидди «таҳқиқи риштаҳои ҳуҷайраҳои ҷанини инсон» баромад мекунад, ки дар натиҷаи он ҷанинҳои инсонӣ нобуд мегарданд. Аз ин сабаб донишкадаи Миллии нигоҳдории тандурустӣ барои тавсифи худи ҳамон зуҳурот истилоҳи навро фикр карда баровард: «Таҳқиқи риштаҳои ҳуҷайраи плюрипотентии инсон». Истилоҳи нав он ҳақиқатро рӯпӯш мекунад, ки ҷанинҳои инсон мақсади

7. Нигоҳ к: Scott Klusendorf, “Harvesting the Unborn: The Ethics of Embryo Stem Cell Research,” www.str.org/free/bioethics/harvest.pdf.

ин озмоишҳо мемонанд.[8] Ба ҷои он, ки озмоишҳои бераҳмонаро қатъ кунанд, номҳои дигар фикр карда мебароянд.

Бе ягон шубҳа

Агар ба клон (клонирование) кардани инсон ягон вақт ноил гарданд, он гоҳ одам метавонад, дар ҳар лаҳзаи баъди бордорӣ ба доираи ҳаёт қадам монад. Дар ин сурат худи ҳолати инсон ба ягон тағйиротҳо дучор намеояд. Мавзӯи муҳим на аз он иборат мешавад, ки чӣ тавр одамон ба ҳаёт қадам мемонанд, балки дар он, ки онҳо дар ин ҳаёт иштирок мекунанд.

Д-р Томас Хилгертс тасдиқ мекунад: «Ягон организми зинда наметавонад шахсият „шавад“, агар он аллакай шахсият нест. Ягон махлуқи зинда наметавонад ягон чизи дигар шавад, фарқкунанда аз он чизе бошад, ки дар моҳияти худ ӯ ҳамон гуна аст.[9]

Табибоне, ки исқоти ҳамл мегузаронанд, хеле ошкоро шудаанд. Он чизе, ки дар ҷараёни исқоти ҳамл ба амал меояд, онҳо хеле ошкоро тасвир менамоянд. Д-р Уоррен Херн, ки табибонро барои ҳуҷраҳои исқоти ҳамл (абортарий) омода мекунад, менависад:

> Ман ба як зани ҷавон, ки дар 17-ум ҳафтаи ҳомиладорӣ қарор дошт, исқоти ҳамл мекардам...Ман амбӯри ҷарроҳиро гирифта ба ҷанин даровардам ва аз каллаи ҷанин, ки ҳоло зинда буд, зеро дар ин давраи ҳомиладорӣ тазриқи (инъекция) батнӣ гузаронида намешавад, доштам. Ман амбӯрро фишурдам, косахонаи ҷанинро маҷақ кардам ва

---

8. “Deadline Extended for Comment to NIH on Stem Cells Harvesting,” *Prolife Infonet*, 31 January 2000.
9. Thomas W. Hilgers, Dennis J. Horan and David Mall, eds., *New Perspectives on Human Abortion* (Frederick, MD: University Publications of America Inc./Aletheia Books, 1981), 351.

> баъд аз он амбӯрро берун овардам. Ҷанине, ки акнун мурда буд, бе ягон мушкилии хоса ғеҷида баромад.[10]

Ин одам, ки ҳаёти худро барои гузаронидани исқоти ҳамл ва таълими дигар одамон барои иҷро кардани ҳамин кор бахшидааст, куллан ба он шубҳа надорад, ки исқоти ҳамл кӯдакро мекушад.

---

10. *Slate: Medical Examiner*, "Did I Violate the Partial-Birth Abortion Ban? A Doctor Ponders a New Era of Prosecution," by Dr. Warren M. Hern, October 22, 2003; http://slate.msn.com/id/2090215.

Боби 5

Оё тифли таваллуднашуда узви бадани зан мебошад?

Чун бисёр дигар касон, файласуф Мортимер Адлер баён намуд, ки кӯдаки таваллуднашуда «узви бадани модар мебошад, айнан дар ҳамон маъно, ки чун даст ва пойи инсон узви организми зинда мебошад. Қарори инсон оиди бурида партофтани даст ё пой кори шахсии ӯ мебошад. Ӯ ҳуқуқи чӣ хеле, ки дуруст меҳисобад, рафтор карданро дорад, танҳо агар рафтори ӯ ба дигар одамон ё беҳбудии ҷамъият зарар нарасонад».[1]

Ҳақиқат ё дурӯғ?

Мансубияти узви бадан ба худи бадан бо рамзи генетикии бо ин бадан умумӣ муайян карда мешавад. Ҳар як ҳуҷайраи оҳани бодомшакл, аппендикс, дил ва шуши модар дар худ ҳамон як рамзи генетикиро дорад. Тифле, ки дар батни модар аст, ӯ низ рамзи генетикӣ дорад, лекин он аз рамзи модараш фарқ мекунад. Ҳар як ҳуҷайраи бадани ӯ танҳо ба ӯ хос аст ва он аз рӯи хусусиятҳои худ аз ҳуҷайраҳои бадани модараш фарқ мекунад. Аксар вақт навъи хуни кӯдак ҳам фарқ мекунад, чуноне ки дар нисфи ҳолатҳо ҷинси кӯдак низ фарқ мекунад.

---

1. Mortimer J. Adler, *Haves without Have-Nots: Essays for the 21st Century on Democracy and Socialism* (New York: MacMillan, 1991), 210.

Агар бадани зан дар давраи ҳомилагӣ ягонагии комилро нишон диҳад, пас дар ин матн тамоми узвҳои баданро низ, ки ӯ дорад, дида бароед: ду бинӣ, чор пой, ду маҷмӯъ нақши ангуштон, ду мағзи сар, ду системаи хунгард, ду устухонбандӣ. Дар нисфи ҳолатҳо ӯ ҳатто узвҳои таносули мардона дорад. Агар зан узвҳои таносули мардона дошта натавонад, он гоҳ он писар, ки ӯро дар батни худ дорад, наметавонад узви бадани ӯ бошад.

Агар зиготаи хитоиро ба зани шведӣ ҷойгир кунем, ин зигота ба ҳар ҳол хитоӣ мемонад, на шведӣ, зеро комилан мутобиқ будани зигота бо рамзи генетикии он муайян карда мешавад, на бо он бадане, ки вай дар он қарор мегирад.

Кӯдак метавонад фавтад, вале модар бо вуҷуди ин метавонад зиндагиро давом диҳад ё модар метавонад фавтад, вале кӯдак зистанро давом медиҳад. Ин боз як бори дигар исбот менамояд, ки инҳо ду инсонҳои гуногун мебошанд.[2]

Профессор В.А. Голиченков (Донишгоҳи Давлатии Маскав ба номи М. В. Ломоносов, кафедраи эмбриология) ва профессор Д. В. Попов (кафедраи эмбриология) тасдиқ мекунанд: «дар тамоми муддати инкишофи дохилибатнӣ организми нави инсон наметавонад узви бадани модар ҳисобида шавад. Онро ба узв ё ҳиссаи узви организми модар монанд кардан мумкин нест».

Вақте ки ҷарроҳон ҷарроҳии пеш аз таваллудӣ мекунанд, кӯдакро, ки ба модари худ бо нофаш пайваст аст, мебароранд, ба ӯ доруи карахткунанда (анестезия) медиҳанд, ӯро ҷарроҳӣ мекунанд ва баъд боз ба организми модар ҷойгир мекунанд. Ин гуна кӯдакро бемор меноманд, ӯро ҷарроҳӣ мекунанд, барои ӯ ҳуҷҷатҳои алоҳидаи тиббӣ ташкил мекунанд, ки дар он навъи хун ва ҳамаи дигар нишондиҳандаҳои ҳаётан муҳим сабт шудаанд.

---

[2]. “Brain-Dead Woman Gives Birth,” *The Oregonian*, 31 July 1987.

Дар соли 1999 ба як тифл бо номи Самуэл Армас, ки ҳанӯз ба дунё наомада буд, бо сабаби иллати инкишофи сутунмӯҳра ҷарроҳӣ карда буданд. Суратҳо бо акси ӯ, ки дар маҷаллаи «Лайф» чоп шуда буданд, диққати аҳли ҷомеаи ҷаҳонро ҷалб намуданд. Вақте ки ҷарроҳӣ аллакай ба охир мерасид, тифлак Самуэл дасташро аз батн берун оварда аз ангушти ҷарроҳ қаппид. Рӯзноманигори аксбардор Майкл Клэнси ин воқеаи аҷибро дар навор сабт намуд. (Дар пушти муқоваи ин китоб шумо метавонед сурати ба ин монандро бубинед, ки инчунин дар маҷаллаи «Лайф» чоп шудааст, вақте ки айнан ҳамин гуна ҷарроҳиро бо духтараки таваллуднашуда Сарра Мэри Суитзер гузаронида буданд). Клэнси шарҳ дод: «Ногаҳон аз сурохӣ кафи даст пайдо шуд, дере нагузашта тамоми дасти тифлак ҳам. Ҷарроҳ ба сӯи ӯ дасти худро дароз кард ва дасти хурдакакро каме боло бардошт. Тифлак ҳамон замон аз ангушти ҷарроҳ қапид. Гуё, ки онро дар устуворӣ месанҷида бошад, ҷарроҳ кафи хурдакаки ӯро фишурд. Самуэл ба дастфушурӣ ҷавоб дод. Ҳамин вақт ман ин лаҳзаро аксбардорӣ намудам! Ин мӯъҷиза аст!» (3)[3]

Самуэл Армас аз нав ба батни модар гузошта шуда буд ва баъд ҷариб пас аз чор моҳ ба дунё омад. Чӣ тавр ин фурсат, вақте ки Самуэл аз ангушти ҷарроҳ дошт, ба Клэнси таъсир расонд? «Ҳамон рӯз Клэнси, ки тарафдори озодии исқоти ҳамл буд, тарафдори маҳкамэътиқоди таваллуди кӯдакон ба ҳаёт гардид. Чӣ хеле, ки худаш баъд гуфт: „Баъд аз он ҷарроҳӣ ман ҷариб ду соат ба худ омада наметавонистам... Акнун ман медонам, ки исқоти ҳамл – ин бадӣ аст. Ин ҷинояти аз ҳама ҳақиқӣ мебошад”».[4]

---

3. Нигоҳ: www.michaelclancy/.com/story.html.
4. Chuck Colson, “Life-and-Death Decisions: Praying for the Supremes,” BreakPoint Commentary #000425, 25 April 2000.

Наход, ки касе ба таври ҷиддӣ бовар кунад, ки ин бемори дардро эҳсоскунанда, муштчаҳояшро мефишурда дар бадани модари худ танҳо узви изофӣ мебошад? Наход, касе тасдиқ карда тавонад, модоме ки ӯро аз нав ба батни модар ҷо кардаанд, танҳо бо ҳамин сабаб ӯро ба таври қонунӣ дар ҳар лаҳзаи аз он чор моҳи боқимонда, ки пас аз он ӯ ба дунё омадааст, қатл кардан мумкин буд?

Ғунҷоишнопазирии мутлақ

Агар дар донишгоҳи Тиббии Каролинаи Ҷанубӣ таҷзияи пешоби зани ҳомиладор нишон диҳад, ки ӯ чакидаи кокаро истеъмол менамояд, ӯро метавонанд барои паҳн намудани анвои нашъа миёни ноболиғон ба ҳабс гиранд. Инчунин дар штати Иллинойс зани ҳомиладор, ки ғайриқонунӣ нашъа истеъмол менамояд, метавонад барои «ба ноболиғ ба миқдори маҳдудкардашуда расонидани моддаи нашъадор» ба мурофиа афтад. Ин ошкоро аз он шаҳодат медиҳад, ки тифли таваллуднашуда шахсият мебошад, ки ҳатто аз модари худ ба ҳимоя ҳуқуқ дорад.

Бо вуҷуди ин ҳамон зане, ки ӯро ба роҳи судӣ ба мурофиа кашидан мумкин аст ва бо сабаби он, ки ӯ кӯдаки худро дар зери хатар мемонад, аз озодӣ маҳрум кардан мумкин аст, худи ҳамон зан ҳуқуқи исқоти ҳамл карданро дорад, ки худи ҳамин кӯдакро қатл мекунад. Дар Амрикои имрӯза зарар расондан ба тифли ҳанӯз таваллуднашуда ҷиноят ҳисобида мешавад, вале қатл кардани ӯ ҷиноят ҳисоб намешавад.

Дар Оригона, дар ҳар муассисае, ки бо масъалаҳои майзадагӣ машғуланд, бояд чунин плакат овезон бошад:

Агар машруботи спиртӣ ба тифлони ҳанӯз таваллуднашуда зарар расонад, он гоҳ исқоти ҳамл бо онҳо чӣ кор мекунад?

Анҷумани ШМА барои ақибандозӣ намудани ҳукми қатл нисбат ба зани ҳомиладор то вақти таваллуди ӯ якдилона овоз доданд. Ҳар як аъзои анҷуман, гарчанде, ки ӯ тарафдори озодии исқоти ҳамл бошад ҳам, медонад, ки тифли таваллуднашуда шахсияти алоҳида мебошад, ки дар ҷиноятї модараш гунаҳкор нест. Касе ақибандозӣ кардани ҳукми қатлро ба манфиати дил, гурда ё оҳани бодомшакли инсони маҳкумшуда талаб намекунад.

Аксарияти штатҳо қонун қабул кардаанд, ки аз ҳаёт маҳрум сохтани кӯдаки ҳанӯз таваллуднашударо, ба воситаи ҳар касе, ки бошад, ба ғайр аз модар, ҳамчун қатл эътироф менамояд. Ин қонун якмаънӣ тасдиқ менамояд, ки кӯдак одамизод мебошад. Дар соли 2004 Анҷуман «Амали зӯровариро нисбати қурбониёни таваллуднашуда» қабул кард, ки дар он гуфта шудааст, ҳар касе, ки «дидаву дониста қатл мекунад ё кӯшиш менамояд, ки кӯдаки таваллуднашударо қатл кунад... дар куштори барқасдона ё сӯиқасд барои куштани одам... гунаҳкор дониста мешавад». [5]

---

[5]. HR 1997 was passed by a Senate roll call vote of 61-38, March 25, 2004.

Ба хусусиятҳои аҷиби ин нусхаи мунофиқ диққат диҳед. Агар зан нияти исқоти ҳамл кардан дорад, лекин дар роҳ ба сӯи бемористон касе аз ҷониби дигар ин кӯдакро мекушад, он гоҳ қотили ин кӯдакро барои қатл маҳкум месозанд. Лекин, агар ин куштор ба амал наояд, он гоҳ пас аз як соат ҷарроҳ барои маросими қонунии қатли худи ҳамон кӯдак музд мегирад (қатле, ки эҳтимол, бо усули аз ин ҳам бераҳмонатар содиргашта).

Ба кӯдак чӣ фарқ дорад, ки ӯро кӣ мекушад?

Дарси Луиза Браун

Андаруни чизе будан ва узви худи ҳамин чиз будан – ҳамон як маъноро надорад. (Агар мошин дар даруни мошинхона (гараж) нигоҳ дошта шавад, ин маънои онро надорад, ки он ҷузъи мошинхона мебошад). Луиза Браун – нахустин кӯдаке мебошад, ки ҳаёти ӯ дар дохили найчашиша оғоз ёфтааст – ӯ, ҳангоме, ки нутфа ва тухмҳуҷайра дар косачаи Петри пайваст шуданд, бордор шуда буд. Оё ӯ узви бадани модараш гардид, вақте ки ӯро дар батни ӯ ҷо карданд? Айнан дар ҳамон дараҷае, ки ӯ ҷузъи косачаи Петри буд, то он лаҳзае ки дар он мезист.

Ҳуқуқи одамонро мувофиқи он, ки онҳо дар куҷо воқеъ мебошанд, поймол кардан лозим нест. Дар муқоиса бо он, ки то таваллуд кӯдак чӣ гуна буд, баъд аз таваллуд ҳам ӯ қатъиян дигар намешавад,. Вақте ки кӯдак аз батни модар ба дунё меояд, ягон муъҷиза ба амал намеояд, ки аз реша табиати тифлро тағйир диҳад.

Боби 6

Ин суратҳо ба мо чӣ мегӯянд?

Носозии аз ҳама калон барои кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда ҳамеша он ҳолат буд, ки дар батни модар тиреза нест. Тақдири ӯ ҳамеша дар дасти онҳое буд, ки ӯро дида наметавонистанд. Вале дар солҳои охир вазъият дар ин ҷо ба таври қатъӣ тағйир ёфт.

Маҷаллаҳои «Тайм» дар соли 2002 ва «Нюсуик» дар соли 2003 суратҳои ултрасадои мафтункунандаи кӯдакони ҳанӯз таваллунашударо нашр намуданд.[1] Дар маҷаллаи «Нюсуик» аксҳо бо шарҳ баён мешуданд: «Оё ҷанини дохилибатн метавонад аз ҳуқуқҳои инсон истифода барад? Чӣ тавр илм тасаввуроти анъанавиро тағйир медиҳад».

Вақте ки ба ин суратҳо нигоҳ мекунӣ, ҳама баҳсҳо ва далелҳо худ аз худ фурӯ менишинанд.

Имкониятҳои ултрасадо

Ребекка Нэнсэрроу бо 80 доллар санҷиши ултрасадоиро дар маркази банақшагирии оила гузашт, вале ба ӯ натиҷаҳои онро дидан надоданд ва гуфтанд: «Ба шумо аз ин танҳо вазнинтар мешавад». Бо чунин ҷавоб қаноатманд нагардида, ӯ ба маркази

---

1. Madeline Nash, “Inside the Womb,” *Time*, November 11, 2002, 68-77; Debra Rosenberg, “The War Over Fetal Rights,” *Newsweek*, June 9, 2003, 40-51.

дастгирии ҳомиладорӣ омад, ки дар он ҷо санҷиши такрориро ройгон гузашт ва ба ӯ имконияти ба натиҷаҳо нигоҳ карданро доданд. Ӯ гуфт: «Агар ман ин сонограммаро намекардам, ман ба исқоти ҳамл ҷуръат менамудам. Вале сонограмма маро ба 100% бовар кунонид, ки андаруни ман ҳаёти дигар ҳаст, на танҳо ҷисми биологӣ». [2]

Аз рӯи Томас Глесснер, «то пайдоиши технологияи ултрасадоӣ, аз рӯи маълумотҳои марказҳои ҳомиладорӣ, баъд аз гузаштани санҷишу машвератҳо, занҳое, ки нияти исқоти ҳамл карданро доштанд, аз 20 то 30% муроҷиаткунандагон қарор мекарданд, ки дар вақту соаташ таваллуд кунанд. Баъд аз он, ки ин гуна марказҳо дорои таҷҳизотҳои ултрасадоӣ гаштанд, шумораи ин гуна занҳо ба 80-90% афзуд».[3]

Одри Стаут, коркуни тиббӣ, ба ман нақл намуд, ки чӣ тавр ба назди ӯ барои ҲТУ (ҳуҷраи ташхиси ултрасадоӣ) як зани ҳомиладор омад. Ӯ мушоҳида менамуд, ки чӣ тавр кӯдак «даҳонашро кушод ва пӯшид, иккос зад, худро ба қафо партофт, гӯё ки дар курсӣ нишаста бошад, пойҳои хурдакаки худро дароз кард. Ӯ ҳатто дасташро боло кард ва модар тавонист ҳамаи панҷаҳоро дар дасти ӯ бишуморад». Ҳамаи ин дар модар таассуроти фаромӯшнашавандаро ба вуҷуд овард».

Вақте ки Одри муоинаро ба охир расонд, ӯ аз зан пурсид, ки баъд ӯ чӣ кор карданӣ ҳаст. Ӯ ҷавоб дод: „Ман ҳатман тифли худро таваллуд мекунам”. Ман пурсидам, ки оё ин муоина нақшаҳои ӯро тағйир дод. Ӯ ҷавоб дод: „Бале ва ба таври қатъӣ. Охир ман ин ҷо барои он омадам, то ки ҳал намоям, ки

---

2. Mark O'Keefe, “Activists Tout Ultrasound Images to Discourage Abortion,” Newhouse News Service, www.newhouse.com/archive/okeefe021903.html, © 2003.
3. Jennifer Kabbany, “Abortion vs. Ultrasound,” *Washington Times*, October 29, 2003.

бо ҳомиладории худ чӣ кор кунам. Ман метавонистам исқоти ҳамлро интихоб намоям”».[4]

Дар ҳар як маркази ҳомиладорӣ, ки усули ултрасадоиро истифода мебаранд, ба шумо метавонанд ҳазорҳо чунин воқеаҳоро нақл кунанд. Шабакаҳои интернет инчунин тасвирҳои аҷоиби ултрасадоиро нишон медиҳанд; дар баъзеаш равшан дида мешавад, ки чӣ тавр тифл табассум мекунад, хамёза мекашад, дароз мекашад, хоб меравад.[5]

Лекин, ҳатто дар ин мавридҳо ҳам фоизи рад намуданҳо аз ҳомилагӣ ба таври аҷиб зиёд мемонад. Вақте ки ман аксҳои ултрасадоии кӯдаки ҳаштҳафтаинаи таваллуднашударо ба тарафдори озодии исқоти ҳамл – хатмкунандаи бомаърифати коллеҷ нишон додам, ӯ аз ман пурсид: «Оё шумо дар ҳақиқат фикр мекунед, ки бо ин ҳиллаву найрангҳо метавонед ҳар касро аз фикраш гардонед?».

Ман ҷавоб додам, ки ӯ метавонад ба ҳуҷҷатҳои маркази Тиббии Донишгоҳи Гарвард, ба маҷаллаи «Лайф»[6] ё ин ки ба китоби Нилссон «Кӯдак таваллуд мешавад»[7] муроҷиат намояд ва дар он ҷо айнан ҳамин хел суратҳоро бубинад. Ӯ маро гӯш кардан нахост. Бо ин ҳама ӯ гуё гуфта бошад: «Маълум аст, ки дар ин суратҳо кӯдак аст ва агар ман ба он бовар кардан нахоҳам, ки исқоти ҳамл мекушад, пас ман ба ҳақиқӣ будани ин суратҳо ҳам бовар кардан намехоҳам».

---

4. Audrey Stout, Marietta, GA, e-mail to Randy Alcorn, February 12, 2000.
5. Нигоҳ: www.logiqhbrary.com/browseAction.cfm?productID=20; www.geddeskeepsake.com/showcase.html; www.clearviewultrasound.com/gallery.asp;firstsightultrasound.com/4d_liveSA.htm; www.gemedicalsystems.com/rad/us/4d/virtual.html; барои ёфтани саҳифаҳои дигар, калимаҳои ultrasound, images, ва unborn-ро дар системаи ҷустуҷӯи дохил намоед.
6. *Life*, August 1990.
7. Lennart Nilsson, *A Child Is Born* (New York: Delacorte Press, 1977).

Ҷасади мурда чиро нишон медиҳад

Дар як филм, ки «Бахшоиши интихоб» ном дорад, гуфта мешавад, ки кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда «шабоҳати шахсияти оянда» мебошад. Вале ҳамон чизе, ки баъд аз исқоти ҳамл мемонад, ин қисмҳои бадани хурдакак вале хеле хуб ташаккулёфта – дастҳо, пойҳо, бадан, сар мебошад. Ҷасади ҷисмонӣ дар бораи охирати ҳаёти на имконпазир – балки аслан ҳаёт шаҳодат медиҳад. Агар шумо ба ин бовар накунед, ба ин ҷасадҳо баъд аз исқоти ҳамл худатон нигоҳ кунед.[8] Агар ин манзара барои шумо тоқатфарсо набошад, пас аз худатон пурсед, барои чӣ. Агар он аз ҷисми биологӣ дида бештар набошад, на ин ки кӯдаки ба қисмҳо ҷудокардашуда, ба гумон аст, ки он ба шумо таассуроти сахт расонад, ҳамин тавр не?

Дар китоби дарсии худ «Таҷрибаи исқоти ҳамл» д-р Уоррен Херн менависад: «Барои сарро аз тан ҷудо кардан ва ба қисмҳо ҷудо кардани ҷанини дохилибатн қайчиҳои дарози де Майо бо теғҳои каҷ лозим мешаванд».[9] Барои сарро аз тан ҷудо кардан сар лозим аст, вале барои ба қисмҳо ҷудо кардан узвҳои бадан лозиманд. Лӯндаҳои ҷисм ва моддаи органикиро ба қисмҳо ҷудо кардан ва аз тан ҷудо кардан номумкин аст.

Барои чӣ худи ҳамон одамон, ки кушторҳои хунин ва чоки нафратовари ҷасадҳоро дар ким-кадом филмҳои ҷангӣ тамошо мекунанд, наметавонанд ба суратҳои исқоти ҳамл бепарвоёна нигоҳ кунанд? Як зани феминист, тарафдори озодии исқоти ҳамл, Наоми Уолф, дар барои суратҳо бо акси кӯдаконе, ки дар натиҷаи исқоти ҳамл кушта шудаанд, сухан гуфта, иқрор шуд:

Аксарият тарафдорони озодии исқоти ҳамл ин гуна тасвирҳоро чун тарғиботи нафратангез қабул мекунанд. Бисёриҳо

---

8 See www.abortiontv.com/AbortionPictures1.htm.

9. Warren Hern, “Operative Procedures and Technique,” *Abortion Practice* (Boulder, CO: Alpenglo Graphics, Inc., 1990), 154.

мефаҳманд, ошкоро мегӯем, ки сифати нафратангези ин суратҳо махсус бо тарафдорони таваллуди кӯдакон бофта шудаанд... яъне онҳо ба тасаввурот чунон таъсир мерасонанд, ки агар ба он ихтиёр диҳанд, он гоҳ чунин мебарояд, ки гуё тамоми олам – ин ҷои даҳшатангез аст, ки дар он зиндагӣ кардан ҳам мумкин нест. «Ин гуна одамон ба монанди мо» ин далелҳоро ҳамчун тасвирҳои қабеҳи (порнография) тарафдорони таваллуди кӯдакон қабул мекунанд. Лекин феминизм дар шакли беҳтарини худ дар он асос ёфтааст, ки он ҳақиқати муқаррарӣ мебошад... Агар тасвирҳои марги даҳшатноки ҷанини батн бар манфиати тарафдорони таваллуди кӯдакон дар мубоҳисаи сиёсӣ бошад, пас худ аз худ ин тасвирҳо мубоҳисанок нестанд: дар онҳо фақат ҳақиқати биологӣ ифода ёфтааст. Мо инро хеле хуб мефаҳмем.[10]

Ҳуқуқи дар ғафлат мондан

Вақте ки як номзад, тарафдори таваллуди кӯдакон, дар мубоҳисаи пеш аз интихоботӣ дар телевизион баромад мекард ва суратҳои кӯдакони бо исқоти ҳамл кушташударо нишон медод, одамон бо ғазаб эътино карданд. Баррандаи ахбороти бегоҳирӯзии ширкати телевизиони Си-Би-Эс гуфт, ки мунозираҳо дар атрофи исқоти ҳамл «аз рӯи самимияти худ бемисл» гаштаанд. Диққат диҳед, ки касе аз сабаби қатли кӯдакон ҳатто заррае ҳам ба ғазаб наомад. Ғазаб танҳо бо он алоқаманд буд, ки касе ҷуръат намуд, то нишон диҳад, ки онҳо қатл карда шудаанд.

Саволе, ки мо бояд диҳем, аз он иборат нест, ки барои чӣ тарафдорони таваллуди кӯдакон ин тасвирҳоро намоиш медиҳанд, балки дар он аст, ки барои чӣ умуман одамоне ҳастанд, ки барои тарафдории он чизе, ки дар ин суратҳо тасвир ёфтаанд, баромад мекунанд. Масъалаи ҳақиқие, ки бо

[10]. Naomi Wolf, “Our Bodies, Our Souls,” *The New Republic,* October 16, 1995; www.epm.org/articles/naomiwolf.html.

ин тасвирҳо алоқаманд мебошад, аз он иборат нест, ки онҳо ин қадар бераҳмонаанд, балки дар он аст, ки онҳо ҳақ будани тарафдорони таваллуди кӯдаконро исбот менамоянд.

Дар суратҳо ва тасвирҳои ултрасадоии ҷанинҳои дохилибатн ягон чизи нафратангез нест. Инҳо суратҳои аҷиб ва таъсирбахш мебошанд. Оё ин тасвирҳо ба тарафдорони озодии исқоти ҳамл писанданд? Не. Намояндагони ташкилотҳое, ки барои озодии исқоти ҳамл баромад мекунанд, тасвирҳои ултрасадоиро «восита» дар дасти тарафдорони ҳаракат барои таваллуди кӯдакон меноманд.[11] Баъзан бемористонҳо ва ташкилотҳои тиҷоратии дахлдор дар замони воқеӣ тасвирҳои ултрасадоии сеандозагии (баъзан онҳоро чорандозагӣ меноманд) кӯдакони ҳанӯз таваллуднашудаи табассум кардаистода, атсазананда ва хамёзакашидаистодаро нишон медиҳанд. (Тасвири ултрасадоии ҷанини дохилибатнро дар пушти муқоваи ин китоб бинед). Ҳангоми яке аз мубоҳисаҳо, ки дар телевизион ё радио шунавонида мешуд, касе аз иштирокчиён гуфт, ки ин намоишҳо «ғавғои носолимро дар атрофи чунин кӯдак» зоҳир менамоянд.[12] Ба калимаи «кӯдак» диққат диҳед. Технологияи ултрасадоӣ далелҳои кӯҳнашудаи тарафдорони озодии исқоти ҳамлро рад менамояд, ки онҳо тасдиқ мекунанд: «Ин кӯдак нест». Одамон мегӯянд: «Шумо чиҳо мегӯед? Албатта, ин кӯдак аст. Шумо фақат бубинед!»

Бартараф намудани фориғболӣ

Холокост бадии он қадар даҳшатангез буд, ки танҳо бо худи ҳамин калима тамоми ченаки ин бадиро ифода кардан номумкин аст. Тавсифи лагерҳои мамоти натсистӣ дар маҷаллаҳои америкоӣ чоп мешуданд, лекин вақте ки ин маҷаллаҳо аксҳои

---

11. *Care Net Report*, vol. 4, no. 5, November 2003, Sterling, VA.
12. Oregon Public Broadcasting, “To the Contrary,” former Clinton administration staffer Maria Echaveste, et al., January 4, 2004.

одамони дар лагерҳо азиятдодашударо чоп мекарданд, аҳли ҷомеаи америкоӣ бедор шуд. Агар ҳамин суратҳо намешуданд, пас то ба имрӯз аксарияти мо намефаҳмидем, ки холокост чист ва ба он бовар намекардем.

Ман дар як шаҳраки донишҷӯӣ (кампус) будам, вақте ки тарафдорони таваллуди кӯдакон тасвирҳои кӯдакони дар натиҷаи исқоти ҳамл кушташуда ва инчунин қурбониҳои лагерҳои мамоти натсистӣ, ғуломдории америкоӣ ва дигар саҳифаҳои бераҳмонаро дар таърихи башарият намоиш медоданд. Плакатҳо бо ин тасвирҳои огоҳкунанда тавре ҷо карда шуда буданд, ки ҳама онҳоро дида метавонистанд. Ман аз он мушоҳида менамудам, ки чӣ тавр ин тасвирҳо ба донишҷуён ва коркунони коллеҷ таъсир мерасонданд, аз он ҷумла ба онҳое, ки ба дида бовар кардан намехост.

Мудофиакунандагони ҳуқуқи ҳайвонот тасдиқ мекунанд, ки барои ҳимоя кардани ҳуқуқи худ онҳо бояд суратҳои даҳшатнокро намоиш диҳанд, чунончӣ суратҳои тюленбачаҳои мурданивор задашуда. Агар ҳамеша ҷое бошад, ки дар он ҷо ин гуна тасвирҳоро намоиш додан мумкин аст, пас наход ҷое пайдо нашавад, ки дар он ҷо кӯдакони дар натиҷаи исқоти ҳамл кушташударо намоиш додан мумкин бошад? Агар исқоти ҳамл – ин қатли кӯдакон нест... пас барои чӣ ин суратҳо кам касонро бепарво мегузоранд?

Оё ба одамон намоиш додани тасвирҳои даҳшатангези холокостро, ҳалли масъалаи холокост номидан мумкин аст? Оё ин амалҳо масъалаи қатлро ҳал карда метавонанд?

Оё, масъалаи исқоти ҳамлро ҳал кардан мумкин аст, агар аз тасвирҳои кӯдакони бечон канорачӯӣ намоем? Ё умуман, аз ҳама он чизе, ки тифлонро қатл мекунад, канорачӯӣ кунем?

Боби 7

Чӣ ҳаётӣ инсонро «пурахамиятӣ» мекунад?

Д-р Уилям Харрисон, тарафдори озодии исқоти ҳамл исбот менамояд: «Масъалаи асосӣ дар мубоҳиса атрофи исқоти ҳамл аз он иборат нест, ки ҳаёти инсонӣ кай оғоз меёбад, балки дар он аст, ки оё ҳаёти инсон маънавӣ муҳим аст».[1]

Лекин, кӣ муайян мекунад, кадом ҳаёт муҳим аст, кадомаш не? Ҷавоб ҳамеша дар он ниҳон аст, ҳокимияти олӣ ҳал мекунад, ки ҳаёти он одамоне, ки дар ихтиёри онҳо мебошанд, муҳим аст ё не.

Стандартҳои мунофиқ

Питер Сингер, профессори илми ахлоқи донишгоҳи Принстон навишта буд: «Ҳаёти ҷанини дохилибатн аз ҳаёти ҳайвоне, ки дар ҳамон дараҷаи ақл, худогоҳӣ, шуур, қобилияти эҳсос кардан ва ғайра мебошад, муҳимтар нест».[2] (Волидоне, ки барои он, ки фарзандонашон дар дасти Сингер таълим гиранд, маблағ сарф менамоянд, шояд чунин мешуморанд, ки мувофиқи ақидаҳои ӯ барои қатл кардани одамони синни пирӣ далели маънавӣ вуҷуд дорад.)

---

1. Mary Fischer, “A New Look at Life,” *Reader’s Digest*, October 2003, 95-103.
2. Peter Singer, *Practical Ethics* (1979), иқтиб. аз рӯи “Peter Singer in His Own Words,” Accuracy in Acadamia, www.academia.org/singerquotes.html.

Тарафдори ашаддии исқоти ҳамл Ҷим Нюхолл аз Портленд гуфт: «На ба ҳар як ҷанини бордоршуда таваллуд шудан муқаррар гаштааст. Ман боварии қатъӣ дорам, ки ҳаёти кӯдак ҳамон вақт оғоз меёбад, вақте ки модари ӯ мехоҳад, ки ӯ таваллуд шавад».[3] Аз ин мебарояд, ки ҳаёти инсон фақат ҳамон лаҳза воқеӣ мегардад, вақте ки онро касе дигар қадрдонӣ менамояд?

Дар соли 1973 Суди олии мамлакат масъаларо оиди он, ки оё ҳаёти кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда «муҳим» аст, зери шубҳа гузошт. Лекин муҳим барои кӣ? Оё на ҳар одамизод аллакай дар батни модар муҳим ҳисоб мешавад, зеро агар ин ҳаётро канда кунем, ӯ аз ҳаёт мемонад?

Одамони сафедпӯст қарор карданд, ки одамони сиёҳпӯст – ин одамони навъи дуюм мебошанд. Мардҳо қарор карданд, ки занҳо набояд ҳамон ҳуқуқҳоро дошта бошанд, ки худи онҳо доранд. Натсистон қарор карданд, ки яҳудиён ҳуқуқи зиндагӣ карданро надоранд. Ана акнун одамони калонсол қарор карданд, ки ҳаёти инсонҳои хурд он қадар муҳим нест, то ин ки ба онҳо ягон хел ҳуқуқ дода шавад.

Фардияти шахс – чизе нест, ки ба одамон бо профессорони Лигаи озодкунии ҷомеа аз «шахсони номатлуб» тақдим карда мешавад. Фардияти шахс – ин арзиши модарзодӣ аст, ки онро ҳар як намояндаи башарият доро мебошад. Аз рӯи Китоби Муқаддас ин хусусият ба одам ҳамчун намояндаи қиёфаи Худо хос мебошад.

Илм оиди «аҳамиятнокӣ» чӣ мегӯяд

Чӣ ҳаётро «аҳамиятнок» мекунад? Илм аллакай исбот намудааст, ки дар тифли ҳанӯз таваллуднашуда ҷараёни фикрронӣ кайҳо оғоз ёфтааст. Оҷонсии «Ассошиэйтед Пресс» маълумотҳои илмиро чоп намуд, ки дар бораи он шаҳодат медиҳанд, ки «тифлон ҳанӯз то таваллудашон он забонеро, ки бо он баъдтар ҳарф мезананд,

[3] Jim Newhall, иқтиб. аз рӯи Maureen O'Hagan, "Cross Hairs to Bear," Willamette Week, 3 May 1995.

меомӯзанд». Ин тадқиқотҳо, аз ҷумла нишон медиҳанд, ки аллакай дар батни модар «ҷанин мешунавад, қабул мекунад, гӯш медиҳад ва ягон чизро дар доираи сохти акустикии забони англисии америкоӣ аз худ мекунад».[4]

Маҷаллаи «Нюсуик» тасдиқ менамояд: «Ҳаёт дар батни модар ҳудуди навбатиро дар омӯхтани инкишофи одам ифода мекунад ва аллакай аввалин натиҷаҳои ин тадқиқотҳо бо кушоишҳои аҷиби худ ба ҳайрат овардаанд».[5] Баъдтар дар ин мақола гуфта шудааст: «Бе ягон муболиға гуфтан мумкин аст, ки ҷанини дохилибатн қобилиятҳои аҷиби дарк кардан, қабул кардан ва эҳсос карданро дорад». Дар худи ҳамон ҷо гуфта шудааст, ки олимон дар семоҳаи дуюм аллакай қобилияти ҷанинро дар худогоҳӣ аниқ муайян намудаанд.[6] Қобилиятҳои фавқулоддаи кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда дар ҳуҷҷатҳои илмии тадқиқотҳои бисёрсола ба таври қатъӣ акс ёфтаанд.[7]

Дар аввали семоҳаи дуюм кӯдак бо дастонаш меҷунбонад, то ин ки бо он чашмонашро аз шуоҳои дурахшон, ки аз ҷисми модар мегузарад, пушонад. «Ҷанин инчунин ба садоҳои суръаташ он қадар баланд ё паст мутаасир мешавад, ки гӯши калонсол қобилияти шунидани онро надорад».[8] Ӯ мусиқии баландро мешунавад ва гӯшҳояшро аз ғавғои баланд, ки аз берун меояд,

4. Associated Press, иқтиб. аз рӯи Christian Action Council's *Action Line*, March-April 1991.
5. Sharon Begley, "Do You Hear What I Hear?" *Newsweek*, Special Summer Edition 1991, 12.
6. Ibid.
7. T. Verney and J. Kelley, *The Secret Life of the Unborn Child* (New York: Delta Books, 1981).
8. H. B. Valman and J. F. Pearson, "What the Fetus Feels." (Ин мақолаи чопшуда бе ягон ишора дар нашр мебошад, ки дар он пайдо шудааст. Д-р Вэлман мушовир ва духтури кӯдакона дар беморхонаи Нортвик Парк ва дар маркази Клиникии тадқиқотӣ дар Харроу мебошад; Пирсон устод ва мушовири калон оид ба масъалаҳои доягӣ ва гинекологӣ дар Мактаби Тиббии Миллии Уэлс дар Кардифф мебошад).

мепӯшонад. Дар синни ҳабдаҳум ҳафта кӯдак марҳилаи хоби пуравчро эҳсос менамояд, ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ӯ на танҳо хоб меравад, балки хоб ҳам мебинад.[9] Оё мо исбот карда метавонем, ки он касе, ки қобилияти хоббинӣ дорад, қобилияти фикр карданро надорад?

Бе ягон шубҳа, исқоти ҳамли бевақтӣ инсонеро, ки қобилияти эҳсос кардан ва фикр карданро дорад, мекушад. Дар охири семоҳаи дуюм «системаи асаби мағзи сари ӯ аллакай чун дар кӯдаки навзод инкишоф ёфтааст».[10] Ба назар номумкин менамояд, то ин ки дар семоҳаи дуюм ё сеюм ягон кас бар ҳифзи исқоти ҳамл баромад карда тавонад. Ба ҳар ҳол тарафдорони озодии исқоти ҳамл доимо барои чунин исқоти ҳамл баромад мекунанд.

Лекин исқоти ҳамли барвақтӣ назар ба бевақтӣ аз кадом ҷиҳат беҳтар аст? Ҳатто дар ҳолати исқоти ҳамли кимиёвии барвақтӣ, ки ҷанинҳоро, ки ҳанӯз қобилияти фикр карданро пайдо накардаанд, аз ҳаёт маҳрум месозад, мамот ҳамин хел воқеӣ ва қобили қайд аст. Кӯдаки зинда, ки ном, оила ва ҳаёт дошта метавонист, акнун ҳеҷ гоҳ чизе аз инҳоро дошта наметавонад.

Одоби беасос

Сингер мегӯяд: «Агар тифлро бо вайроншавиҳои сахт дар инкишоф бо ягон ҳайвон муқоиса кунем, бигзор он масалан саг ё хук бошад, аксар вақт ҳайвон чӣ дар воқеият инчунин дар иқтидор дорои қобилиятҳои калон мебошад, ки ба ақл, худогоҳӣ, робита ва ҳамаи он чизе, ки хислатҳои маънавии муҳим ҳисобидан мумкин аст, тааллуқ дорад».[11]

---

9. John Willke, *Abortion Questions and Answers* (Cincinnati, OH: Hayes Publishing Co., 1988), 53.
10. Begley, “Do You Hear?” 14.
11. Peter Singer, “Sanctity of Life or Quality of Life,” *Pediatrics*, July 1983,129.

Сингер аз он асос мегирад, ки арзиши инсон аз он, ки дар кадом дараҷа ӯ қобилияти ба одамони дигар манфиат расонданро дорад, вобаста мебошад: «Агар марги кӯдаке, ки қобили ҳаёт нест ба таваллуди кӯдаки дигар, ки имкониятҳои беҳтар ба ҳаёти хушбахтона дорад, биёрад, пас барои ҳама нобуд кардани кӯдаке, ки қобили ҳаёт нест, беҳтар мешавад. Аз даст додани ҳаёти кӯдаке, ки қобили ҳаёт нест, аз он, ки кӯдаки дуюм ҳаёти хушбахтонаро ба даст орад, афзалтар мегардад. Аз ин сабаб, агар қатли тифле, ки дар ӯ гемофилия ошкор гардидааст, барои ҳар касе ки бошад, бе ягон оқибатҳои фалокатовар анҷом ёбад, умуман нобуд кардани ӯ ҳатто дуруст мешавад».[12]

Вақте ки Сингер дар Принстон таълим медод, бар зидди ӯ ташкилоти «Ҳанӯз намурда», ки барои ҳуқуқҳои кӯдаконе, ки бо вайроншавии инкишоф муборизе мебаранд, баромад намуд. Онҳо ғазаби худро ба китоби Сингер иброз доштанд, ки дар он ӯ барои қонунӣ кардани қатли тифлони ба ҳаёт ноқобил, инчунин кӯдакон ва калонсолоне, ки ба вайроншавиҳои сахти когнитивӣ гирифторанд, сухан мегӯяд.

Тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл дар ин бознамеистанд. Мантиқи онҳо аз исқоти ҳамл дуртар мебарад. Агар қатл кардани кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ҷоиз бошад, ягон инсони заиф ва нозук худро дар ҳолати бехатар эҳсос карда наметавонад. Оё ҳаёти инсони нуқсонҳои ҷисмонӣ дошта, ягон маънӣ дорад? Лекин бо одамони кӯҳансол чӣ бояд кард? Агар инсоне, ки қобилияти фикр кардан надорад, ба зиндагӣ лоиқ нест, пас дар бораи онҳое, ки нодуруст фикр мекунанд, чи гуфтан мумкин аст?

Д-р Чарлз Хартшорн аз донишгоҳи Техас бо Сингер ҳамоҳанг мегардад: «Албатта тифл-дар маънои пурраи ин калима ҳанӯз

---

[12]. Singer, “Taking Life: Humans,” http://www.petersingerlinks.com/taking.htm; порча аз Singer, *Practical Ethics* (New York: Cambridge University Press, 1993).

инсон нест.... Ман комилан бо он ақида ҳамфикр нестам, ки қатли навзод боз як шакли қатл мебошад. Он одамоне, ки шахсиятҳои комилан ташаккулёфта ва дорои хусусиятҳои асосӣ мебошанд, ҳатто назар аз кӯдакони солим дида бештар ҳуқуқ доранд».[13]

Оё касе худро дар бехатарӣ эҳсос мекарда бошад?

Дэвид Бунин тасдиқ мекунад, ки исқоти ҳамл – зуҳуроти «бенуқсон аз нуқтаи назари маънавӣ» мебошад, вале дар айни ҳол «ахлоқан ҷоиз». Аз рӯи суханони ӯ исқоти ҳамл ҷоиз аст, зеро метавонад ба таври имконпазир ба «хушбахтии умумӣ» оварда расонад.[14] Ба монанди Сингер, Бунин ҳам он ҳақиқатро бе аҳамият мегузорад, ки ба ҳамон эҳсосоти хушбахтии шахсӣ (бо манфиат, озодӣ аз стресс ва ё мушкилиҳои пулӣ чен карда мешаванд) одамон – одамони дигарро умуман, на танҳо онҳоеро, ки ҳанӯз таваллуд нашудаанд, аз ҳаёт маҳрум сохта, комёб мегарданд. Агар ягон чиз чун ахлоқан ҷоиз дида баромада шавад, танҳо барои он, ки аз рӯи ақидаи бисёриҳо, метавонад хушбахтӣ биёрад, пас чизе нест, ки ба он баҳо дода нашавад.

Аз паси пардаи баҳсҳо оиди он, ки кадом ҳаёт муҳим мебошад, кадом не, манфиатпарастӣ ниҳон аст. Оё, одамони ақлан ё ҷисман иллатнок, инчунин шахсон бо дигар вайроншавиҳо дар инкишоф, барои одамони солим ва пурқувват фоидаовар мебошанд ё ин ки онҳо барои мо бори гаронанд? Чуноне ки намояндагони як гурӯҳи феминистон қайд намуданд, ки агар кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда худро дар амният эҳсос карда натавонад, пас касе худро дар бехатарӣ эҳсос карда наметавонад:

---

13. Charles Hartshorne, “Concerning Abortion: An Attempt at a Rational View,” *The Christian Century*, 21 January 1981, 42-45.
14. David Boonin, *A Defense of Abortion* (New York: Cambridge University Press, 2003), 5-9.

Агар мо ягон намояндаи оилаи Homo sapiens-ро гирем ва ӯро аз ҳифзи қонун маҳрум созем, мо бо ин худро аз ҳимоя аз поймолкунии ҳуқуқ аз ҷониби умуман ҳар касе, ки набошад, маҳрум месозем. Асоси шарти баробарҳуқуқии ҳама дар пеши қонун дар он мебошад, ки ҳар намояндаи башарият, новобаста аз нажод, ҷинс, дараҷаи инкишоф, синну сол, дараҷаи мустақилӣ, зиндагонӣ ва даромади моддии ӯ ҳақ дорад, то аъзои комилҳуқуки ин оила гардад.[15]

Имконпазирии исқоти ҳамлро қабул намуда мо дар пайраҳаи хатарнок мемонем. Меарзад, ки худро маҷбур сохта ба ақли солим рӯ оварем ва аз пайраҳаи лағжонак фароем. Дар акси ҳол ба оқибати ногузири ин роҳи хатарнок омадан мумкин аст, – ба сӯи ҷамъият, ки дар он ҷаҳондорон, аз паи манфиати ғаразноки худ шуда, худашон ҳал мекунанд, кӣ ҳуқуки зиндагӣ карданро дораду, ки танҳо ба марг ҳуқуқ дорад.

Мутахассиси биология аз донишгоҳи Чикаго д-р Леон Касс оид ба ҷараёне, ки дар он илм ва тибби муосир тараққӣ мекунанд, чунин мегӯяд: «Мо аллакай шоҳидони зангзании (эрозия) мафкураи худ дар хусуси инсон чун як чизи бузург ё илоҳӣ, чун офаридае, ки дорои озодӣ ва шаъну эътибор мебошад, гардидаем. Аён аст, ки агар мо худро танҳо мушак ҳисобем, пас мо ҳамин хел мушак мемонем».[16]

Маҳз дар ҳамин ҷараён оламе, ки ғарки нутқи дабдабаноки тарафдорони исқоти ҳамл мебошад, ташаккул меёбад.

Оё шумо мехоҳед, ки фарзандон ва наберагони шумо дар чунин олам зиндагӣ кунанд?

---

15. *Feminists for Life Debate Handbook* (Kansas City, MO: Feminists for Life of America, n.d.), 9.
16. Иқтиб. аз рӯи: George Will, *The Pursuit of Happiness and Other Sobering Thoughts* (New York: Harper Colophon, 1978), 62-63.

Қисми 3

Зан

Боби 8

Оё исқоти ҳамл масъалаи ҳуқуқи занҳо мебошад?

Кейт Мишелмэн, собиқ раиси ассотсиатсияи миллӣ оиди бекор кардани қонун дар бораи исқоти ҳамл (NARAL), тасдиқ менамояд: «Мо бояд ба одамон хотиррасон намоем, ки исқоти ҳамл кафолати ҳуқуқи зан барои иштироки фаъолона дошта дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа мебошад».[1] Вале зани ҳомиладор пурра метавонад дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок намояд. Мабодо, агар ӯ инро карда натавонад, пас барои ӯ магар оқилона намешавад, ки ҷамъиятро иваз намояд, на кӯдакро қатл кунад?

«Чӣ тавр занҳо метавонанд ба баробарӣ ноил гарданд ва дар айни ҳол қобилияти тазаккурии худро назорат накунанд?» Намояндагони ташкилоти «феминистон барои ҳаёт» ба ин савол чунин посух медиҳанд:

> Ин масъаларо бо масъалаи ҳукмфармоии чандинасраи мардон алоқаманд мекунанд, зеро табиат ба мардон мавқеъи ҳукмрониро додааст ба занон – тобеиятро. Технологияи тиббӣ ҳамчун усули ба баробарӣ ноил шудан пешниҳод мегардад. Лекин ин замина нодуруст аст... Изҳорот оиди он, ки барои аъзои комилҳуқуқи ҷамъият гаштан, занҳо

---

[1]. Kate Michelman, иқтиб. аз рӯи: *The New York Times*, May 10, 1988.

бояд ҷисми худро тағйир диҳанд, барои занҳо ҳақиқатан ҳам таҳқиромез мебошад. [2]

Дар мақолаи худ «феминизм: бо исқоти ҳамл ҷоду шудагон» Розмари Ботчер, ходими фаъоли ҳаракат барои ҳифзи муҳит, тасдиқ менамояд, ки ҳаракати феминистон занонро ба таназзул медарорад, онҳоро аз дигар усулҳои бартараф намудани душвориҳои давраи мушкили ҳомиладорӣ, ба ғайр аз қатл кардани кӯдакони худ, маҳрум месозад.[3]

Тарафдорони озодии исқоти ҳамл суботкорона бар зидди он, ки исқоти ҳамлро чун дигар як амалиёти ҷарроҳӣ дида бароянд, баромад мекунанд, агар сухан дар бораи бохабар кардани бемор нисбати хосияти ин муолиҷа ва хавфе, ки бо он алоқаманд мебошанд, равад. Аз афти кор онҳо ҳақиқатан ҳам бовар намекунанд, ки занҳо баъд аз он ки ба онҳо ҳамаи ин далелҳоро пешниҳод менамоянд, қобилияти интихоби фикркардашуда ва мулоҳизакоронаро мекунанд.

Серрин Фостер, раиси ташкилоти «феминистон барои ҳаёт», қатъиян аз номи феминистон бар зидди исқоти ҳамл баромад менамояд. Ӯ мегӯяд, ки дар таърихи башарият фаъолони ашаддии мухолифони исқоти ҳамл ҳамеша занҳо буданд. Лекин истеҳзо дар он аст, ки «он қонунҳое, ки ба зидди исқоти ҳамл равона шуда буданд ва барои қабул кардани он феминистони аввал он қадар фаъолона муборизе мебурданд, то ин ки занон ва кӯдаконро ҳимоя намоянд, баъд аз 100 сол бо қарори оддии мурофиаи судӣ дар кори „Рӯ бар зидди Уэйд” бекор карда шуданд».[4]

---

2. *Feminists for Life Debate Handbook* (Kansas City, MO: Feminists for Life of America, n.d.), 17.
3. Rosemary Bottcher, “Feminism: Bewitched by Abortion,” in *To Rescue the Future*, ed. Dave Andrusko (New York: Life Cycle Books, 1983).
4. Нигоҳ: www.feministsforlife.org/news/commonw.htm.

Таърихи ҳаракати феминистон

Сюзан Энтони барои ҳуқуқи занон дар он замонҳо мубориза мебурд, ки он вақт занҳо ҳатто ҳуқуқи интихоб карданро надоштанд. Ӯ исқоти ҳамлро «қатли кӯдакон» меномид ва онро ҳамчун воситаи истисмори чӣ занон, инчунин кӯдакон дида мебаромад. Энтони менавишт: «Ман ин ҷиноятi даҳшатангези қатли кӯдаконро маҳкум месозам... Сабаби содир намудани он чӣ гунае, ки набошад – бигзор он майли оромӣ бошад ё ин ки хоҳиши кӯдаки бегуноҳи ҳанӯз таваллуднашударо аз азоб раҳо намудан бошад – ҳамаи гуноҳ барои ин кори даҳшатангез ба зан вогузор мегардад».[5]

Дар рӯзномаи «Революция», ки Энтони нашр менамояд, чунин изҳорот чоп шуда буд: «Вақте ки зан кӯдаки ҳанӯз таваллуднашудаи худро аз ҳаёт маҳрум месозад, пас ин танҳо аз он мегӯяд, ки ӯ дарк намуда ё бо сабаби кадом як ҳолат – беадолатии бузургро содир менамояд».[6]

Аз паси Энтони ва дигар феминистон, ки бар зидди исқоти ҳамл баромад мекарданд, баъд аз даҳсолаҳо насли нави феминистон омаданд. Намояндаи аз ҳама машҳури насли нав Маргарет Сэнҷер буд, ки барои исқоти ҳамл ҳамчун усули озодии евгеникӣ (назария дар бораи беҳдошт ва такмили ирсияти инсон), иқтисодӣ ва шаҳватпараст баромад мекард. Вақте ки баъд аз холокост евгеника ба қаҳру ғазаб гирифтор шуд, ташкилоти ӯ ба пинҳонкорӣ гузашт ва баъд аз он чун федератсияи банақшагирии оила аз нав ташкил ёфт.[7] Сэнҷер ва дигар ходимон, ки аз паси Энтони омада буданд, кӯшиш намуданд, ки масъалаи исқоти ҳамлро бо масъалаи ҳуқуқи занон пайваст намоянд.

---

5. Susan B. Anthony, *The Revolution*, July 8, 1869, 4.
6. Mattie Brinkerhoff, *The Revolution*, April 9, 1868, 215-216.
7. Elasah Drogin, *Margaret Sanger; Father of Modern Society*, (CUL Publications, 1989), 11-13.

Д-р Бернард Натансон мегӯяд, ки дар солҳои 1960 ӯ ва ҳамсафонаш, роҳбарон оиди ҳифзи озодии исқоти ҳамл дидаву дониста исқоти ҳамлро бо масъалаи ҳуқуқи занҳо алоқаманд мекарданд, то ин ки ин ҳуқуқро худ аз худ не, балки дар матни ҳуқуқи занон мудофиа намоянд.[8] Исқоти ҳамл бо ҳуқуқи занон рӯпӯш карда мешуд.

Элис Пол муаллифи аввалини лоиҳаи ислоҳ дар бораи ҳуқуқҳои баробар (ERA) – ҳуҷҷати таърихӣ дар таърихи ҷунбиши феминистон буд. Вале Элис Пол исқоти ҳамлро «усули ниҳоят дараҷаи истисмори занон» меномид.[9]

Як феминистзан кӯшиши алоқаманд кардани феминизмро бо исқоти ҳамл «феминизми террористӣ» номид. Аз суханони ӯ ин феминистзанонро маҷбур месозад, ки «ба куштор дидаву дониста, ба хотири он чизе, ки онҳо ба он боварӣ доранд, даст зананд».[10] Дар идораи нашрии худ «Феминистзани америкой» ташкилоти «феминистон барои ҳаёт» суратеро бо чеҳраи зебои кӯдак чоп намуд. Дар навиштаҷот гуфта мешуд: «Наход ин симои душман бошад?» Онҳо тасдиқ мекунанд, ки асоси ҳаракати онҳо таърихи дусадсолаи ҳаракати феминистӣ барои ҳифзи таваллуди кӯдакон мебошад ва лутфу марҳамат ба унвони исқоти ҳамл дар қатори муборизон барои ҳуқуқи занон аз солҳои 1970 сар карда ба гӯш мерасиданд.[11]

Райпурсиҳо нишон медиҳанд, ки барои ҳуқуқи кӯдакони ҳанӯз ба ҳаёт таваллуднашуда занон назар ба мардон дида

---

8. R. C. Sproul, *Abortion: A Rational Look at an Emotional Issue* (Colorado Springs, CO: NavPress, 1990), 117-18.
9. Guy M. Condon, "You Say Choice, I Say Murder," *Christianity Today*, June 24, 1991, 22.
10. Mary Ann Schaefer, иқтиб. аз рӯи: Catherine and William Odell, *The First Human Right* (Toronto: Life Cycle Books, 1983), 39-40.
11. *The American Feminist*, Spring 2003, 14, 17.

бештар баромад мекунанд.[12] Ба замми ин, «тарафдорони маҳкамэътиқоди исқоти ҳамл дар Штатҳои Муттаҳида (аз ҷумла дар мамлакатҳои дигар) мардони сафедпӯст аз синни бистсола то чилу панҷ сола мебошанд».[13] Агар боз ҳам аниқтар гӯем, «тарафдорони собитқадами исқоти ҳамл мардони муҷаррад мебошанд».[14] Истеҳзо дар он аст, ки исқоти ҳамл қисми таркибии ҳаракат барои ҳуқуқи занон гардидааст, ҳол он ки ин ҷунбиш ба бемасъулиятии мардон ва бераҒбатии онҳо дар ҒамхорӣҒ намудан нисбати занон ва кӯдакон мусоидат намуд. Лекин, магар даъвати мард танҳо аз он иборат аст, ки барои қатли кӯдак пул кор кунад? Магар онҳо набояд ба ҷои ин, ба он зане, ки ӯро ҳомила кард, гӯяд: «Ман ба хотири кӯдаки ту ҳамеша бо ту мемонам. Ба хотири ӯ ман ҳамаи кори аз дастам меомадагиро мекунам. Агар ту хоҳи, ки ман бо ту бошам, ман ҳамеша бо ту мемонам».

Танзими ҷинс

Боз як иллати феминизм аз он иборат аст, ки он барои исқоти ҳамл баромад мекунад, ки занонро аз ҳуқуқи асосӣ маҳрум месозад – ҳуқуқ барои ҳаёт.

Исқоти ҳамл воситаи асосӣ барои бартараф намудани намояндагони номатлуби ҷинси зан дар тамоми рӯи замин гардид. Райпурсӣ дар даҳҳо деҳаҳои аҳолии Ҳиндустон омори даҳшатнокро нишон дод: аз тамоми аҳолии райпурсишуда, ки даҳ ҳазор нафарро ташкил медод, ҳамагӣ панҷоҳ нафараш духтарон буданд.[15] Духтарони боқимонда, ки ҳазорҳо шуморидан мумкин

---

12. "Abortion and Moral Beliefs: A Survey of American Opinion," conducted by the Gallup Organization, 1991, 4-7.
13. Willke, "Woman's Movement," 3.
14. Condon, "You Say Choice," 23.
15. Robert Stone, "Women Endangered Species in India," *The Oregonian,* March 14, 1989, B7.

буд, тавассути исқоти ҳамл ба қатл расонда шуда буданд. Дар Бомбай баъд аз ҳашт ҳазор имтиҳонҳои амниосентез, ки духтар будани кӯдакро нишон медод, ҳамаи ин ҷанинҳо, ба ғайр аз як нафар, ба воситаи исқоти ҳамл кушта шуда буданд.[16]

Инчунин дар натиҷаи исқоти ҳамл, ки барои танзими ҷинс равона шудааст, аз се ду ҳиссаи кӯдакон дар Хитой ҳоло – писарбачаҳо мебошанд. Лекин дар қишлоқҷойҳо бошад, писарбачаҳо аз духтарон дида чор маротиба зиёдтаранд.[17]

Дар Амрико инчунин амниосентез барои муайян кардани ҷинси кӯдаки оянда истифода бурда мешавад. «Медикал Уорлд Нюс» натиҷаҳои тадқиқотҳоро пешниҳод намуд, ки дар рафти он ба наваду нӯҳ занҳои ҳомила ҷинси кӯдакони ояндаи онҳоро маълум намуданд. Панҷоҳу се зан бояд, ки писар ва чилу шаш нафар – духтар таваллуд мекарданд. Танҳо як зани ҳомила қарор дод, ки писарашро исқоти ҳамл кунад. Бисту нуҳ зан бо вуҷуди ин барои исқоти ҳамли духтарон ҷуръат намуданд.[18]

Тавассути исқоти ҳамл духтаронро нисбат ба писарон дида хеле зиёдтар мекушанд. Куштани духтараки ҳанӯз таваллуднашуда – ин маънои куштани зани ҷавонро дорад. Барои тамоми занҳо имкониятҳои ҳуқуқҳои баробар вуҷуд дошта наметавонад, то он вақте ки барои тамоми занҳои таваллуднашуда ҳуқуқҳои баробар набошад.

---

16. Jo McGowan, “In India They Abort Females,” *Newsweek,* February 13, 1989.
17. *Straits Times* report, Beijing, February 7, 2000; воқеаҳои ба ин монандро дар саҳифаи: www.lifesite.net. нигоҳ к.
18. *Medical World News*, December 1,1975, 45. Инчунин нигоҳ к.: *Newsweek*, “Brave New Babies,” February 1, 2004.

Боби 9

Оё мо ҳуқуқи қарори бо тани худ чӣ кор карданро дорем?

Тарафдорони озодии барои исқоти ҳамл тасдиқ мекунанд: «Ҳар як зан ҳуқуқ дорад, худаш қарор кунад, ки бо бадани худ ӯ чӣ кор мекунад». Бемаънигии ин исбот дар он аст, ки дар ҳақиқат камаш 650 ҳазор намояндагони ҷинси зан дар ШМА ҳарсола аз ҳуқуқи қарори бо бадани худ чӣ кор кардан маҳруманд. (Ин рақам тақрибан нимаи адади умумии кӯдаконро, ки дар натиҷаи исқоти ҳамл кушта шуда буданд, ташкил медиҳад, – нимаи дигар ба кӯдакони таваллуднашудаи ҷинси мард тааллуқ дорад). Ҷанини ҷинси зан, ки дар натиҷаи исқоти ҳамл кушта шудааст, дигар ҳаёт, интихоб, ё бадан надорад, ки онро назорат кардан мумкин бошад.

Инсон ҳуқуқ надорад, ки худро намоиш диҳад. Қонунҳо вуҷуд доранд, ки ошкоро ба анҷом расондани заруратҳои табиӣ, фоҳишагӣ, истеъмоли нашъаро манъ месозад. Аксарияти одамон бо ин қонунҳо розӣ ҳастанд, гарчанде онҳо озодии моро аз, бо бадани худ амалӣ намудани чизҳои муқаррарӣ маҳдуд месозанд. Дасти ман узви бадани ман аст, вале ман наметавонам онро барои занозанӣ кардан бо шумо ё ин ки чизеро аз шумо дуздидан ё ба кӯдак дард расондан истифода барам.

Ҳуқуқи интихоб

Дар муассисаҳои таълимӣ баромад намуда ва мавқеи тарафдорони таваллуди кӯдаконро дар он ҷо тасаввур намуда, ман баъзан бо чунин суханҳо оғоз менамоям: «Ман тарафдори интихоби озод мебошам. Ана барои чӣ ман мӯътақидам, ки ҳар як мард ҳуқуқ дорад, ки занро таҷовуз кунад, агар интихоби ӯ аз ин иборат бошад. Ниҳоят ӯ бадани худро дорад ва мо ҳақ надорем, ки ба ӯ бигӯем, ки бо он чӣ кор кунад, чӣ не».

Баъд аз он ки хонандагон аз садамаи аввал ба худ меоянд, ман аз онҳо хоҳиш мекунам, то ба ман бигӯянд, ки беасоснокии далели ман дар чӣ аст. Онҳо ба он ишора менамоянд, ки ҳангоми аз ҳуқуқи мард барои озодии интихоби ӯ сухан гуфтан, ман ба зараре, ки ба зани бегуноҳ расонида шуд ва ҳуқуқҳои ӯ, ки дар чунин вазъият вайрон мегарданд, эътибор надодам. «Яъне шумо бар хилофи интихоби озод баромад мекунед?» – мепурсам ман. Баъд аз он ки онҳо далелҳои иловагиро пешниҳод менамоянд, ман ба онҳо мегӯям: «Бо ин шумо инро тасдиқ менамоед: агар ман ба шумо нишон диҳам, ки ҳуқуқи зан барои исқоти ҳамл ба инсони дигар зарар мерасонад ё ин ки ӯро нобуд месозад, он гоҳ шумо барои ҳимояи ҳуқуқи зан барои исқоти ҳамл дигар баромад намекунед?»

Бо вуҷуди ин, ман умед дорам, ки дар дилҳои онҳо нур медурахшад ва онҳо ба ақли солим рӯ меоранд, ки он ҳамеша ҳақ аст, вале онҳо пештар, вақте ки сухан дар бораи исқоти ҳамл мерафт, ба он рӯ намеоварданд.

Баромад кардан бар ҳимояи ким-чӣ хел интихоби аниқ танҳо дар он асос, ки он интихоб аст, беҳуда мебошад. Дар ақидаи дабдабаноки «ҳуқуқ барои интихоб» ҳақиқати аён аз назар дур мемонад: на ҳар як интихоб қонунӣ аст. Зиёда аз ин – дар ин ҷо бо ман ҳам масеҳиён ва ҳам онҳое, ки масеҳӣ нестанд,

розӣ мешаванд – интихоб зуд-зуд ба бадии ошкоро меорад. Интихоб метавонад дуруст ва хуб бошад, инчунин метавонад бехирадона ва бад бошад. Аз ин сабаб мо наметавонем тарафдорон ё мухолифони якдилонаи интихоби озод бошем. Мо бояд тарафдорони некӣ ва мухолифони бадӣ бошем.

Оё ҳамеша интихоби озод лозим аст?

Мо ҳама барои интихоби озод баромад мекунем, вақте ки он ба дар куҷо зистани одамон, рондани кадом мошин, чӣ гуна хӯрок хӯрдан ва бисёр имтиёзҳои шахсии дигар дахл дорад. Мо инчунин барои интихоби озод дар масъалаҳои дин, сиёсат, тарзи ҳаёт баромад мекунем, гарчанде одамон чунин кирдор ва чунин ақидаҳоеро, ки ба мо писанд нестанд, интихоб менамоянд.

Лекин бисёр чизҳое ҳастанд, ки мо дар онҳо тарафдорони интихоб нестем. Масалан, агар касе шуморо таҳқир кардан хоҳад, ғорат кардан хоҳад, ба хонаатон зада дарояд, мошинатонро бидуздад, шуморо дар муносибатҳои расмӣ фиреб диҳад. Дар чунин ҳолатҳо фаҳмо, одамон озоданд, ки чунин интихоб кунанд, лекин ин маънои онро надорад, ки онҳо ҳуқуқи чунин рафтор карданро доранд.

Вақте ки мо бар зидди «интихоби озод» ба манфиати таҷовузи кӯдак ё таҳқири кӯдак баромад мекунем, мо на бар зидди озодӣ, балки бар зидди бадӣ баромад мекунем. Бо вуҷуди ин мо ягон хел маҳдудият ё таассубро нисбат ба чунин амалҳо нишон намедиҳем.

Ҳаракат бар ҳифзи «интихоби озод», ки он аз ҷумла бар ҳифзи озодӣ барои исқоти ҳамл баромад мекунад, бомуваффақият аз калимаи интихоб сӯиистифода намуд. *Интихоб* ба ҷои калимаи исқоти ҳамл шуд, бо ин сабаб далелҳо бар муқобили исқоти ҳамл акнун чун далелҳо бар зидди интихоби озод

пешниҳод мешаванд. Тарафдорони ҳаёти кӯдакон на бар зидди интихоби озод баромад мекунанд – ин муборизаест, ки дар он ғолиб омадан мумкин нест ва онро умуман бурдан лозим нест. Мо набояд ба он роҳ диҳем, ки озодии исқоти ҳамлро чун интихоби озод ном гирифтан, идома диҳанд. Ҳар боре, ки мо суханҳои «интихоби озод»-ро мешунавем, мо бояд савол диҳем ва дигаронро бовар кунонем, ки савол диҳанд: Дар хусуси кадом интихоб ҳоло мо ҳарф мезанем? Агар сухан дар бораи исқоти ҳамл равад, он гоҳ саволро ба миён гузоштан лозим аст: Шумо чунин меҳисобед, ки одамон бар манфиати қатли кӯдакон бояд интихоби озод дошта бошанд? Бар зидди исқоти ҳамл баромад намуда, мо аслан на бар зидди интихоби озод баромад мекунем – мо бар зидди як интихоб, аз ҷумла интихоби қатли кӯдакон баромад мекунем.

Оид ба саволи маъмули тарафдорони озодии исқоти ҳамл мулоҳиза намоед: «Агар шумо ба ман дар бораи он чизе, ки ба интихоби озод тааллуқ дорад, боварӣ намекунед, пас чӣ гуна шумо ба ман дар бораи он чизе, ки ба кӯдак даҳл дорад, боварӣ мекунед?» Ин савол махсус дода мешавад, то ки ба баҳс хотима гузоранд. Лекин аҳамият диҳед, ки чӣ тавр интихоб маҳфуми исқоти ҳамлро иваз менамояд. Агар мо калимаҳоеро гузорем, ки ҳақиқатро нишон медиҳанд, савол чунин мешавад: «Агар шумо ба ман дар бораи он чизе, ки ба қатли кӯдакон тааллуқ дорад, боварӣ намекунед, пас чӣ тавр шумо ба ман дар масъалаи тарбияи кӯдак боварӣ мекунед?»

Акнун чӣ бояд кард?

Дар хусуси интихоби қурбонӣ чӣ?

Як зан қайд намудааст: «Баъд аз он ки зан ҳомиладор мешавад, ӯ дар хусуси он, ки модар шудан мехоҳад ё не аллакай интихоб надорад. Дар асл ӯ аллакай модар шудааст... акнун бошад ӯ

танҳо метавонад қарор кунад, ки кӯдаки мурда ё зиндаро таваллуд мекунад».[1]

Ғуломдорон тарафдорони интихоби озод буданд. Онҳо ба фарқиятҳои ҷисмонии одамон диққати махсус медоданд ва бо ин афзалияти якеро болои дигаре дуруст мешумориданд. Онҳо мегуфтанд: «Шумо метавонед ғуломдор набошед, вале нагӯед, ки мо ба ин ҳақ надорем». Мухолифони ғуломдориро дар он айбдор менамуданд, ки онҳо бар зидди интихоби озод ва аслан озодӣ баромад мекунанд, инчунин дар он, ки онҳо ахлоқи худро ба дигарон бо зӯрӣ талқин менамоянд.[2]

Ҳар як намуди зулм ва истисмори шахсӣ – бигзор ки он ғуломдорӣ, фоҳишагӣ, нашъаҷалобӣ ё исқоти ҳамл бошад, – ба интихоби озод такя мекунад. Бо ҳамин озодӣ рӯпӯшӣ мекунанд ва ба ҳар ҳаракат, ки барои дилсӯзӣ ва озод намудани шахсият баромад мекунад, муқобилат менамоянд ва бо вуҷуди ин арз мекунанд, ки ин гуна ҳаракатҳо «озодиро маҳдуд» месозанд.

Тарафдорони интихоби озод ҳуқуқи қурбониро нисбат ба интихоби озод ҳамеша ба эътибор намегиранд. Сиёҳпӯстон ҳеч гоҳ ғуломиро интихоб накарда буданд. Яҳудиён ҳеҷ гоҳ оташдонҳоро дар лагерҳои мамот интихоб накарда буданд. Занҳо ҳеч гоҳ таҷовузро интихоб накарда буданд. Тифлон бошанд, ҳеҷ гоҳ исқоти ҳамлро интихоб накарда буданд.

---

1. Mary O'Brien Drum, "Meeting in the Radical Middle," *Sojourners*, November 1980, 23.
2. Nat Brandt, *The Town That Started the Civil War* (New York: Syracuse University Press, 1990); Thomas Clarkson, *Slavery and Commerce of the Human Species* (Miami, FL: Mnemosyne Publ. Co., 1969); Austin Willey, *The History of the Anti-Slavery Cause* (Portland, ME: Brown Thurston Publ., reprinted by Mnemosyne Publ. Co., Miami, FL, 1886).

Боби 10

Оё исқоти ҳамл қисми таркиби ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ мебошад?

«Исқоти ҳамл ба касе тааллуқ надорад. Ҳар як инсон ба ҳаёти шахсӣ ҳуқуқ дорад».

Дар бобати эътироз гуфта метавонам, ки Сарқонуни ШМА оид ба ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ чизе намегӯяд. Бар замми ин илова карда метавонам, ки ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ ҳеҷ гоҳ ҳуқуқи комил набуд, вале ҳамеша бо ҳуқуқҳои дигар танзим мешуд.

Мо дар бораи марде, ки ҳамсарашро мезанад, кӯдаконро таҳқир мекунад ва бо ин мегӯяд: «Он коре, ки ман мекунам, ба касе тааллуқ надорад. Ин кори шахсии ман аст»,-чӣ гуфта метавонем?

Ақидаи маъмули дигар низ ҳаст: «Исқоти ҳамл – ин қарори хусусии бо зан ва духтури ӯ қабул шуда мебошад».

Духтурон маълумоти тиббӣ доранд, вале интихоби ахлоқии онҳо на он қадар бонуфуз аст, чунончӣ он ташхиси тиббие, ки онҳо мегузоранд, (ҳатто онҳо низ баъзан хато мебароянд). Табибони зиёд инсонҳои поквичдон мебошанд, ки саломатии инсонро аз манфиати худ ва пул боло мегузоранд. Мутаассифона, на ҳама дорои чунин хусусиятҳои боэътимоди ахлоқӣ мебошанд.

Он, ки духтурон барои идора кардани саломатӣ ва тақдирҳои инсонҳои дигар қодиранд, духтурони олмонӣ дар Ҷанги дуюми ҷаҳон намоиш доданд. Роберт Ҷей Лифтон дар китоби аҷоиби худ «Духтурони натсис» ба таври ҳуҷҷатӣ нишон дод, ки чӣ тавр мутахассисони бомаърифати тиббӣ бо хунсардии хиҷолатмандона ҷарроҳӣ ва озмоишҳои бераҳмона ва марговарро болои кӯдакони бепушту паноҳ ба амал меоварданд.[1] Инҳо табибони баландихтисос буданд, ки дар Аврупо маълумот гирифтаанд. Вале онҳо аз моҳияти ахлоқӣ тамоман маҳрум гашта буданд.

Духтуроне, ки исқоти ҳамл мекунанд, дар мулоҳизаҳои худ нисбати исқоти ҳамл инчунин беғаразанд, чуноне ки намояндагони ширкатҳои тамоку дар мулоҳизаҳои худ нисбат ба тамокукашӣ беғаразанд. Манфиатҳои шахсӣ ва молиявии онҳо, чун сифатҳои шубҳаноки ахлоқии онҳо, онҳоро дар масъалаҳое, ки ба ҷиҳати ахлоқии исқоти ҳамл дахл доранд, тамоман обрӯманд намекунанд.

Аз мушкилиҳо чӣ тавр раҳо ёфтан мумкин аст?

Бисёр занҳои ҷавон ва модарони онҳо ба ҳукми атрофиён дучор шудан метарсанд.

Чӣ хеле, ки одамон ба шаҳватпарастии бе аҳди ниқоҳ муносибат накунанд, дар ҳомилагӣ аслан ягон чизи баде нест, чуноне, ки ҳатто дар ҳамон алоқаи ҷинсӣ, ки ба ин ҳомиладорӣ мерасонад, ҳеҷ чизи баде нест. Касе ҳуқуқ надорад, ки ба чунин модар чун ба «духтари бадахлоқ» муносибат намояд ё ӯро маҷбур созад, ки «масъалаҳои худро» бо ёрии исқоти ҳамл ҳал намояд. Ӯро дӯст доштан лозим, дар давраи ҳомиладорӣ кӯмак кардан зарур аст, ба ӯ барои қарор қабул кардани он, ки ӯ худаш кӯдакро

[1]. Нигоҳ: Robert Jay Litton, *The Nazi Doctors: Medical Killing and the Psychology of Genocide* (New York: Basic Books, 1986).

калон мекунад ё ин ки ба писархондкунӣ \ духтархондкунӣ додани вай розӣ мешавад, кӯмак кардан лозим аст. Чӣ қароре, ки ӯ қабул накунад, мо бояд ӯро дастгирӣ намоем.

Ҳар боре, ки ман зани бешавҳарро мебинам, ки дар батни худ кӯдаки ояндаро дорад, ман нисбати ӯ танҳо ҳисси миннатдориро эҳсос менамоям. Ман медонам, ки ӯ метавонист ҳамаашро ба таври «оддӣ» ҳал намояд ва ҳатто ончунон, ки дар хусуси он касе ҳам пай намебурд, лекин ба ҷои ин ӯ қарор намуд, ки ба кӯдаки худ ҳаёт мебахшад.

Шаҳвати пеш аз никоҳ оқибатҳои ҷиддии хатарнок дорад, ҳатто агар он ба ҳомиладории номатлуб оварда нарасонад. Бо ҳамин сабаб мо бояд тамоми қувваро ба харҷ диҳем, то ки қоидаи парҳезкориро таблиғ намоем.[2] Ба қоидаи парҳезкорӣ пайравӣ намуда, шумо ба ҳамаи он чизҳое, ки ба шумо зарар мерасонад, «не» мегӯед ва бо ин шумо ба он ҳаёте, ки барои шумо аз ҳама беҳтарин мегардад, «ҳа» мегӯед. Лекин агар шумо ба ин қоида пайравӣ накардед, аз шаҳвати пеш аз никоҳ сабақ гирифтан зарур аст ва минбаъд хатогиҳоро такрор нанамоед. Қатли одами бегуноҳ бо роҳи исқоти ҳамл ба оқибатҳои бисёр ҷиддию сахт ва дур давомёбанда оварда мерасонад. Исқоти ҳамл як инсонро маҷбур месозад, ки барои хатогиҳои инсони дигар ҷазо бинад. Бар замми ин, он зани ҷавонро маҷбур месозад, ки бо эҳсоси гуноҳ барои хатогии ҷиддии нисбатан, ки онро содир намудааст, зиндагӣ намояд. Исқоти ҳамл метавонад мушкилиро муваққатан рӯпӯш кунад, вале он ҳеҷ гоҳ онро ҳал намекунад.

Исқоти ҳамл ба ҷоришавии чунин ақида дар зан мусоидат менамояд: «Ҳузуру ҳаловат ва хушбахтиам барои ман дар ҷои аввал меистанд, ҳатто агар барои ин ба ман лозим ояд, ки ба ҳуқуқҳои инсони бегуноҳ беэътиноӣ зоҳир намоям». Чунин

[2]. Нигоҳ: www.teen-aid.org/Links.htm; www.abstinencedu.com; www.abednet.org; www.PureRevolution.com.

ақида дар соҳаҳои аз ҳама гуногуни ҳаёти инсон тез-тез зоҳир мегардад ва оҳиста-оҳиста моҳияти ахлоқии башариятро заиф мегардонад. (Бо вуҷуди ин хушбахтии дилхоҳ намедиҳад.)

Вазъияти мушкили ҳаёти як инсон ҳеҷ гоҳ асос шуда наметавонист, то ин ки инсони дигарро аз ҳаёт маҳрум созад.

Боби 11

Оё исқоти ҳамл ва саломатии ҷисмонӣ ва ақлии зан зарар мерасонад?

«Исқоти ҳамл чун сиёсати ҷамъиятӣ, ки барои дастгирии занон равона карда шудааст, беасосии мутлақи худро нишон дод», менависад Серрин Фостер, раиси ташкилоти «феминистон барои ҳаёт». Ин танҳо дар бораи он мегӯяд, ки мо ҳам ба мисли занон асоснок нагардидем».[1]

Ҷоан Эплтон тарафдори боэътиқоди озодӣ барои исқоти ҳамл ва коркуни калони тиббӣ дар идораи штати Вирҷиния буд, ки дар он ҷо ба занон имконияти исқоти ҳамл карданро медоданд. Ӯ аз худ мепурсид, ки барои чӣ исқоти ҳамл «барои зан ин як зарбаи руҳӣ аст ва чаро зан бо мушкилиҳои зиёд ба ин қарор меояд, вақте ки ин муолиҷаи муқаррарӣ аст? Агар ин қарори дуруст бошад, пас барои чӣ он ин қадар мушкил аст?»

Элтон нақл мекард: «Ман ба ин занон маслиҳат медодам ва онҳоро чӣ хеле, ки метавонистам, аз роҳашон мегардондам; онҳо дар ҳақ будани қарори худ боварии қатъӣ доштанд. Пас барои чӣ онҳо акнун – моҳҳо ва ҳатто солҳо баъд – чунин рӯҳафтода бармегарданд?»[2]

---

1. Serrin M. Foster, "Women Deserve Better Than Abortion," *Respect Life*, 2003.
2. Quoted by Mary Meehan, "The Ex-Abortionists: Why They Quit," *Human Life Review* (Spring-Summer 2000), 12.

Шумораи беҳисоби занон, ки дар натиҷаи исқоти ҳамл ба худ зарар расондаанд, баъд мегуфтанд: «Ман ҳатто ба худ тасаввур намекардам, ки ин бо ман руй медиҳад; касе маро дар ин хусус огоҳ намекард, ки он бо чӣ гуна хавфҳо алоқаманд мебошад».

Мушкилиҳои ба ин хос

Дар ҳисоботи худ дар пеши комиссияи сенатӣ соли 2004 д-р Элизабет Шэдиган дар бораи он шаҳодат медод, ки «исқоти ҳамл эҳтимолияти пайдо гардидани саратони сина, хобидани (предлежание) ҳамроҳ, таваллуди пеш аз мӯҳлат, худкушии модаронро... баланд мекунад. Аз рӯи омор амалан ҳама намуди фавтиданҳо бештар бо ҳамон заноне руй медиҳад, ки дар ҳаёти худ исқоти ҳамл кардаанд».[3]

Камаш чилу нӯҳ тадқиқотҳо маълумотҳои оморӣ додаанд, ки аз афзошёбии баланди шумораи таваллуди пеш аз мӯҳлат ё вазни ниҳоят пасти кӯдаки навзод дар он занҳое, ки пештар исқоти ҳамл кардаанд, шаҳодат медиҳанд. «Вазни пасти навзод ё таваллуди пеш аз мӯҳлат омилҳои аввалини хавф мебошанд, ки бо миқдори фавти навзодон ё бо маъюбии модарзодии минбаъда, қобилиятҳои пасти шуурнокӣ ё иллатҳои рӯҳӣ алоқаманд мебошанд».[4]

Ана, масалан иқтибос аз таърихи бемории зани рус: «Бемор К. , 23 сола, дар анамнез (маълумоте, ки аз бемор ё атрофиёнаш дар хусуси пайдоиши касалӣ гирифта мешавад) аз синни 15 солагӣ ҳаёти ҷинсии барвақтӣ, 4 ҳомиладорӣ. 1-3-юм ҳомиладорӣ бо

---

3. Elizabeth Shadigan, MD, баромад дар ҳузури комиссияи сенатӣ оид ба масъалаҳои илм, техника ва кайҳон дар мавзӯи таъсири ҷисмонӣ ва рӯҳии исқоти ҳамл ба занон; иқтиб. аз рӯи: “Witnesses Ask U.S. Senate for Research into Side Effects of Abortion on Women,” *Culture & Cosmos*, vol. 1, no. 30, March 9, 2004.
4. Brent Rooney and Byron C. Calhoun, MD, “Induced Abortion and Risk of Later Premature Births,” *Journal of American Physicians and Surgeons*, vol. 8, no. 2, Summer 2003.

исқоти ҳамли тиббӣ анҷом ёфтаанд, 4-ум таваллуди пеш аз мӯҳлат бо роҳи ҷарроҳӣ дар ҳафтаи 36-ум. Ба таваллудхона ҳомила дар ҳолати садамоти хунравӣ ворид гардид, фишори хуни раги шараён (артерия) 50\0, набзи бисёр суст, дилзании ҷанин шунида намешуд. Бо ташхиси бармаҳал қабат-қабат ҷудошавии ҳамроҳ ва ҳалокати то таваллуди ҷанини (антенатальный) зан ба ҳуҷраи ҷарроҳӣ гузаронида шуд, ки дар он ҷо ба ӯ ҷарроҳии чоки қайсар намуданд. Духтарчаи чалаи мурда бароварда шуд. Ҳангоми ҷарроҳӣ ташхиси раҳими Кувелер монда шуд, ки бо сабаби ин раҳимро гирифта партофтанд. 1,5 шабонарӯз бемор дар таваллудхона дар зери ҳавотозакунаки сунъии шуш қарор дошт, баъд ба беморхона ба шӯъбаи ором (реанимация) гузаронида шуд» (Маълумотҳои маркази тиббӣ-маорифпарварии православии «Жизнь»).

Баъзе қурбониён баъд аз исқоти ҳамл қобилияти кӯдак таваллудкуниро аз даст медиҳанд. Ба ғайр аз ин, исқоти ҳамл эҳтимолияти инкишофи ғайримуқаррарии кӯдаконро, ки дертар таваллуд мешаванд, баланд мекунад.[5] Миқдори фавти тифлони он модароне, ки исқоти ҳамл кардаанд, дар ду-чор маротиба аз меъёр тезтаранд.[6] Азбаски исқоти ҳамл эҳтимолияти таваллуди пеш аз мӯҳлатро дар оянда меафзояд, маҳз исқоти ҳамл сабаби ҳазорҳо ҳодисаҳои фалаҷи мағзи сар дар Амрикои Шимолӣ мегардад.[7]

Ана боз як иқтибос аз таърихи бемории зани рус:

«Бемор З., 38 сола. Ҳомиладории 1-5-ум бо исқоти ҳамл анҷом

5. S. Linn, "The Relationship Between Induced Abortion and Outcome of Subsequent Pregnancies," *American Journal of Obstetrics and Gynecology*, May 15, 1983, 136-40.
6. John A. Richardson and Geoffrey Dixon, "Effects of Legal Termination on Subsequent Pregnancy," *British Medical Journal* (1976): 1303-4.
7. B. Luke, *Every Pregnant Woman's Guide to Preventing Premature Birth* (New York: Times Books, 1995); E. Ring-Cassidy, *Woman's Health After Abortion* (Toronto: de Veber Institute, 2002).

ёфтаанд, 6-ум – бачапартоии бевақтӣ. Ҳомиладории кунунӣ 7-ум, таҳдиди қатъшавӣ... Таваллуд дар 29-30-юм ҳафтаи ҳомиладорӣ. Духтарча таваллуд шуд. Вазн – 1220г., қад – 38 см., иллати ҳамроҳак, муоинаи дастии пардаи қафаси бачадон. Дар марҳилаи баъди таваллуд хунравии заифи бачадон авҷ гирифт, ки ба муолиҷаи мӯътадил дода намешуд, бачадон бурида партофта шуд. Кӯдак тӯли ду моҳ дар шӯъбаи чала зоидашудагон қарор дошт. Ҷисмонӣ солим аст. Аз тарафи системаи марказии асабҳо якбора баландшавии қобилияти ангезиш бо ташаккулёбии аломати рагкашии минбаъда қайд карда мешуд (баландашавии ғайримуқаррарии фаъолияти мушакҳо). Кӯдак ба муолиҷаи дарозмуддати неврологӣ, масҳ эҳтиёҷ дорад, инкишофи ДЦП эҳтимол дорад». (Маълумотҳои марказӣ тиббӣ – маорифпарварии православии «Жизнь»).

Ҳамли хориҷи бачадон ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки ҷанин берун аз бачадон, дар тухмираҳа ташаккул меёбад. Ин гуна ҳомиладорӣ сабаби 12% фавтиданҳо дар байни модарон мебошад.[8] Вазорати тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоии ШМА тадқиқоти ҳодисаҳои ҳамли хориҷи бачадонро дар бист соли охир гузаронд ва муайян намуд, баъд аз он ки исқоти ҳамл қонунӣ гардонида шуда буд, шумораи ин гуна ҳодисаҳо ба 500% афзуд.[9]

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки хавфи ҳамли хориҷи бачадон дар занҳое, ки исқоти ҳамл кардаанд, дар ду маротиба меафзояд ва дар чор маротиба дар он занҳое меафзояд, ки аз ду маротиба ва зиёд исқоти ҳамл кардаанд.[10] Аз шумораи умумии занҳо, ки ҳамли хориҷи бачадон доштанд, 40% безурриёт мегарданд

---

8. *Family Planning Perspectives*, March-April 1983, 85-86.
9. U.S. Department of Health and Human Services, *Morbidity and Mortality Weekly Report* 42 (SS-6) 73-85 (December 17, 1993; April 1984).
10. Ann Aschengrau Levin, "Ectopic Pregnancy and Prior Induced Abortion," *American Journal of Public Health* (March 1982): 253.

ва дар ҳар сеюм нафари ин занҳо ҳамли хориҷи бачадон дар оянда такрор меёбад. Ин шоёни диққат аст: «Танҳо дар 33% ҳолатҳои ҳамли хориҷи бачадон таваллуд дар оянда бомуваффақият мегузарад».[11]

Ҳисоботҳои марказӣ оид ба назорат ва тадбирҳои пешгирӣ аз бемориҳо нишон медиҳанд: «Нуқсоне, ки бо ҳомилагӣ алоқаманд мебошанд, ба монанди ҳамли хориҷи бачадон... то ҳол ҳар рӯз ба 2 ҳазор зан зарар мерасонад».[12]

Бемориҳои илтиҳоби узвҳои устухонҳои кос чунин сироят мебошанд, ки ба таб ва безурриётӣ оварда мерасонанд. Муҳаққиқон тасдиқ мекунанд: «Бемориҳои узвҳои устухонҳои кос нуқсони ба худ хос ва ҷиддии баъди исқоти ҳамл мебошад ва натиҷаи 30%-и тамоми исқоти ҳамл мегарданд».[13] Таҳқиқи заноне, ки дар се моҳи аввали ҳомиладорӣ исқоти ҳамл кардаанд, нишон медиҳад, ки «занон бо бемориҳои илтиҳоби узвҳои устухонҳои кос, ки бо сабаби исқоти ҳамл ба вуҷуд омадаанд, пайваста хавфи аз сар гузарондани... исқоти ҳамли

худбахуд рӯйдиҳанда, безурриётии дубора, диспареуния ва дарди дурудароз дар атрофи устухонҳои косро доранд».[14]

Бо як сарнавишт шинос мешавем, ки оқибати он танҳо бо як исқоти ҳамл муайян гардида буд.

---

11. "Ectopic Pregnancy: Prognosis for Subsequent Fertility," www.physicianeducation.org. Accessed March 1, 2004.
12. Centers for Disease Control, Press Release, May 1, 2001, "CDC Reports Highlights Selected Racial and Ethnic Pregnancy-Related Death Rates," http://www.cdc.gov/od/oc/media/pressrel/r010511.htm.
13. Allan Osser, MD, and Kenneth Persson, MD, "Postabortal Pelvic Infection Associated with Chlamydia Tracomatis and the Influence of Humoral Immunity," *American Journal of Obstetrics and Gynecology* (November 1984): 669-703.
14. Lars Heisterberg, MD, et al., "Sequelae of Induced First-Trimester Abortion," *American Journal of Obstetrics and Gynecology* (July 1986): 79.

Юлия дар Руссия, дар Санкт – Петербург ба воя расидааст. Оилаи хуб, маълумот, кори ояндадор. Ҳомиладории якум бо исқоти ҳамл қатъ гардид. Дар бачадон қисми ҷанин монда буд, некроз (нобуд шудани бофтаҳо) оғоз ёфт. Ҷараёни илтиҳоби кӯҳна ба шӯъбаи ором овард. Баъд аз 3 фавти клиникӣ ва 3 ҷарроҳӣ ӯ аз бачадон ва дигар узвҳои таносул маҳрум гардид. Дар курсии маъюбӣ аз беморхона баромад (роҳ гашта наметавонист). Аз талафот ва алами руҳӣ нашъа ва машрубот истеъмол мекардагӣ шуд. Минбаъд акнун ҳаёт аз сабаби онҳо хароб мегардид. Ҳамин тавр ҳамагӣ як исқоти ҳамл ба маъюбӣ, аз даст додани кор, бефарзандӣ ва ғ. оварда расонд. (Маҷаллаи «Умед барои ту»)

Хобидани ҳамроҳ ё нодуруст ҷойгиршавии ҳамроҳ оқибати «ҷароҳат ё захми батни пештар расонидашуда» мебошад [15], аз он ҷумла дар натиҷаи исқоти ҳамл. Он дар 7-15 маротиба тез-тез дар он занҳое ки пештар исқоти ҳамл кардаанд, вохӯрда мешавад, нисбат ба онҳое, ки ин корро накардаанд.[16] «Аз рӯи маълумотҳои зиёд, нуқсҳое (осложнение) ки якбора баъд аз исқоти ҳамл пайдо мешаванд, камаш дар 10% ҳодисаҳо ба амал меоянд. Ба ғайр аз ин, нуқсҳое ки дар чунин занҳо дар оянда пайдо мешаванд, камаш дар 17% ҳодисаҳо ба амал меоянд, лекин аз рӯи маълумотҳои дигар ин фоиз то 25-40 мерасад».[17]

Дар занҳое, ки як исқоти ҳамл кардаанд, хавфи пайдо шудани саратони раҳим дар ду маротиба меафзояд, назар ба заноне, ки исқоти ҳамлро истифода набурдаанд. Занҳое, ки ду ва зиёда маротиба исқоти ҳамл кардаанд, ин эҳтимолият қариб ба

---

15. Anath, CV, et al.: "The Association of Placenta Previa with History of Cesarean Delivery and Abortion: A Meta-Analysis," *American Journal of Obstetrics and Gynecology* (November 1997): 1071-78.
16. Jeffrey M. Barrett, MD, "Induced Abortion: A Risk Factor for Placental Previa," *American Journal of Obstetrics and Gynecology* (December 1981): 769.
17. David Reardon, *Aborted Women: Silent No More* (Westchester, IL: Crossway Books, 1987), 106.

панҷ маротиба меафзояд. Тақрибан ба ҳамин маротиба хавфи бемории саратони тухмдон ва ҷигар меафзояд. Сабаби ин ҳам исқоти ҳамл мебошад.[18]

Баъд аз тадқиқотҳои аз ҳама пурғайрат д-р Ҷоел Бринд, профессори эндокринологияи донишгоҳи Ню-Йорк, ба хулоса омад: «Сабаби асосии пайдоиши саратони сина, ки аз он раҳо ёфтан мумкин аст, исқоти ҳамли сунъӣ мебошад».[19] Дар зане, ки исқоти ҳамл кардааст, хавфи пайдоиши саратони сина камаш ба 50% ва зиёдаш ба 300% меафзояд.[20]

Аз рӯи маълумотҳои «Интерфакс», баъд аз исқоти ҳамл хавфи саратони сина ба 140% меафзояд, дар занҳое, ки аз 3 ва зиёда исқоти ҳамл доранд, ба – 240%. (Интерфакс)

Баъзе занҳо наметавонанд ҳомиладор шаванд баъди исқоти ҳамл. Исқоти ҳамл имконияти нуқсонҳои модарзодро меафзояд.[21] Суръати фавти барвақтии тифлон, ки таваллуд баъд аз он ки модари онҳо исқоти ҳамл карданд, 2-4 маротиба зиёдтар нисбат ба дигар занҳо.[22]

---

18. F. Parazzini, et al., "Reproductive Factors and the Risk of Invasive and Intraepithelial Cervical Neoplasia," *British Journal of Cancer*, 59:805-9 (1989); H. L Stewart, et al., "Epidemiology of Cancers of the Uterine Cervix and Corpus, Breast and Ovary in Israel and New York City," *Journal of the National Cancer Institute* 37(i):l-96; I. Fujimoto et al., "Epidemiologic Study of Carcinoma in Situ of the Cervix," *Journal of Reproductive Medicine* 30(7):535 (July 1985); C. LaVecchia, et al., "Reproductive Factors and the Risk of Hepatocellular Carcinoma in Women," *International Journal of Cancer*, 52:351, 1992.
19. Dr. Joel Brind, "Comprehensive Review and Meta-Analysis of the Abortion/ Breast Cancer Link"; http://members.aol.com/DFjoseph/brind.html.
20. Brinton LA, Hoover R, Fraumeni IF, Ir. (1983) *British Journal of Cancer*, 47:757-62.
21. Linn, "Outcome of Subsequent Pregnancies," 136-40.
22. John A. Richardson and Geoffrey Dixon, "Effects of Legal Termination on Subsequent Pregnancy," *British Medical Journal* (1976): 1303-4.

Нуқсҳои рӯҳии ба худ хос

Даҳҳо тадқиқотҳо алоқаи зичи исқоти ҳамлро бо баландшавии ноӯҳдадориҳои шаҳвонӣ, нафрат ба шаҳват, гум кардани наздикии маҳрамона, эҳсоси гуноҳи даркнанамуда, алоқаи шаҳвонии беникоҳ, аломати стресси латхурӣ, гум кардани иззати нафс, афсурдаҳолӣ, муносибати бад ба кӯдакон ва қабул накардани онҳо, бо афзоиши майнӯшӣ ва нашъамандӣ нишон медиҳанд.[23] Тадқиқотҳои Донишкадаи Эллиот нишон медиҳанд, занҳое ки исқоти ҳамл кардаанд, панҷ маротиба зудтар нашъа истеъмол менамоянд.[24]

Мутахассис оид ба масъалаҳое, ки баъд аз исқоти ҳамл пайдо мешаванд, Дэвид Риардон менависад: «Муоинаи бемороне, ки ҳашт ҳафта қабл исқоти ҳамл кардаанд, нишон медиҳад, ки 44% онҳо ба вайрон шудани асабҳо шикоят доранд, 36% аз бехобӣ азият мекашанд, 31% -и онҳо аз кардаашон пушаймонанд, ба 11% бошад духтурони оилавӣ дорухо барои касалиҳои рӯҳӣ менависанд».[25] Ин махсусан қобили қайд аст, зеро дар баъзе занҳо оқибатҳои исқоти ҳамл танҳо баъд аз чанд сол ошкор мегардад.

Дар Руссия ҳам исқоти ҳамлро бо чунин тарз амалӣ мекунанд ва оқибатҳои он низ ҳамин гунаанд. Занҳои рус инчунин ҷисмонӣ ва рӯҳан азоб мекашанд. Қалби модар аз талафоти бебозгашт азият мекашад. То таваллуди духтарчааш, Елена чанд-то исқоти ҳамл кардааст. Оқибатҳои рӯҳӣ баъд аз исқоти ҳамл дар намуди рӯъё зоҳир мегаштанд. Равшан ва ҳақиқатмонанд дар назди духтарчаи хурдакакаш кӯдакони дигар пайдо мешуданд, гоҳо хурд, гоҳо калон. Худи Елена нақл мекунад: «Онҳо аз ман мепурсиданд:

---

23. Herman, *Trauma and Recovery*, (New York: Basic Books, 1992), 34; “Abortion’s Adverse Physical and Psychological Effects on Women” (list of studies).
24. Ин ва дигар тадқиқотҳоро дар саҳифаи Донишкадаи Эллиот, www.afterabortion.org. нигоҳ к.
25. David C. Reardon, “Major Psychological Sequelae of Abortion,” 1997, Elliot Institute.

«Модар! Хайр чӣ тавр тӯли ин солҳо ту бе мо зиндагӣ мекардӣ?» Ман то он қадар бузургии ҷинояти содирнамудаамро эҳсос намудам, ки тамоми даҳшат ва ноумедиро, ки ҳамон вақт ман аз сар гузарондам, наметавонам бирасонам. Ман танҳо барои омурзиш фиғон мекашидам ва мефаҳмидам, ки чизеро тағйир додан имконнопазир аст». (Рӯзномаи «Встреча» №2(7))

Ташкилоти «Занҳое, ки аз исқоти ҳамл гузаштаанд» (WEBA) зиёда аз си ҳазор аъзоёнро, ки дар зиёда аз дусад шӯъбаҳои Штатҳои Муттаҳида, Канада, Олмон, Ирландия, Ҷопон, Австралия, Зеландияи Нав, ва Африқо мебошанд, дар бар мегирад.[26] Дар ҳисоби дигар гурӯҳҳо ва ташкилотҳо, ки мақсади онҳо дар дастгирӣ ва беҳдошти занҳое, ки исқоти ҳамл кардаанд, мебошад, «Қурбониҳои интихоб», «Машварат ва маълумот баъд аз исқоти ҳамл» (PACE), «Кӯмак ва маърифатнокӣ дар ҷароҳатҳое, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошанд» (HEART), «Рӯъёҳои шифобахш», «Машваратдиҳӣ оид ба масъалаҳое, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошанд» (CARE), «Занҳои Рама», «Лоиҳаи Рэчел», «Дастони кушода», «Ёрӣ ба зарардидагон аз ҷароҳатҳое, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошад», «Собиқ тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл» медароянд. Вуҷуд доштани чунин гурӯҳҳо ва ташкилотҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки шумораи зиёди занҳо аз ҷароҳатҳои рӯҳӣ ва пуртаъсир, ки бо сабаби исқоти ҳамл ба вуҷуд омадаанд, азият мекашанд.

Дар як рӯзнома ман мақолаеро дар бораи он хондам, ки исқоти ҳамл – ин танҳо яке аз хелҳои амалиётҳои ҷарроҳӣ мебошад, ки аз ҷарроҳии сурохии дандон дар духтурхонаи дандон ё ҷарроҳии бурида партофтани варами кӯррӯда бо чизе фарқ намекунад. Лекин барои чӣ пас аз бист сол инсон чун қоида таърихи аниқи рӯзи бурида партофтани варами кӯррӯдаи худро дар хотир надорад? Барои чӣ дар чашмони ин гуна одамон ашк тоб намехӯрад ва онҳо аз талафоти бебозгашти ин аъзо ғам

[26]. “Tearing Down the Wall,” *LifeSupport*, Spring-Summer 1991, 1-3.

намехӯранд? Кӣ ба ман гуфта метавонад, оё ҳастанд ташкилотҳо ё гурӯҳҳои машваратдиҳӣ ва дастгирии маънавӣ барои он одамоне, ки сурохии дандонҳои онҳоро табобат карда буданд?

(Мардони зиёд низ аз ҷароҳатҳои рӯҳӣ азият мекашанд, ки аз сабаби ҳиссиёти гунаҳкорӣ ба вуҷуд омадаанд, ки бо иштироки онҳо дар исқоти ҳамл алоқаманд мебошад ва инчунин натиҷаи аз даст додани кӯдакон.[27] Гурӯҳҳо ва ташкилотҳои дастгирӣ барои онҳо низ вуҷуд доранд).[28]

Марг аз исқоти ҳамл

Тадқиқоти миқдори фавт, ки бо ҳомилагӣ алоқаманд мебошад, дар маҷаллаи «Масъалаҳои доягӣ ва гинекологӣ» нишон медиҳад, ки дараҷаи миқдори фавт, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошад, дар 2,95 маротиба баланд аст, назар ба занҳои ҳомила, ки фарзандони худро таваллуд мекунанд.[29]

Марказҳо оид ба назорат ва пешгирии беморихо хабар медиҳанд, ки дар соли 1998 10 – ҳодисаи оқибати марговар дошта дар натиҷаи исқоти ҳамл ба қайд гирифта шудааст,[30] вале, мувофиқи ҳамин ҳисоботҳо ин маълумотҳоро боэътимод ҳисобидан ба гумон аст, зеро на ҳама штатҳо чунин ҳисоботҳоро пешниҳод намудаанд. Дар ҳақиқат, он беморхонаҳое, ки дар он исқоти ҳамл мекунанд, аз чунин ҳисоботҳо чизе ба даст намеоранд, вале бешубҳа зарари калон мебинанд.[31] Ба ғайр аз ин шумораи чунин

---

27. Нигоҳ к. Alcorn, *ProLife Answers*, 118-20, 285-86.
28. Маълумот ва маслиҳатҳои ройгон дар саҳифаи: www.lifeissues.org/men/. дастрасанд.
29. Gissler M, Berg C, Bouvier-Colle MH, Buekens P., “Pregnancy-Associated Mortality After Birth, Spontaneous Abortion or Induced Abortion in Finland, 1987-2000,” Am J Ob-Gyn 2004; 190:422-27.
30. Centers for Disease Control, *Morbidity and Mortality Weekly Report*, 52 (SS12); 1-32, “Abortion Surveillance – United States, 2000,” 32.
31. James A. Miller, “A Tale of Two Abortions,” *Human Life International*

натиҷаҳои марговарро аз он сабаб назорат кардан мушкил аст, ки дар бисёр ҳолатҳо марг ҳангоми ҷарроҳӣ не, балки баъдтар мерасад. Аз ин сабаб ҳам боиси маргро тез-тез аз ҳар чиз мегӯянд, фақат аз исқоти ҳамл не:

> Масалан, ба модаре, ки хуни зиёд гум кардааст, хун гузаронданд. Ӯ ба бемории қубод (гепатит) гирифтор шуд ва баъд аз чанд моҳ фавтид. Сабаби расмии марг дар чӣ аст? Қубод. Вале дар ҳақиқат? Исқоти ҳамл. Чоки бачадон ба варами фасодноки узвҳои устухонҳои кос, сепсис (сирояти хун) ва марг оварда мерасонад. Ба сифати сабаби расмии марг варами фасодноки узвҳои устухони кос ва септисемия буда метавонад. Дар хулоса дар бораи исқоти ҳамл сухане ҳам гуфта намешавад. Исқоти ҳамл метавонад сабаби тухмираҳои ғайриоддӣ гардад. Солҳо баъд дар чунин зан ҳамли хориҷи бачадон метавонад пайдо шавад, ки ба марг оварда мерасонад. Ба сифати сабаби марг ҳамли хориҷи бачадон ба қайд гирифта мешавад. Лекин сабаби ҳақиқӣ дар чӣ аст? Исқоти ҳамл.[32]

Тадқиқотҳое, ки дар «Саузерн Медикал Ҷоурнал» чоп шуда буданд, нишон доданд, ки «занҳое, ки исқоти ҳамл кардаанд, дар дараҷаи баландтар худро ба хавфи марговар дучор мекунанд, нисбат ба занҳое, ки фарзандонро таваллуд мекунанд».[33] Ин дараҷаи баланди хавф афзоиши миқдори фавтро аз худкушӣ ба 154% дар бар мегирад, инчунин фоизи хеле баландтари миқдори фавтро дар натиҷаи фалокатҳо ва куштор.

Reports, March 1991, 1.

32. John Willke, *Abortion Questions and Answers* (Cincinnati, OH: Hayes Publishing Co., 1988), 99; Brian Clowes, *Facts of Life*, "Maternal Deaths Due to Abortion," Human Life International; 2nd ed. (June 2001).

33. Wanda Franz, "Abortion Associated with Heightened Mortality Rate, Study Reveals," www.nrlc.org/news/2002/NRL09/franz.html.

Аз рӯи маълумотҳои Вазорати тандурустии Руссия исқоти ҳамл сабаби 30% фавти занҳои рус гардидааст.

«Саломатии занҳое, ки исқоти ҳамл кардаанд» – ин меҳнати ҳаматарафа мебошад, ки дар он зиёда аз панҷсад мақолаи тиббӣ пешниҳод гардидааст, ки ба оқибатҳои марговари исқоти ҳамл барои занҳое, ки онҳоро содир намудаанд, бахшида шудааст.[34] Ҳар касе, ки чун пештара дар он шубҳа дорад, ки исқоти ҳамл сабаби оқибатҳои сахт ва давомдор мегардад, бояд бо ин маълумотҳои боэътимод шинос шаванд.

Занҳо чӣ мегӯянд

Райпурсии он заноне, ки нуқсҳои бо сабаби исқоти ҳамл пайдо шударо аз сар гузарондаанд, нишон дод:

1. Зиёда аз 90% занҳо пеш аз он, ки чунин қарорро қабул кунанд, аз оқибатҳои он маълумотҳои мукаммал надоштанд.

2. Зиёда аз 80% ба исқоти ҳамл розӣ намешуданд, агар онҳоро ба ин кор дигар одамон розӣ намекарданд, аз он ҷумла машваратчиёни онҳо низ.

3. 83% занҳо баён карданд, ки онҳо фарзандони худро таваллуд мекарданд, агар онҳоро маъшуқони онҳо, наздикон ва одамони дигар, ки барои онҳо азизанд, дастгирӣ менамуданд.[35]

Ягон зан ба чунин қисмат, чун исқоти ҳамл сазовор нест.

---

[34]. Elizabeth Ring-Cassidy and lan Gentles, *Women's Health After Abortion: The Medical and Psychological Evidence*, 2nd ed. (de Veber Institute, 2003), www.deveber.org.

[35]. "Key Facts About Abortion," Elliot Institute, n.d., www.afterabortion.org.

Боби 12

Оё ба исқоти ҳамл розӣ шудан дуруст аст, агар ҳомилагӣ ба ҳаёти зан хатар дорад?

Оё исқоти ҳамл дуруст аст, агар ҳомилагӣ ё ин ки таваллуд кардани кӯдак ба ҳаёт ё саломатии зан хатар дошта бошад?

Ҳолатҳое, вақте ки исқоти ҳамл барои нақот додани ҳаёти зан зарур аст, аз ҳад кам мебошанд. Д-р Эверетт Куп гуфт, ки дар тӯли сию шаш соли тақрибаи худ дар соҳаи ҷарроҳии педиатрӣ ягон хел чунин вазъиятро ба хотир оварда наметавонад, вақте ки кӯдаки таваллуднашударо барои нақот додани ҳаёти модар аз батн гирифтан лозим меомад. Аз рӯи ақидаи ӯ истифодаи чунин далел барои дуруст шуморидани исқоти ҳамл – ин аз «пардаи дуд» зиёдтар нест. Д-р Ландрум Шеттлз тасдиқ менамояд, ки аз тамоми исқоти ҳамл танҳо аз 1% камтараш барои нақот додани ҳаёти модар содир мегардад.[1]

Ҳаётеро нақот диҳед, ки онро нақот додан мумкин аст

Агар дар зан сирояти хунро пайдо намоянд, ин албатта барои ӯ мушкил мегардад, вале ӯ ба ин ҳақиқат оқилона эътино менамояд ва эҳтимол қисми зиёди мӯҳлати ҳомилагии худро

---

1. Shettles and Rorvik, *Rites of Life* (Grand Rapids, MI: Zondervan, 1983), 129.

дар беморхона мегузаронад. Ин мушкил аст, вале аз рӯи қоида марговар нест. Дар чунин ҳолатҳо исқоти ҳамл барои «саломатӣ» омили нақоти ҳаёт не, балки нобуд кардани он мегардад.

Бо вуҷуди ин, агар модар гирифтори саратони қафаси дохилибатнии зуд шиддатёбанда гардида бошад, ҷарроҳӣ барои бурида партофтани варам метавонад ба аз даст додани кӯдак оварда расонад. Дар ҳамли хориҷи бачадон кӯдак берун аз батн инкишоф меёбад. Ӯ имконияти зинда мондан надорад ва ӯро маҷбуранд, гирифта партоянд, то ин ки модарро нақот диҳанд. Инҳо вазъиятҳои фоҷианоканд, лекин агар ҳатто бо як ҳаёт қурбонӣ кардан лозим ояд, он ҳаётеро, ки нигоҳ доштан мумкин аст, бояд нақот дод. Дар аксар чунин ҳодисаҳо, ин гуна ҳаёт, ҳаёти модар мегардад. Дар ҳолатҳои камтарин, дар давраҳои хеле бевақтии ҳомилагӣ мешавад, ки ҳаёти модарро нақот додан имконнопазир аст, вале кӯдакро нақот додан мумкин аст. Лекин дар ҳама ҳолат як ҳаёти нақотёфта аз ду марг беҳтар аст.

Ба дӯстони мо муяссар гашт, бо вазъияте рӯ ба рӯ гарданд, вақте ки бурида партофтани варами саратони зуд калоншаванда, ки ба ҳаёти модар хавф дошт, бо марги кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда хавфнок буд. Ҳомилагӣ ҳанӯз дар давраи хеле барвақтӣ буд ва кӯдак то он дараҷа инкишоф наёфтааст, ки берун аз батн зиста тавонад. Лекин бо ҷарроҳӣ дер кардан мумкин набуд, дар акси ҳол модарро низ аз даст додан мумкин буд. Ҷарроҳӣ карданд. Вале ин ба исқоти ҳамл ягон алоқа надорад. Мақсади ҷарроҳӣ дар нобуд кардани кӯдак набуд, балки дар нақот додани модар. Марги кӯдак дар ин ҳолат натиҷаи фоҷианоки кӯшиши нақот додани ҳаёти дигар буд. Ин қадам якмаъно барои давом додани ҳаёт равона карда шуда буд, зеро тарафдорони таваллуди кӯдакон на ҳама вақт барои нақоти кӯдак бо кадом роҳе ки бошад, баромад мекунанд. Баъзан лозим меояд, ки дар мадди аввал аз ҳаёти зан фикр кардан зарур аст.

Боби 13

Оё ба исқоти ҳамл розӣ шудан дурӯст аст, агар ҳомилагӣ натиҷаи таҷовуз ё омезиши хун мебошад?

Тадқиқотҳое, ки бо коркунони Донишкадаи Гуттмахер, тарафдорони интихоби озод ва озодӣ барои исқоти ҳамл гузаронида шуда буданд, нишон медиҳанд, ки баъд аз амали ҷинсӣ, ки ду инсони калонсол бо розигии дутарафа содир намудаанд, эҳтимолияти ҳомилагӣ ҳамагӣ 3%-ро дар бар мегирад. Онҳо инчунин нишон медиҳанд, ки ҳангоми таҷовуз омилҳое ҳастанд, ки эҳтимолияти ҳомиладор шудани қурбониро аз ин ҳам бештар кам мегардонанд.[1] Мувофиқи маълумотҳои ин донишкада, ҳар сол чордаҳ ҳазор исқоти ҳамл содир карда мешавад [2], ки ба он қурбониҳои таҷовуз ё омезиши хун ҷуръат менамоянд, ки 1%-ро аз ҳисоби умумии исқоти ҳамл ташкил медиҳад.[3] Дигар маълумотҳо нишон медиҳанд, ҳомиладорие, ки натиҷаи таҷовуз мебошад, аз ин ҳам камтар ба амал меояд – як бар ҳазор.[4] Бар замми ин, азбаски бордорӣ баъд аз амали ҷинсӣ якбора ба амал намеояд, ҳомилагиро дар бисёр ҳолатҳои

---

1. Jean Staker Garton, *Who Broke the Baby?* (Minneapolis, MN: Bethany House Publishers, 1979), 76.
2. "Who Has Abortions?" The Alan Guttmacher Institute, www.agi-usa.org/pubs/fb_induced_abortion.html.
3. "Abortion: Facts at a Glance," Planned Parenthood Federation of America, n.d., 1.
4. John Willke, *Abortion Questions and Answers* (Cincinnati, OH: Hayes Publishing Co., 1988), 146-50.

таҷовуз пешгирӣ кардан мумкин аст, бо хориҷ намудан ё шустани нутфа то он вақте ки бордоршавии тухмҳуҷайра ба амал меояд. (Ин бо истифодаи доруҳое, ки кӯдаки аллакай бордоршударо мекушад, ҳеҷ алоқа надорад).

Масъалаи асосӣ аз чӣ иборат аст?

Тасаввуроти нодуруст, ки мувофиқи он ҳомилагӣ зуд-зуд дар натиҷаи таҷовуз ба амал меояд, аз куҷо пайдо шуд? Аксарият занҳои ҷавон баъзан изҳор мекунанд, ки ҳомилагии онҳо – дар натиҷаи таҷовуз мебошад, зеро бо ин онҳо аз таъна дурӣ меҷӯянд. Норма Маккорвей, зани ҷавон, ки номаш «Ру» буд, дар кори «Ру бар зидди Уэйд» ва ӯ ҳусни таваҷӯҳи суд ва воситаҳои хабарҳои оммаро (СМИ)-ро пайдо намуд, зеро худро қурбонии таҷовуз меномид, солҳо баъд иқрор шуд, ки дурӯғ гуфтааст, зеро таҷовуз нашуда буд.[5] (Аз он вақт Маккорвей тарафдори боэътимоди таваллуди кӯдакон гардидааст ва аз Суди Олӣ хоҳиш намуд, ки кори «Ру бар зидди Уэйдро» аз нав дида бароянд.[6])

Тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамл диққати аҳли ҷомеаро аз аксарияти исқоти ҳамл ба дигар тараф мекашанд ва диққатро ба таҷовуз ҷалб менамоянд, зеро худ аз худ ин омил қобилияти ба зан боиси ҳамдардӣ гаштанро дорад. Ишораҳои пайиҳами онҳо ба худи ҳамин рӯйдод таасуроти бардурӯғро ба вуҷуд меорад, гӯё ҳомилагӣ, ки дар натиҷаи таҷовуз мебошад, ҳодисаи зуд-зуд рӯйдиҳанда аст, на гоҳ-гоҳ.

Як зан, шахси ба мо бисёр наздик, қурбонии таҷовуз гардид ва ҳомила шуд. Азбаски дар чунин вазъият ба ӯ барои тарбияи кӯдак ба қарор омадан мушкил буд, ӯро ба оилаи масеҳӣ

---

5. Sue Reily, “Life Uneasy for Woman at Center of Abortion Ruling,” *The Oregonian*, 9 May 1989, A2.
6. “Jane Roe Wants to Make Legal History Again,” June 21 2003, www.theage.com.au/articles/2003/06/20/1055828492398.html.

ба писархондӣ дод. Ӯ вақт-вақт бо ин оила ва фарзанди худ робитаро давом медиҳад. Ин осон нест ва дарди ӯ бисёр калон аст – ба ҳар ҳол ӯро фикри он, ки фарзанди ӯ зинда ва маҳбуб аст, дастгирӣ ва дилбардорӣ менамояд.

Дар як намоиши телевизионӣ, ки ба масъалаи исқоти ҳамл бахшида шуда буд, шунидам, ки чӣ тавр касе дар бораи кӯдаке, ки дар натиҷаи таҷовуз бордор шудааст, гуфт: «Ин гуна табиат барои вуҷуд доштан ҳақ надорад, зеро ин самари зӯрӣ мебошад». Лекин табиати ин кӯдак аз табиати ҳар кӯдаки дигар бо чӣ фарқ мекунад? Ё ин ки як хел кӯдакон ба ҳаёт бештар ҳуқуқ доранд, танҳо барои он, ки падарони онҳо беҳтар ҳастанд? Барои чӣ тарафдорони интихоби озод ва озодӣ барои исқоти ҳамл ҳамеша дар бораи кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда чун махлуқи ба модар тааллуқдошта ҳарф мезананд ва чун сухан дар бораи таҷовуз меравад, вай баногоҳ моликияти падар мегардад, на модар?

Гап дар сари он нест, ки кӯдак чӣ тавр бордор шудааст, балки дар он аст, ки ӯ бордор шудааст. Ӯ ҳаргиз «самари разили зӯрӣ» нест. Ӯ офаридаи бемисл ва аҷоиби Худо мебошад.

Таваллуд ва тарбияи кӯдаки бегуноҳ ба зан, ки қурбонии зӯрӣ гардидааст, обрӯи бештаре медиҳад, назар ба фаҳмиши он ҳақиқате, ки кӯдаки бегуноҳ дар кӯшишҳои бесамари ӯ барои табобат кардани ҷароҳатҳои худ нобуд гардидааст.

Дар натиҷаи омезиши хун бордоршудагон

Омезиши хун ҷиноятӣ даҳшатангез мебошад. Гунаҳкорон дар ин ҷиноят бояд маҳкум карда шаванд ва қатъиян дар чунин вазъият дахолат намудан лозим аст, то ин ки духтарчаро аз ҳузури хеши ӯ, ки бар ӯ зӯрии шаҳвонӣ содир мекунад, эмин гардонанд. Масъала дар ин ҷо дар таҷовузгар мебошад, на дар духтарак ва на дар тифли ӯ. Ҳалли масъала дар чунин ҳолатҳо

дар дахолат намудан ба вазъият, дар ҳимоя ва кӯмаки доимӣ ба духтарак мебошад, на дар қатли кӯдаки бегуноҳ. Дар фарқият аз ақидаи маъмул шаклдигаркунии ҷанин дар ин ҳолатҳо хеле кам ба амал меояд. Лекин ҳатто агар кӯдак бо нуқсонҳо ба дунё ояд, ӯ ба ҳар ҳол ба зиндагӣ ҳуқуқ дорад.

Барои чӣ инсони А – ро қатл кардан лозим аст, танҳо бо он сабаб, ки инсони В модари инсони А-ро таҷовуз кардааст ё бо кадом як тарзи дигар ба алоқаи ҷинсӣ моил намудааст. Агар падари шумо ҷиноят содир карда бошад, оё шумо бояд ба ҷои ӯ ба маҳбас равед? Агар шумо имрӯз фаҳмидед, ки падари биологии шумо модари шуморо таҷовуз кардааст, наход баъд аз ин шумо қарор мекунед, ки дигар ба зиндагӣ кардан ҳуқуқ надоред? Як зан вақте шунид, ки ман дар ин мавзӯъ гап мезанам, бо ашкони чашм баъд ба наздам омад ва гуфт: «Модари ман, вақте ки ӯ сездаҳсола буд, таҷовуз карда шуд. Ӯ маро таваллуд кард ва баъд ба духтархондӣ дод. Ҳар боре, ки ман мешунавам, ки одамон чӣ тавр барои исқоти ҳамл дар ҳолати таҷовуз баромад мекунанд, ман фикр мекунам: „Эҳтимол ман ягон ҳуқуқи дар ин дунё зиндагӣ карданро надорам”».

Биёед, таҷовузгаронро маҳкум мекунем, на қурбониҳои онҳоро. Зан – ин моли вайроншуда нест. Ӯ умуман «мол» нест, балки зодаи қимматбаҳои инсонӣ мебошад, ки соҳиби эҳтиромӣ баландтарин мебошад, ки онро аз ӯ ягон зӯрии аз ҳама бераҳмонатар гирифта наметавонад. Кӯдак ҳам – ин варами саратон нест, ки онро бурида партофтан мумкин бошад, балки инсони зинда аст.

Исқоти ҳамл аз худ ҷароҳати бо чизе баробарнашавандаро нишон медиҳад

Намояндагони ташкилоти «Феминистон барои ҳаёт» мегӯянд: «Баъзе занон аз ҷароҳатҳое, ки аз исқоти ҳамл гирифтаанд, ҳанӯз муддати дароз, баъд аз он, ки ҷароҳати таҷовуз мегузарад, азоб

мекашанд».[7] Барои зани таҷовузшуда қисмати хеле даҳшатангезро ба худ тасаввур кардан мушкил аст, назар ба эҳсоси гуноҳ ва душворӣ аз он, ки ӯ кӯдаки худро қатл намудааст. Зуд ва ё дер ӯ инро дарк менамояд ва онҳое, ки ӯро ба исқоти ҳамл кардан моил кардаанд, дар назди ӯ ҳозир намешаванд, то ин ки ба ӯ, барои ба дард ва эҳсоси гуноҳ ғолиб омадан кӯмак расонанд.

Дар китоби худ «Қурбониҳо ва ғолибон» Дэвид Риардон ва ҳамкорони ӯ шаҳодатҳои 192 занро, ки дар натиҷаи таҷовуз ё омезиши хун ҳомила шудаанд ва 55 кӯдаконе, ки тавассути зӯрии шаҳвонӣ бордор шудаанд, оварданд. Чунин баромад, ки вақте қурбониҳои зӯрӣ дар бораи худ гап мезананд, ақидаҳои онҳо дар бораи исқоти ҳамл амалан якдилона аст – ва бевосита бар хилофи он, ки аксарияти одамон шунидан мехостанд.

> Амалан ҳамаи занҳо, ки дар рафти ин пурсиш бо онҳо суҳбат мекарданд, гуфтанд, ки аз қарори худ барои исқоти ҳамл кардани кӯдак, ки дар натиҷаи таҷовуз ё омезиши хун бордор шудаанд, пушаймонанд. Аз ҳамаи онҳое, ки ақидаи худро баён мекарданд, зиёда аз 90% занҳо гуфтанд, ки омодаанд, дигар занҳоро, ки ба зӯрии шаҳвонӣ гирифтор шудаанд, маслиҳат дода аз исқоти ҳамл кардан боздоранд. Аз тарафи дигар, аз байни он занони райпурсишуда, ки дар натиҷаи таҷовуз ё омезиши хун ҳомила шудааанду баъд таваллуд кардаанд, касе аз интихоби худ пушаймон нашудааст.[8]

Миёни зӯроварӣ ва исқоти ҳамл муқоисаи муайян вучуд дорад. Ҳар ду амал аз ҷониби одамони боқувваттар нисбат ба хеле камқувватон содир карда мешавад.

---

7. *Feminists for Life Debate Handbook* (Kansas City, MO: Feminists for Life of America, n.d.), 14.
8. Frederica Mathewes-Green, “Ask the Victims,” *Citizen Magazine 2000*, family.org/cforum/citizenmag/features/a0013078.cfm.

Исқоти ҳамл ба қурбониҳои зӯрӣ шифо намеорад. Баровардани ҳукми қатл ба кӯдаки бегуноҳи таҷовузгари шаҳватпараст ба таҷовузгар ягон зарар ва ба зан ягон манфиат намерасонад.

Қурбонии такрорӣ оқибатҳои марговарро, ки аз он қурбонии аввалин ранҷ мебарад, ҳеҷ вақт бартараф намекунад.

Қисми 4

Дигар масъалаҳои муҳим

Боби 14

Бо кӯдакони маъюб ва кӯдакони номатлуб чӣ бояд кард?

Баъзеҳо тасдиқ мекунанд: «Бераҳмона аст, вақте ки кӯдаки маъюбро зинда мемонанд ва баъд аз он ӯ ҳаёти фақиронаро ба сар мебарад, ки пур аз ноумедӣ аст ва бемаънӣ аст». Лекин худи маъюбон дар бораи ҳаёти худ чӣ фикр доранд? Аз бемороне, ки иллати инкишофи сутунмӯхраро доранд, пурсиданд, ки оё беморӣ ҳаёти онҳоро бемаънӣ мекунад ва оё барои онҳо беҳтар набуд, ки баъд аз таваллуд шудан, якбора бимиранд. «Дар ҷавоби худ онҳо ҳамфикр буданд. Албатта, онҳо зиндагӣ кардан мехоҳанд! Зиёда аз ин, худи савол барои онҳо ҳақиқатан ҳам беодобона намуд».[1]

Ман шунидам, ки чӣ тавр як тарафдори озодӣ барои исқоти ҳамл дар бораи тифле, ки аз иллатҳои вазнини модарзодӣ азият мекашид, мегуфт: «Оё занро маҷбур кардан мумкин аст, ки ба чунин одами мудҳиш ҳаёт бахшад?» Магар, танҳо ҳамин чиз, ки касе чунин суханонро истифода мебарад, моро аз ин рӯ гардондан водор намесозад? Ё чунин изҳорот моро маҷбур карда метавонад, ба он касе ки инро гуфтааст, боварӣ кунем? Ҳоло боз як сухан, ки ба маъюбон мутобиқ мекунанд, мӯд шудааст – *сабзавот*. Ин гуна истилоҳот одамонро дар чашмони мо паст мекунад, вале бо вуҷуди ин, дар асл кӣ будани онҳоро тағйир намедиҳад.

---

1. W. Peacock, “Active Voluntary Euthanasia,” *Issues in Law and Medicine*, 1987. Иқтиб. аз рӯи John Willke, *Abortion Questions and Answers* (Cincinnati, OH: Hayes Publishing Co., 1988), 212

Себи вайроншуда чун пештара себ аст. Саги нобино ба ҳар сурат саг мемонад. Зани кӯҳансол ҳамоно зан мемонад. Кӯдаки маъюб ба ҳар ҳол кӯдак аст. Табиат ва эътибори инсон аз маъюбии ӯ паст намегардад.

Баъзе духтурон барои «қатъ кардани ҳомиладорӣ» маслиҳат медиҳанд, агар таърихи генетикии ҷуфтҳо хавфи таваллуди кӯдаки беморро дар назар дошта бошад. Санҷиши стандартӣ барои маълум кардани эҳтимолияти таваллуди кӯдаки ғайримуқаррарӣ тавассути амниосентез (амниоцентез)гузаронида мешавад. Дар соли 2000 ҳисоботи омории актҳои ҳолати шаҳрвандӣ нишон дод, ки 29 нафар зан аз 1000, аз нуқсоне, ки бо сабаби амниосентез ба вуҷуд омадааст, зарар диданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки омили хавф қариб се дар сади занҳоро дар бар мегирад.[2] Маълумотҳои Марказҳо оид ба назорат ва пешгирии бемориҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати амниосентези барвақтӣ дараҷаи миқдори фавти ҷанинҳо бо сабаби бачапартоӣ «аз як ба 400 то як ба 200 муолиҷа» -ро дар бар мегирад. Ин тадқиқотҳо инчунин афзоиши ҳайратангези даҳкаратаи хавфи ба вуҷудоии каҷпанҷагиро дар кӯдакон баъди амниосентези барвақтӣ ошкор намуданд.[3] Ҳамин тавр муолиҷае, ки барои муайян намудани шаклдигаргунии дохилибатн равона карда шудааст, дар ҳақиқат худ метавонад сабаби ин ё он шаклдигаркунӣ гардад.

Амниосентезро ҳар замон барои он мегузаронанд, то ин ки эҳтимолияти таваллуди кӯдаконро бо аломати Даун муайан намоянд, то ин ки баъд волидон имконияти исқоти ҳамл карданро дошта бошанд. Вале хавфи бачапартоӣ чун натиҷаи амниосентез дар амал ҳамчун хавфи таваллуди кӯдак бо аломати Даун мебошад.[4]

---

2. National Vital Statistics Report, vol. 48, no. 3, March 28, 2000.
3. March of Dimes Foundation, 2003, www.marchofdimes.com/professionals/681_1164.asp.
4. World Congress of Families Update, vol. 3, issue 1119, March 2002, www.worldcongress.org/WCFUpdate/Archive03/wcf_update_311.htm иқтиб. R.

Маҷзубияти ҷамъият

Райпурсии духтурони кӯдакона ва ҷарроҳони кӯдакона нишон дод, ки аз се зиёда аз ду мутахассисон бо хоҳиши волидон аз амалиёти ҷарроҳӣ барои наҷоти кӯдаки аломати Даун дошта, даст кашидан розӣ мешаванд. Аз як тараф мо истгоҳҳо ва мошинҳои барофурои (лифт) махсус барои маъюбон ташкил мекунем. Мо бо навозишкорӣ дар бораи кӯдакони иллати инкишофи сутунмӯҳра ё аломати Даун дошта гап мезанем. Мо барои маъюбон бозиҳои Олимпии махсус ташкил мекунем ва дар ин ё он мусобиқаҳо онҳоеро, ки дар он иштирок мекунанд, дастгирӣ намуда дар хусуси он, ки чӣ гуна хурсандӣ ва рӯҳбаландиро онҳо дар мо ҷо мекунанд, шаҳодат медиҳем. Лекин, ҳамин ки мо мешунавем, ки зан дар батни худ чунин кӯдакро дорад, мо мегӯем: «Ӯро нобуд кун».

Шоёни диққат аст, ки «ягон ташкилоти волидони кӯдакони ақлан пасмонда исқоти ҳамлро ҳеҷ гоҳ ҳавасманд наменамоянд».[5]

Ба худ тасаввур кунед, ки кӯдаки шашсолаи шумо нобино шуд ё ин ки аз бемории параплегия азият мекашад. Акнун ӯ бори гарон мешавад. Тарбияи ӯ кори хароҷотнок мешавад ва бо ноқулаиҳои зиёд алоқаманд мегардад ва ҳамаи ин – озмоиши сахт барои асабҳо ва рӯҳиёти шумо. Оё шумо ҳуқуқи ӯро аз ҳаёт маҳрум кардан доред? Агар ҳатто қонун қабул карда мешуд, ки ба қатли онҳо иҷозат медод, оё шумо ба ин розӣ мешудед? Агар не, пас барои чӣ?

Шумо кӯдаки маъюби худро қатл намекардед, зеро ки шумо ӯро медонед. Лекин, агар кӯдаки шумо ҳоло таваллуд нашудааст ва

E. Gilbert, et al., "Screening for Down's Syndrome: Effects, Safety, and Cost-Effectiveness of First- and Second-Trimester Strategies"; and Euan M. Wallace and Sheila Mulvey, "Commentary: Results May Not Be Widely Applicable," BMJ 2001; 323:1-6 (25 August 2001); www.bmj.com.

5. Willke, *Abortion Questions*, 211.

шумо ҳоло ӯро ба даст нагирифтаед ва гиряи ӯро нашунидаед, пас ин ба ҳеҷ сурат қиматии ӯро паст намекунад ва вазнинии талафоти шуморо паст намегардонад, агар шумо баногоҳ ба қатли ӯ розӣ шавед. Худро аз имконияти шинохтани кӯдаки худ маҳрум насозед. Шумо албатта ӯро дӯст медоред.

Лекин бо кӯдаки-анэнцефал, ки ӯ комилан майнаи инкишофёфта надорад, чӣ бояд кард? Азбаски ӯ ба ҳар ҳолат мемирад, духтурон ҳар замон ба волидон маслиҳат медиҳанд, ки исқоти ҳамл кунанд. Вале донистани он, ки кӯдак яқинан мемирад, ин як гап аст ва аз ҳаёт маҳрум сохтани ӯ ин тамоман гапи дигар аст. Аксарияти волидон роҳи қимматбаҳои таваллуди ин гуна кӯдак ва нигоҳубини ӯро дар оянда интихоб менамоянд. Вақте ки ӯ мемирад, онҳо ҳиссиёти солимро аз бадбахтии фавти табиии инсонӣ ба онҳо наздик эҳсос менамоянд. Ин ба таври ҳайратангез аз бадбахтии носолим ва эҳсоси гуноҳ, ки баъд аз он, ки волидон кӯдаки худро аъзои оилаи худ кардан намехоҳанд ва ӯро аз ҳаёт маҳрум месозанд, пайдо мешавад, фарқ мекунад.

Сифати ҷамъият дар бисёр ҳолатҳо аз он, ки чӣ тавр он ба намояндагони аз ҳама нотавони худ муносибат менамояд, муайян мегардад. Қатли одамони бегуноҳ бо кушиши одамони дигарро аз бори гарон раҳо намудан ҳеҷ гоҳ сафед карда намешавад. Вогузоштани азоб ба якеҳо баҳри озод намудани дигариҳо аз он, хеҷ гоҳ куллан ба ҳалли мушкилӣ наоварда буд. Агар мо кӯдаконро бо исқоти ҳамл қатл намоем, зеро ки чунин кӯдакон бо нуқсонҳо инкишоф меёбанд, дар амал ин тамоми маъюбонро бепаноҳ мегардонад.

Бори номатлубӣ

Тарафдорони банақшагирии оила тасдиқ мекунанд, ки кӯдакони номатлуб «бадтар инкишоф меёбанд, махсусан дар маҳорати гап задан». Кӯдакони номатлуб то синни ҷавонӣ «дар таҳсил

натиҷаҳои мунтазам бадтар шудаистодаро нишон медиҳанд» ва «ба гумон аст, ки онҳо қобилияти аз ӯҳда баромадани талаботҳои баландтари таҳсил дар ояндаро дошта бошанд». Муқаррар шудааст, ки «ин гуна кӯдакон, барои гирифтани маълумоти олӣ назар ба кӯдакони дилхоҳ, ду маротиба камтар имконият доранд».[6]

Ман дақиқ будани ин маълумотҳоро мубоҳиса намекунам. Онҳо он чиро, ки мо аллакай медонем, тасдиқ менамоянд,: чӣ қадар муҳим аст, ки кӯдак дар оила дилхоҳ бошад. Лекин ба ҷои ин тарафдорони интихоби озод ин маълумотҳоро барои сафед кардани исқоти ҳамли кӯдакони «номатлуб» истифода мебаранд.

Ҳомилагии номатлуб буда метавонад, вале чунин зуҳурот ба мисли *кӯдаки номатлуб* буда наметавонад. Агар ба як одамон ин гуна кӯдак лозим набошад, одамоне ҳастанд, ки барои онҳо ӯ дар дараҷаи баландтарин дилхоҳ мебошад.

Қариб 1,3 миллион оилаҳои амрикоӣ мехоҳанд кӯдакро ба писархондӣ ё духтархондӣ гиранд ва дар баъзеи онҳо ин гуна хоҳиш он қадар сахт аст, ки шумораи ками кӯдакон, ки ба ин маросим воҷибанд, онҳоро ба афсурдаҳолии чуқур меандозад. Талабот ба кӯдакон он қадар калон аст, ки аллакай бозори сиёҳ ташкил ёфтааст, ки дар он тифлонро камаш бо нархи 50 000 доллар мефурӯшанд. На танҳо тифлони «муқаррарӣ» дилхоҳ мебошанд; одамони зиёде тайёранд, ки ба оилаҳои худ кӯдаконро бо вайроншавиҳои сахт дар инкишоф, аз он ҷумла бо аломати Даун, инчунин бо мушкилиҳои инкишофи сутунмӯҳра низ қабул кунанд.[7]

Кӯдакони зиёде, ки дар аввал номатлуб мебошанд, дар ҷараёни минбаъдаи инкишофи ҳомилагӣ дилхоҳ мешаванд, вале баъд аз таваллуд бошад, онҳо танҳо аз ҳама азизтарин дар дунё мегарданд.

---

6. “Born Unwanted: Developmental Consequences for Children of Unwanted Pregnancies,” Planned Parenthood Federation of America, n.d.
7. The Michael Fund, 400 Penn Center, Pittsburgh, PA 15146.

Мутаассифона, занҳои зиёде, ки муносибаташонро нисбат ба фарзандони худ дар моҳҳои шашуми ҳомилагӣ тағйир дода метавонистанд, дар моҳи сеюм аллакай исқоти ҳамл мекунанд.

Бар замми ин, аксарият кӯдакон, ки ҳангоми таваллуд дилхоҳ буданд, чунин буданро бас мекунанд, вақте ки баъд аз якуним моҳ соати 2-и шаб дод мезананд. Оё, он гоҳ волидон бояд дар он хусус фикр кунанд, ки ин гуна кӯдак ба ҳаёт лоиқ аст ё не? Агар чунин қолиб то таваллуди кӯдак қонунӣ бошад, пас барои чӣ баъд аз таваллуди ӯ ҳам ба он риоя накунанд?

Масъалаи номатлубии кӯдаконро бо кӯмаки он одамоне, ки барояшон онҳо дилхоҳанд, ҳал кардан мумкин аст. Вале ин масъала ҳаргиз бо роҳи қатл кардани онҳо ҳал карда намешавад.

Яке аз далелҳои аз ҳама бардурӯғи тарафдорони озодии исқоти ҳамл дар он мебошад, ки исқоти ҳамл ба манфиати худи кӯдак ҷавобгӯ мебошад. Ин аз ҳама сафсатаи ҳақиқӣ мебошад ва он хандаовар мешуд, агар фоҷианок намегардид. Одамчаи хурдакакро барои манфиати худи ӯ ба қисмҳо мебуранд? Бо чунин комёбӣ гуфтан мумкин аст, ки ғуломӣ бар манфиати сиёхпӯстон буд. Мо киро фиреб додан мехоҳем?

Одамон ҳар замон мегӯянд: «Ман ин кӯдакро тарбия карда наметавонам, зеро ки ҳаёти шоистаро ба ӯ дода наметавонам». Он гоҳ ҳалли масъаларо онҳо дар чӣ меёбанд? Дар он ки ҳаёти ягонае, ки ӯ дорад, аз ӯ бигиранд.

Ҳар як кӯдак дилхоҳ мебошад

Калимаи «номатлуб» бо кӯдак алоқаманд нест, балки бо муносибати баъзе одамони калонсол нисбати ин кӯдак. Масъалаи ҳақиқӣ дар номатлуб будани кӯдакон не, балки дар хоҳиш надоштани калонсолон мебошад.

«Хоҳиш» – ин танҳо ҳиссиёти боғараз ва тағйирёбандаи як инсон нисбати инсони дигар мебошад. Кӯдаки «номатлуб» шахсияти воқеӣ мебошад, новобаста аз он ки, кӣ нисбати ӯ чӣ гуна ҳиссиётро эҳсос менамояд. Эътибори зан як вақтҳо мувофиқи он қадрдонӣ карда мешуд, ки ӯ ба ягон мард маҳбуб аст ё не. Эътибори кӯдак акнун мувофиқи он қадрдонӣ карда мешавад, ки ӯ ба модари худ маҳбуб аст ё не. Ҳам ин ва ҳам он беадолатии даҳшатнок мебошад. Шиори ташкилот оид ба нақшагирии оила «Ҳар як кӯдак – кӯдаки дилхоҳ аст» – ин ҳамон чизест, ки мо ҳама бо он розӣ ҳастем. Зиддият дар ин ҷо барои мо танҳо дар он мебошад, ки ин ҷумларо чӣ гуна анҷом додан лозим аст. Дар назари шумо, онро чӣ гуна бояд анҷом дод?

- Ҳар як кӯдак – кӯдаки дилхоҳ аст, аз ин сабаб ... биёед кӯдаконро ба он оилаҳое муайян мекунем, ки дар он ҷо онҳо маҳбуб мешаванд ва худамон ҳам дӯст доштани кӯдаконро меомӯзем.

- Ҳар як кӯдак – кӯдаки дилхоҳ аст, аз ин сабаб ... биёед кӯдакони номатлубро ҳанӯз то вақти таваллудашон муайян месозем ва онҳоро тавассути исқоти ҳамл нобуд мекунем.

Ҳама бо он, ки кӯдакон бояд дилхоҳ бошанд, розӣ ҳастанд. Ягона савол боқӣ мемонад: мо аз чӣ бояд халос шавем? Аз хоҳиш надоштан ё аз кӯдакон?

Вақте ки сухан дар бораи кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда меравад, ақидаи тарафдорони озодӣ барои исқоти ҳамлро шиори дигар хеле аниқ инъикос менамояд, ки онро, ба ростӣ, дар шишаи қафои мошин часпондан на он қадар қулай мешавад: «Ҳар кӯдаки номатлуб – кӯдаки мурда аст».

Боби 15

Оё исқоти ҳамл муносибати бераҳмонаро нисбати кӯдакон пешгирӣ меамояд?

Духтараки наврас кӯдакро дар меҳмонхона таваллуд кард. Якҷоя бо маъшуқи худ ӯ тифли ҳанӯз зиндаро ба халтаи пластикӣ ҷой намуда ба қуттии ахлот партофт. Модари ҳабдаҳсола, хонандаи мактаби шабона, кӯдаки худро, баъд аз он ки барои ӯ парастор ёфта натавонист, ба дарё партофт. Ҳодисаҳои ба ин монанд зиёданд.

Дар соли 1973, вақте ки исқоти ҳамл аввалин бор қонунӣ гардонида шуда буд, дар Штатҳои Муттаҳида ҳарсола 167 000 ҳодисаҳои муносибати бераҳмонаро нисбати кӯдакон ба ҳисоб гирифтанд.[1] Мувофиқи маълумотҳои вазорати тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоии ШМА дар соли 2001 тақрибан 903 000 кӯдак қурбонии муносибатҳои бераҳмона гардиданд, ки аз панҷ маротиба дида зиёдтар мебошад.[2]

Дар ҳақиқат афзоиши бераҳмӣ нисбат ба кӯдакон хислати боз ҳам даҳшатноктарро дорад, зеро 45 миллион кӯдакон, ки дар натиҷаи исқоти ҳамл бо роҳи ҷарроҳӣ нобуд карда шудаанд (ва

---

1. Report of the National Center of Child Abuse and Neglect, U.S. Department of Health and Human Services, 1973-1982.
2. Нигоҳ: www.acf.hhs.gov/programs/cb/publications/cm01/chapterthree.htm#victim.

шумораи номуайяни кӯдакон, ки тавассути исқоти ҳамли кимиёвӣ нобуд карда шудаанд) ба шумораи қурбониҳои муносибатҳои бераҳмона намедароянд. Айни замон маҳз исқоти ҳамл навъи муносибати бераҳмона бо кӯдакон дар давраи аз ҳама барвақтӣ мебошад ва аз тамоми намудҳои муносибатҳои ба ин монанд маҳз он марговартарин ва хунин мебошад. Гуфтани он, ки исқоти ҳамл муносибати бераҳмонаро нисбати кӯдакон пешгирӣ менамояд, ин ҳам ҳамон маъно дорад, ки гӯё қатли ҳамсар, ӯро аз муносибати бераҳмона озод мекарда бошад. Ба одамони мурда муносибати бераҳмона аллакай таҳдид намекунад. Аз тарафи дигар бошад, эмин доштани онҳо аз муносибати бераҳмона, ин тавассути нобуд кардани онҳо мебошад. Худ аз худ ин гуна мантиқ дар ҳақиқат даҳшатангез мебошад.

Барои чӣ баъд аз қонунӣ гардонидани исқоти ҳамл бераҳмӣ дар муносибат бо кӯдакон танҳо афзоиш ёфт? Зеро исқоти ҳамл худи тарзи фикркунии моро нисбати кӯдакон тағйир додааст.

Тадқиқотҳо чиро нишон медиҳанд?

«Афзоиши шумораи кӯдакони номатлуб ба афзоиши муносибатҳои бераҳмона нисбати кӯдакон оварда мерасонад», – мегӯянд тарафдорони интихоби озод. Лекин, маълумотҳои тадқиқотҳо комилан чизи дигарро нишон медиҳанд.

Профессори Донишгоҳи Калифорнияи Ҷанубӣ Эдвард Леноски муоинаи 674 кӯдакро гузаронд, ки қурбонии муносибатҳои бераҳмона гардидаанд. Ӯ ошкор намуд, ки дар 91% ҳолатҳо волидон иқрор шуданд, кӯдаконе, ки нисбаташон бераҳмона муносибат мекарданд, барои онҳо дилхоҳ буданд.[3] Далели тарафдорони интихоби озод, ки мувофиқи он кӯдакони номатлуб

[3]. Edward Lenoski, *Heartbeat* 3 (December 1980); иқтиб. аз рӯи John Willke, *Abortion Questions and Answers* (Cincinnati, OH: Hayes Publishing Co., 1988), 140-41.

ба муносибатҳои бераҳмона маҳкум шудаанд, мантиқан садо медиҳад, вале тадқиқотҳои ҷиддие, ки то имрӯз гузаронида шудаанд, мегӯянд, ки ин тавр нест.

«Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба муносибати бераҳмона бо кӯдакон тез-тез ҳамон модарон роҳ медиҳанд, ки пештар исқоти ҳамл кардаанд».[4] Тадқиқоти д-р Филипп Ней шаҳодат медиҳад, сабаби он пеш аз ҳама эҳсоси гуноҳ ва рӯҳафтодагӣ мебошад, ки натиҷаи исқоти ҳамл гардидааст, ки хоҳиши занро аз фарзанд доштан дар оянда камтар мекунад.[5] Филипп Ней дар асоси ҳуҷҷатҳо исбот менамояд, ки исқоти ҳамл худдории муқаррарии волидонро аз ғазаб ва зӯрӣ нисбати кӯдакони хурдсол паст мекунад.[6]

Ҳам модар ва ҳам падар ба манфиати исқоти ҳамл интихоб намуда дар худ шавқи табии ғамхориро нисбати кӯдаки бепаноҳ хомӯш мекунанд. Баъд аз он, ки онҳо дар худ савқи табиии муҳофизатро хомӯш мекунанд, ба онҳо аллакай ғазабро дар худ нигоҳ доштан мушкилтар мегардад, ки бо нотавонии тифли навзод, бо гиряи ӯ ё ин ки бо саркашии кӯдаки синни томактабӣ алоқаманд мебошад.[7]

Ақидаҳое, ки занро ба исқоти ҳамл кардан водор месозанд, амалан бо он чизе, ки ӯро ба муносибати бераҳмона бо кудакон тела медиҳанд, мувофиқат мекунад. Ғайр аз ин, агар ӯ исқоти ҳамл накунад, пас баъд ба фарзанди сесолаи «душвортарбияи» худ нигоҳ карда метавонад фикр кунад: «Ман ба он ҳуқуқ доштам, ки исқоти ҳамл карда аз ту халос шавам». Кӯдак дар пеши ӯ

4. Nancy Michels, *Helping Women Recover from Abortion* (Minneapolis, MN: Bethany House Publishers, 1988), 168.
5. Philip G. Ney, "A Consideration of Abortion Survivors," *Child Psychiatry and Human Development* (Spring 1983): 172-73.
6. Philip G. Ney, "Relationship Between Abortion and Child Abuse," *Canadian Journal of Psychiatry* (November 1979): 611-12.
7. Michels, *Helping Women Recover*, 169-70.

дар қарзи канданашаванда аст; ӯ аз кӯдак ҳеҷ чиз қарздор нест. Ин ба хоҳиши иҷро накардани он чизе, ки фидокории волидайн талаб менамояд, оварда мерасонад. Ҳатто дар тасаввуроти норавшани ин модар чунин мантиқ фаромӯш нашудааст: агар ман барои нобуд кардани ин кӯдак то вақти таваллуди ӯ ҳуқуқи комил доштам, пас айни замон ман дар ҳақиқат ҳуқуқ дорам, ки нисбати ӯ чораҳои таъсири ҷисмониро бинам.

Аз панҷ ҳазор кӯдакони амрикоӣ, ки онҳоро ҳарсола қатл мекунанд (ин рақам исқоти ҳамлро дар бар намегирад), 95% аз дасти ҳар ду волидон нобуд мегарданд.[8] Ҳақиқатан ҳам ба худ тасаввур кардан мушкил аст, ки чунин волидон вуҷуд дошта метавонанд. Калонсолон фикр мекунанд, ки бо кӯдакони худ ҳуқуқи чунин ҳукмронӣ карданро доранд, ки онҳо нисбати кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда доранд. Ҳамин, ки ақидаи ҳуқуқи муносибати бераҳмона бо кӯдакон ба ҷамъияти мо ворид мегардад, он аллакай бо кадом-як гурӯҳи синну солӣ маҳдуд намегардад. Агар кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда дар амниятбуда наметавонанд, ягон кӯдаки таваллудшуда низ дар амнияти монда наметавонад.

Питер Сингер мегӯяд:

> Миёни тифли навзод, ки ӯро дар маънои ахлоқии ин калима шахс номидан мумкин нест ва кӯдаки хурдсол, ки ин гуна шахс мебошад, ягон хел сарҳади муайян вуҷуд надорад. Дар китоби мо «Оё, тифл бояд, ки зиндагӣ кунад?» мо бо ҳамкори худ Хелга Кузе ақидаеро пешниҳод намудем, ки мувофиқи он танҳо пас аз бисту ҳашт рӯзи баъд аз таваллуди худ кӯдак чун ҳамаи дигар шаҳрвандон айнан ҳамин гуна ҳуқуқро ба ҳаёт пайдо мекунад.[9]

---

8. Cited by James Dobson, *Focus on the Family* radio broadcast, 21 June 1991.
9. Peter Singer, *Rethinking Life and Death* (New York: St. Martin's Griffin, 1996), 217.

Шумо танҳо ба фикр оед: ба кӯдакон танҳо пас аз бисту ҳашт рӯзи баъди таваллуд ҳуқуқи зиндагӣ карданро медиҳанд? Лекин чаро ин муддатро то шаш моҳ дароз накунем? Ё ин ки то шаш сол? Ё умуман қатли кӯдаки панҷ-, даҳ-, ё понздаҳсоларо танҳо исқоти ҳамли баъд аз таваллуд ҳисобем? Чуноне, ки Сингер ба таври возеҳ нишон дод, ҳуқуқи боре барои қатли шахсият тасдиқгардида роҳи мантиқиро барои қатли айнан ҳамин шахсият дар ҳар синну сол ва бо ҳар сабаби дигар мекушояд.

Ҳалли масъалаи муносибати бераҳмонаро бо кӯдаконе, ки берун аз батн мебошанд, дар бераҳмӣ нисбати кӯдаконе, ки андаруни батн мебошанд, ҷустан лозим нест. Инчунин онро дар он, ки бо онҳо дар синни барвақтӣ бераҳмона муносибат нанамоянд, ҷустан лозим нест. Ҳалли ин масъала дар он мебошад, ки бо онҳо умуман бераҳмона муносибат нанамоянд.

Боби 16

Шахсан ман бар зидди исқоти ҳамл мебошам, вале бо интихоби озод чӣ бояд кард?

Одамон зиёд мегӯянд: «Ман тарафдори исқоти ҳамл нестам, вале ман барои интихоби озод мебошам».

Лекин, шумо чӣ тавр эътино мекунед, агар ягон кас гӯяд: «Ман умуман тарафдори таҷовуз нестам, дар масъалаи таҷовуз ман танҳо барои интихоби озод баромад мекунам»? Эҳтимол, шумо мефаҳмед, ки ақидаи ин гуна одам зимнан дар назар дорад, ки гӯё таҷовуз ба касе ҳеҷ гуна зарар намерасонад ва баъзан вақт он ҳатто дуруст шуморида мешавад. Шумо мегӯед: «Дар таҷовуз тарафдори интихоби озод будан, маънои барои таҷовуз баромад карданро дорад».

Дар ин ҷо ҳам айнан ҳамин чиз: тарафдори озодӣ барои исқоти ҳамл будан – маънои барои исқоти ҳамл баромад карданро дорад.

Аз нигоҳи аввал шиори додашуда комилан хирадмандона ба назар менамояд: «Бар зидди исқоти ҳамл? Охир ин маънои бар зидди озодӣ-ро дорад». Вақте ки мо дар бораи озодӣ гап мезанем, мо ба хубӣ мефаҳмем, ки ҳар кас ҳуқуқи интихоби бо ҳавопаймоҳо парвоз кардан, футболбозӣ кардан ё питса хӯрданро дорад. Вале касе ҳуқуқи таҷовуз кардан, шиканҷа додан ё қатл кардани одамонро надорад.

Ақидаи бетараф

Баъзеҳо фикр мекунанд, ки агар онҳо шахсан бар зидди исқоти ҳамл бошанд, лекин бо вуҷуди ин, чунин мешуморанд, ки дигарон ҳуқуқи интихоб кардани исқоти ҳамлро доранд, он гоҳ, бо ин онҳо як навъ мавқеи созишкоронаро миёни тарафдорони исқоти ҳамл ва тарафдорони ҳаёти кӯдакон ишғол менамоянд. Ин ҳаргиз чунин нест. Тарафдорони интихоби озод айнан аз рӯи ҳамон ақида баромад мекунанд, ки тарафдорони исқоти ҳамл низ аз рӯи он баромад мекунанд. Ба кӯдаке, ки мурдааст, аҳамият надорад, ки онҳое ки ба ӯ ҳаёт додан нахостанд, оё тарафдорони исқоти ҳамл мебошанд ё ин ки «ҳамин хел» тарафдорони озодӣ барои интихоб кардани исқоти ҳамл.

Ягона вазъияти ҷиддие, ки моро барои бар зидди исқоти ҳамл баромад кардан водор месозад, он мебошад, ки мо қатли кӯдакро имконпазир намеҳисобем. Агар касе шахсан худ бар зидди исқоти ҳамл мебошад, вале бо вуҷуди ин ба дигарон имконият медиҳад, ки исқоти ҳамлро интихоб намоянд, ин гуна шахс ба худ мухолифат мекунад. Ин ба ҳар ҳол маънои чунин гуфтанро дорад: «Шахсан ман бар зидди муносибати бераҳмона бо кӯдакон мебошам, вале ман тайёрам ҳуқуқи ҳамсояи худро барои муносибати бераҳмона намудан бо фарзанди худ ҳимоя кунам, агар ин интихоби шахсии ӯ бошад». Ё ин ки: «Ман шахсан ба зидди ғуломдорӣ мебошам, лекин агар одамони дигар ғулом доштан хоҳанд, пас ин ба ман дигар дахл надорад». Ё ин ки: «Шахсан ман он шавҳаронро, ки ҳамсарони худро мезананд, намеписандам, вале ман ният надорам, ки ба дигар одамон насиҳати худро бо зӯрӣ бор кунам, аз ин сабаб ман чунин меҳисобам, ки лату кӯби ҳамсар – кори шахсии ҳар як шавҳар мебошад».

Ҳангоми як барномаи радиошунавонӣ барранда ба ман гуфт, ки ӯ хафагиро ҳис мекунад, вақте ки одамон ӯро тарафдори исқоти ҳамл меноманд, на тарафдори интихоби озод. Он гоҳ

ман аз ӯ пурсидам: «Барои чӣ шумо намехоҳед, ки шуморо тарафдори исқоти ҳамл номанд? Магар, дар исқоти ҳамл ягон чизи ношоям ҳаст?» Ӯ гуфт: «Исқоти ҳамл ноодамӣ мебошад. Ягон инсони солимақл ба он розӣ намешавад». Ман давом медодам: «Намефаҳмам. Чӣ онҳоро ноодам мекунад? Барои чӣ исқоти ҳамлро интихоб кардан мумкин нест, вақте ки инсон ба ин ҳуқуқ дорад?» Ҳамин вақт ӯ бешубҳа аз суханони ман ранҷида гуфт: «Охир ин ноодамӣ маълум аст, вақте ки шумо фарзанди аслии худро мекушед!»

Дар ҳамон сония, вақте ки ӯ инро гуфт, ӯ фаҳмид, ки ба ақидаҳои худ мухолифат мекунад. Дар ин «лаҳзаи ҳақиқат» ӯ онро дарк намуд, ки ҳама медонанд, ҳатто агар онҳо дар ин ба худ иқрор шудан метарсанд: исқоти ҳамл – ин интихоби мушкил аст, бо худи ҳамон сабаб, ки он бадӣ аст – зеро ки ин қатли кӯдак мебошад.

Ягон сабабе вуҷуд надорад, ки қатли кӯдакро ҳақ шуморад.

Боби 17

Дар хусуси писархондӣ ва духтархондӣ чӣ гуфтан мумкин аст?

Ҷиб аст, ки ҳаракати тарафдорони интихоби озод дар ҳақиқат ба занҳо ягон интихоб намедиҳад, ғайр аз исқоти ҳамл. Ин ҳаракатро бо тамоми ҳақ ҳаракат барои интихоби ягона ба манфиати исқоти ҳамл номидан мумкин аст. Аксарияти занон инро тасдиқ карда метавонанд, ки «интихоби озод» дар асл барои онҳо маънои «набудани интихобро» дорад.

Падарон, модарон, маъшуқон, шавҳарон, муаллимон, машваратчиёни мактабӣ, духтурон, коркунони тиббӣ, коркунони ВАО (воситаҳои ахбори омма), ҳамсолон зуд-зуд зани ҳомиларо ба он тела мекунанд, ки ӯ интихоби ягонаро кунад, ки бар зидди он тамоми шуури ӯ баромад мекунад ва он дар ҳақиқат интихоби ин одамон мебошад, на интихоби худи ӯ. (Лекин, вақте ки ӯ аз кори кардааш огоҳ мегардад, онҳо дар кучо мешаванд?)

Оё, дар ҳақиқат занҳо исқоти ҳамлро мехоҳанд? Фредерика Мэтю – Грин, собиқ раиси ташкилоти «Феминистон барои ҳаёт» мегӯяд: «Ҳеҷ як зан исқоти ҳамлро ба мисли он, ки ӯ ба яхмос ё «Порше» (намуди мошин) ҳавас дошта бошад, намехоҳад». Ӯ исқоти ҳамлро ончунон мехоҳад, ки чун қапқон афтода пойи худро хоида ҷудо карданист. Исқоти ҳамл – ин

кӯшиши фоҷианоки ҳайвони ба аз вазъияти ноилоҷ ба нархи зӯрӣ болои худ ва талафоти гарон раҳо ёфтан мебошад».[1]

Исқоти ҳамл – ин на он қадар интихоби озод аст, балки воситаи охирин мебошад. Аксарияти занон ба манфиати исқоти ҳамл интихоб намекарданд, агар медонистанд, ки дастгирии зарурии пуртаъсир ва маблағ мегирифтанд. Қариб аз се ду ҳиссаи занон, ки исқоти ҳамл кардаанд, мегӯянд ки «бинобар сабаби вазъиятҳои махсус маҷбур буданд, ки исқоти ҳамл кунанд... зиёда аз 84% онҳо тасдиқ мекунанд, ки фарзандони худро нигоҳ медоштанд, агар вазъиятҳо беҳтар мешуданд».[2]

Ҳолати имконпазире, ки дар хусуси он хеле кам гап мезананд

Бо баҳои Шӯрои Миллӣ оид ба писархондӣ ва духтархондӣ 1,3 миллион ҷуфтҳои зану шавҳар дар мамлакат орзуи ба оилаи худ кӯдак гирифтанро доранд.[3] Бо вуҷуди ин, ҳар сол, вақте ки 1,3 миллион кӯдакон дар натиҷаи исқоти ҳамл нобуд мегарданд, ҳамагӣ аз 50 000 камтар кӯдакон волидони навро пайдо мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ба ҳар кӯдаки писархондшуда ё духтархондшуда сӣ адад кӯдаки кушташуда рост меояд. Ба ҳар як ҷуфти оилавӣ, ки кӯдакеро ба оилаи худ қабул кардаанд, чил ҷуфт, ки навбати худро интизоранд, рост меояд.[4]

---

1. Frederica Mathewes-Green, *Real Choices* (Sisters, OR: Multnomah Publishers, 1995), 19.
2. David Reardon, *Aborted Women: Silent No More* (Westchester, IL: Crossway Books, 1987), 10.
3. *1989 Adoption Factbook*, The National Council for Adoption (Washington, DC, June 1989), 158. Тақрибан ҳамин гуна рақамҳо дар соли 2000 қайд шуда буданд, агар аз сӯҳбати телефонӣ, ки 5 августи соли 2000 бо намояндаи Шӯрои Миллӣ оид ба писархондкунӣ ба вуқӯъ омада буд, мулоҳиза намоем, ки ӯ тасдиқ намуд, ки камаш як миллион зану шавҳарони синни фарзанд таваллудкунӣ дар ШМА тайёранд ба хонаҳои худ кӯдакони навзодро қабул кунанд.
4. Иқтиб. аз рӯи: Charmaine Yoest, “Why Is Adoption So Difficult?” *Focus on the Family Citizen*, 17 December 1990, 10.

Барои чӣ дар ҷамъияте, ки дар он интихоби озод қадр карда мешавад, аз духтурон ва муаллимон, аз беморхонаҳо оид ба нақшагирии оила ва беморхонаҳое, ки дар он исқоти ҳамл мекунанд, талаб намекунанд, ки занҳоро аз тамоми ҳолатҳои имконпазир барои исқоти ҳамл бохабар кунанд, аз он ҷумла аз писархондкунӣ ё духтархондкунӣ? Як дӯстам ба ман гуфт: «Вақте ки ман дар беморхона, оид ба масъалаҳое, ки бо исқоти ҳамл алоқаманданд, машваратчӣ будам, ман тамоман дар бораи вуҷуд доштани чунин ҳолати имконпазир чун писархондкунӣ намедонистам. Ман ҳеҷ гоҳ ба писархондкунӣ ё нигоҳ доштани кӯдак маслиҳат намедодам. Ман дар хусуси воқеаҳои тиббӣ тамоман ҳеҷ чизро намедонистам, аз он ҷумла дар бораи инкишофи ҷанини батн низ. Ман дар асоси воқеаҳо (фактологический) ягон хел омодагӣ надоштам. Вазифаи ман танҳо аз он иборат буд, ки занҳои ба мо муроҷиатнамударо барои исқоти ҳамл кардан мӯътақид намоям».

Чӣ қадар занҳо аз чунин «машваратҳо» гузашта, ба ғайр аз исқоти ҳамл ягон чизи дигарро интихоб менамоянд? Собиқ соҳибон ва ҳамкорони беморхонаҳо, ки дар он ҷо исқоти ҳамл мекунанд, иқрор мешуданд, ки вазифаи онҳо аз он иборат буд, ки ба занҳои ҳомила «исқоти ҳамлро фурӯшанд». Баъзе чунин беморхонаҳо ҳатто мутахассисони корозмударо оид ба маркетинг киро мекарданд, то ки ҳамкоронашонро, барои исқоти ҳамлро ба беморони худ дар намуди беҳтарин пешниҳод намудан, таълим диҳанд.[5]

Писархондкунӣ ё духтархондкунӣ ҳолати имконпазири мусбӣ мебошад, ки имконияти аз ҷавобгарии тарбияи кӯдак раҳо шудан ва ҳамзамон ҳаёти ӯро нигоҳ доштан ва оилаи касеро

---

5. Шаҳодатҳои коркунони беморхонаҳо, ки дар он ҷо исқоти ҳамл мекунанд, аз тарафи фаъолони ҳаракати тарафдорони таваллуди кӯдакон дар Чикаго ба навор гирифта шудаанд. Онҳо бо собиқ дорандаи яке аз чунин беморхонаҳо, Кэрол Эверетт, ҳангоми мусоҳибаи телефонии шахсӣ миёни ӯ, Фрэнк Перетти ва муаллифи ин китоб 24 маи соли 1991 тасдиқ шудаанд.

хушбахт кардан медиҳад. Чӣ қадар фоҷианок аст, ки ин роҳро хеле кам интихоб мекунанд... агар онро умуман ба сифати ҳолати имконпазир пешниҳод намоянд.

Тадқиқотҳо дар марказҳо барои нигоҳубини занҳои ҳомила нишон медиҳанд, ки муқовимати пуртаъсир барои писархондкунӣ ё духтархондкунӣ дар миёни занҳое, ки онҳоро ба исқоти ҳамл кардан моил месозанд, зуҳуроти хеле паҳншуда мебошад.[6] Писархондкунӣ чун як чизи аламовар қабул карда мешавад, бо худи ҳамон сабаб, ки исқоти ҳамл ба ҳаёти зан холигӣ медарорад – дар ҳар ду ҳолат гап дар бораи ҳаёти инсон меравад.

Дар адабиёт, ки бо тарафдорони интихоби озод навишта шудааст, писархондкунӣ зуд-зуд дар намуди манфӣ муаррифӣ карда мешавад. Тарафдорони интихоби озод Кэрол Андерсон ва Ли Кэмпбелл дар хусуси писархондкунӣ чунин мегӯянд: «Аз ҳам ҷудокунии ба хеҷ кас нодаркори модар ва кӯдак бераҳмона аст, вале ҷазо барои он баъд тез-тез тамоми ҳаёт тӯл мекашад».[7]

Писархондкунӣ ё духтархондкуниро бераҳмона номида, онҳо гуфтани онро фаромӯш мекунанд, ки барои зан, баъд аз он, ки ӯ мефаҳмад, ки фарзанди худро қатл кардааст, дар тамоми умр чӣ гуна ҳисси гуноҳ мемонад,. Ҳолати имконпазир чӣ хеле, ки вазнин набошад, он ба ҳар ҳол беҳтар аст.

Барои писархондкунӣ ё духтархондкунӣ маълумотҳои зиёде мавҷуданд, ки бо тартиботи замони воқеӣ дастрас мебошанд,[8] инчунин «қомуси писархондкунии» ҳаҷмдор, ки дар он зиёда аз чорсад мақолаҳои ахборотӣ оид ба ҳар як ҷиҳати

---

6. Mathewes-Green, *Real Choices*, 14-15.
7. Yoest, “Why Is Adoption So Difficult?” 10.
8. Нигоҳ: www.bethany.org; www.cwa.org/links.html; www.preciouskids.org/adopt/resources.html; www.adopting.com/info.html.

писархондкунӣ пешниҳод карда шудааст.[9] Ба шарофати ин занон ва кӯдакони зиёд дар бораи ҳамин гуна зуҳурот, чун писархондкунӣ медонанд.

Исқоти ҳамл оилаҳоеро ғорат мекунад, ки омодаанд кӯдаконро ба писархондӣ гиранд

То вақти таваллуд кӯдакро нигоҳ дошта, зани ҷавон барои интихоби худ ӯҳдадориро ба зимма мегирад. Ӯ ба воя расида, то рафт хеле баркамол мегардад. Ӯ метавонад ба қафо нигарад ва бо ифтихор ва қаноатмандӣ ба он боварӣ ҳосил намояд, ки ба фарзанди худ ҳаёт ва оилаи хуб дода, комилан дуруст амал намудааст. Албатта писархондкунӣ – ин танҳо як ҳолати имконпазир мебошад. Зани ҷавон метавонад кӯдакро нигоҳ дорад ва худ ӯро калон кунад. Ҳам ин ва ҳам он интихоб дуруст аст.

«Ман чӣ гуна модар мешудам, агар кӯдакро ба писархондӣ медодам?», – мепурсанд баъзе модарон. Вазъияти аз ҳақиқат дур, бисёр вақт дар он мебошад, ки модаре, ки ба хеҷ ваҷҳ фарзанди худро ба писархондӣ намедиҳад, зеро вай барояш хеле азиз аст, дар ҳақиқат худи ҳамин кӯдакро қатл мекунад. Саволеро, ки ӯ бояд ба худ диҳад, бояд на чун «Чӣ тавр ман метавонам фарзанди худро ба писархондӣ диҳам?», балки чун «Чӣ тавр ман метавонам фарзанди худро бо исқоти ҳамл нобуд кунам?», садо диҳад. Ҳатто агар худи ӯ барои фарзанди худ ғамхорӣ карда натавонад, магар ӯ намефаҳмад, ки дар ин ҳолат бояд ба одамони дигар имконият диҳад, то ки ӯро дӯст доранд ва барои ӯ ғамхорӣ намоянд? Мутаассифона, ин кори осон нест.

Зане, ки қарор мекунад, ки бо ҳомиладории номатлуб чӣ бояд кунад, мехоҳад, ки масъалаи ӯ ҳалли худро ёбад, дар он ҳоле, ки писархондкунӣ аз афташ ба «кори» ӯ нуқта намегузорад,

---

9. Нигоҳ: http://encyclopedia.adoption.com.

балки ӯро бо ҳисси «номуайянӣ ва гунаҳкорӣ дар пеши худаш ва кӯдакаш» мегузорад.[10] Дар ӯ таассуроте метавонад тавлид гардад, ки ӯ на танҳо модар аст, балки модари бад аст, ки барои фарзанди худро ба одамони ношинос додан, иҷозат додааст. Дар ӯ ҳиссиёте пайдо шуда метавонад, ки ӯ кӯдакро ба тақдир ҳавола намудааст ё ин ки бо кӯдаки ӯ бераҳмона муносибат мекунанд. Мантиқ ин ҷо дар он сохта мешавад, ки агар ӯ исқоти ҳамл мекард, он гоҳ кӯдаки ӯ умуман вуҷуд намедошт ва ӯ худро умуман модар ҳис намекард. Ҳақиқатан бошад, ӯ албатта интихоб карда наметавонад, ки ӯ модар мешавад ё не, ё фарзанди ӯ ҳақиқӣ аст ё не. Ҳар дуи ин ҳақиқат ногузиранд. Фарзанди ӯ – ин ҳақиқат аст ва аз ин сабаб ӯ модар мебошад. Ягона суол дар он мебошад, ки ӯ, модар, бо фарзанди худ чӣ кор мекунад?

Азбаски, ӯ ба фарзанди худ дилбастагии наздик надорад, исқоти ҳамл барои ӯ қарори оддӣ ба назар менамояд, дар он ҳоле, ки ҷудоӣ аз фарзанди худ баъд аз таваллуди ӯ ба таври пуртаъсир мушкил мегардад. Лекин ҳаёти кӯдак то ташкилёбии дилбастагӣ ҳамин хел ҳақиқӣ мебошад, чуноне, ки баъд аз он ҳам. Зан се интихоб дорад: кӯдакро таваллуд карда худаш ӯро ба воя мерасонад, кӯдакро таваллуд карда ӯро ба оилаи дигар медиҳад, ё ин ки кӯдаки худро қатл мекунад. Гарчанде, исқоти ҳамл дар нигоҳи аввал аз ин роҳҳо дида хеле ҷалбкунанда ба назар менамояд, оқибати он аз ҳама харобкунанда мебошад.

Мо бояд ба одамони ҷавон кӯмак расонем, то ин ки тарбияи кӯдак, писархондкунии ӯ ва исқоти ҳамлро чӣ хеле, ки он ҳаст, ҳамон хел бубинанд. Мо бояд ба онҳо писархондкуниро чун интихоби ҷиддӣ нишон диҳем, он интихобе, ки ҳам ба кӯдак ва ҳам ба оилаи нав ҳаёт мебахшад.

---

[10]. Swopes, “Abortion: A Failure to Communicate,” www.firstthings.com/ftissues/ft9804/articles/swope.html.

Он духтараки навраси ҳомила, ки мо ӯро ба оилаи худ қабул кардем, ду исқоти ҳамл карда буд, вале, вақте ки ӯ бо мо мезист, ӯ кӯдакро таваллуд карда вайро ба писархондкунӣ дод. Ин кори осон набуд, вале баъд аз чанд сол ин зани аҷиб ба ман гуфт: «Ман он се кӯдакро ба хотир меорам, ки онҳо дигар бо ман нестанд, вале бо ҳиссиётҳои тамоман гуногун. Дар бораи он ду кӯдак, ки баъд аз исқоти ҳамл дигар нестанд, ман бо ҳиссиёти алам ва пушаймонӣ фикр мекунам. Лекин, вақте ки ман дар бораи ҳамон, ки ӯро ба писархондӣ дода будам, фикр мекунам, маро хурсандӣ фаро мегирад, зеро ман медонам, ки ӯ дар оилае, ки дар он дилхоҳ мебошад, ба воя мерасад».

Масеҳиён бояд тамоми қувваро ба харҷ диҳанд, то ин ки овозаҳои манфиро дар гирди писархондкунӣ ва духтархондкунӣ пешгирӣ намоянд. Мо бояд дар бораи тарафҳои мусбии ин зуҳурот гап занем ва нисбати он заноне, ки фарзандони худро ба дигар оилаҳо медиҳанд, бо эҳтиром муносибат намоем. Мо нисбати падархонд ва модархондҳо бояд бо миннатдорӣ муносибат кунем ва писархонд ва духтархондҳоро баракат диҳем. Ба одамон эҳтиромро нисбати он ташкилотҳое, ки бо масъалаҳои писархондкунӣ ва духтархондкунӣ машғуланд, бояд талқин намоем, ин гуна зуҳуротро дар калисоҳои худ писанд намоем. Танҳо бо чунин амалҳо мо ба занони ҷавон, барои фаҳмидани он, ки писархондкунӣ ва духтархондкунӣ интихоби хуб мебошад, кӯмак мекунем, он интихобе, ки барои он, дертар ҳам худи онҳо ва ҳам фарзандони онҳо миннатдор мешаванд.

Усули интихоби озод, ниҳоят, ба аслан набудани интихоб оварда мерасонад. Вале писархондкунӣ интихоб медиҳад, ки он хирадмандона, пур аз дилсӯзӣ ва муҳаббат мебошад ва он барои ҳамаи тарафҳо манфиатбахш аст.

Қисми 5

Оянда (перспектива) ва имкониятҳои рӯҳонӣ



Боби 18

Оё худованд исқоти ҳамлро бахшида метавонад?

Миллионҳо занон ва кӯдакон, чӣ дар ҷомеаи ҷаҳон, инчунин дар калисо, аз эҳсоси гуноҳ, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошад, азият мекашанд. Чӣ хеле, ки мо аллакай дар боби 1-ум гуфта гузаштем, аз се ду ҳиссаи одамон, ки ба исқоти ҳамл алоқа доранд, худро протестантӣ ё католикӣ меноманд. Қариб ҳар зани панҷум, ки исқоти ҳамл кардааст, худро масеҳии инҷилӣ меномад.[1] Аксарият падарони ин кӯдакон инчунин аъзоёни калисоҳои мо мебошанд.

Агар шумо, хонандаи ин китоб, боре ҳам исқоти ҳамл карда бошед ё ба ягон кас маслиҳат додаед, ки ба ин иқдом равад, ин боб барои шумо муқаррар шудааст. Агар шумо мард бошед ва боре ҳам барои қарори исқоти ҳамл кардан шарик шудаед – бигзор он ба маъшуқаи шумо, ҳамсар ё ягон каси дигар тааллуқ дошта бошад – ин боб барои шумо низ мебошад.

Кӯшиши аз эҳсоси гуноҳ халос шудан бефоида аст, бо вуҷуди он, ки болои сабабе, ки чунин эҳсосотро ба вуҷуд меорад, кор набаранд. Касе гуфта метавонад, ки: «Шумо набояд худро дар чизе гунаҳкор кунед». Лекин ба шумо маълумтар аст. Худ аз худ рад кардани воқеият шуморо аз ин ҳиссиёти вазнин раҳо намекунад. Радкунӣ шуморо ҳар бор ба сактаи пуртаъсир мерасонад, вақте

[1]. *Family Planning Perspectives*, July-August 1996, 12.

ки ягон чиз дар бораи кӯдаке, ки шумо ӯро як вақтҳо дар батни худ гирифта мегаштед, хотиррасон менамояд. Шумо бояд роҳи ҳақиқии ҳалли масъалаи ҳисси гуноҳро пайдо кунед. Ин роҳи ҳал танҳо дар воқеият асос ёфта метавонад, на дар фиреби эҳсос.

Азбаски Китоби Муқаддас дар пеши мо чунин роҳро мекушояд, ман аз он, иқтибосҳоро меорам. Аз роҳбари калисои худ, аз роҳбари гурӯҳи занонаи калисои худ, аз дӯсти имондор ё аъзои имондори оилаатон хоҳиш намоед, ки ба шумо, барои фаҳмидани маънои он кӯмак кунанд.

Меҳнати Масеҳ

Хушхабар аз он иборат аст, ки Худованд шуморо дӯст медорад ва тайёр аст, ки исқоти ҳамли шуморо бубахшад, новобаста аз он, ки шумо ба кирдори худ иқрор ҳастед ё не. Лекин, пеш аз он, ки маънии ин Хушхабарро бифаҳмем, мо бояд хабари ғамгинро шунавем. Хабари ғамгин бошад дар он аст, ки ҳисси гуноҳи рӯҳӣ вуҷуд дорад ва ҳамаи мо, дар ин ё он дараҷа ин ҳиссиётро дар назди Худо эҳсос менамоем, вале ҳисси гуноҳ аз сабаби исқоти ҳамл – ин танҳо яке аз намудҳои чунин гуноҳ мебошад. «Чунки ҳама гуноҳ карда, аз ҷалоли Худо маҳрум шудаанд» (Рум.3:23).

Гуноҳ вайрон кардани талаботҳои муқаддаси Худо мебошад. Он моро аз муошират бо Худо маҳрум мекунад (Ишаъё 59:2). Гуноҳ моро фиреб медиҳад, моро ба фикр кардан водор месозад, ки бадӣ – ин некӣ аст, некӣ – ин бадӣ аст (Мас.14:12). «Зеро ки музди гуноҳ мамот аст, аммо бахшоиши файзи Худо ҳаёти ҷовидонист ба воситаи Худованди мо Исои Масеҳ» (Рум.6:23).

Исои Масеҳ, Писари Худо, моро ончунон дӯст дошт, ки чун ҳамаи мо инсон шуд, то ин ки моро аз масъалаҳои гуноҳ озод намояд (Юҳ.3:16). Ӯ дар заифии мо бо мо ҳамрайҳ шуд, бо

вуҷуди ин, гуноҳ худи Ӯро палид накард (Ибр.2:17-18; 4:15-16). Исо дар салиб чун ягона Шахсе, ки барои гуноҳи мо музд дода метавонист, ҷон дод, то ин ки моро дар пеши Худо порсо гардонад (2Қӯр.5:21). Ӯ аз мурдаҳо эҳё шуд, гуноҳро мағлуб кард ва маргро сарнагун намуд (1Қӯр.15:3-4, 54-57).

Вақте ки Масеҳ барои мо дар салиб ҷон дод, охирин сухане, ки ӯ гуфт, чунин буд: «Иҷро шуд!» (Ин.19:30). Он калимаи юнонӣ, ки чун «иҷро шуд» тарҷума шудааст, дар забонхатҳои қарзӣ навишта мешуданд, ҳангоме, ки қарз ба пуррагӣ пардохта мешуд. Ин маънои онро дошт, ки: «ҳамааш пардохта шудааст». Масеҳ барои он ҷон дод, то ин ки қарзҳои моро пардохт кунад.

Омурзиши пурра

Ба шарофати он, ки Масеҳ барои мо дар салиб кардааст, Худо моро озодона мебахшад. Ин ҷо фақат баъзе мисолҳо аз ҳама он чизе, ки Ӯ ба мо медиҳад:

> Бо мо мувофиқи хатоҳоямон амал накардааст ва моро мувофиқи гуноҳҳоямон сазо надодааст... ба андозае ки шарқ аз ғарб дур аст, ҷиноятҳои моро ба ҳамон андоза аз мо дур кардааст. Чунон ки падар ба фарзандон марҳамат мекунад, ончунон Худованд ба тарсгорони Худ марҳамат менамояд (Заб.102:10, 12-13).

> Агар мо гуноҳҳои худро эътироф кунем, Ӯ амин ва одил аст, ки гуноҳҳои моро биомурзад ва моро аз ҳар ноинсофӣ пок намояд (1Юҳ.1:9).

> Пас, ҳеҷ маҳкумияте нест барои онҳое ки дар Исои Масеҳ ҳастанд ва на ба ҳасби ҷисм, балки ба ҳасби рӯҳ зиндагӣ мекунанд (Рум.8:1).

Ҳадяе, ки ба он сазовор шудан номумкин аст

Начот – ин ҳадя аст. «Зеро ки шумо бо файз ба воситаи имон начот ёфтаед ва ин на аз шумост, балки атои Худост: Ва аз аъмол нест, то ки ҳеч кас фахр накунад» (Эф.2:8-9). Ин ҳадяро бозёфт кардан ё сазовор шудан номумкин аст. Он аз хизмати мо ё аз кӯшишҳоямон вобаста нест. Он танҳо бо қурбонии Масеҳ, ки барои мо ба амал овардааст, алоқаманд мебошад.

Худо ба мо ҳадяи омурзиш ва ҳаёти ҷовидонаро медиҳад, вале ин ҳадя худ ба худ аз они мо намешавад. То ин ки мо онро соҳиб шавем, мо бояд онро қабул кунем.

Шумо, эҳтимол, фикр мекунед: «Лекин, баъд аз ҳамаи он чизе ки ман кардаам, ман ба омурзиш сазовор нестам». Ин ҳам комилан дуруст аст. Касе аз мо ба омурзиш сазовор нест. Агар мо ба он сазовор мебудем, мо ба он эҳтиёҷ намедоштем. Ин ҷо ҳамин гуна мафҳум, чун файз муҳим мегардад,. Масеҳ дар салиб он чизеро, ки мо ба он сазовор ҳастем, ба худ гирифт, то ин ки он чизеро, ки мо ба он сазовор нестем, пайдо кунем – покӣ, оғози навро.

Омурзиш гирифта мо аз он дилпур шуда метавонем, ки дар оянда ҷовидониро бо Масеҳ ва бо оилаи рӯҳонии худ мегузаронем (Юҳ.14:1-3; Ваҳй 20:11-22:6). Шумо метавонед комилан дилпур бошед, ки дар осмон аз нав бо одамони ба шумо наздик ва маҳбуб, ки бо хуни Масеҳ шуста шудаанд, вомехӯред (1Фес.4:13-18).

Дар ихтиёри гуноҳҳои пешинаи худ мондан зарурат нест

Зани бадахлоқ дар пеши пойҳои Масеҳ мегирист, онҳоро мебӯсид ва бо мӯйҳои худ онҳоро пок намуд. Исо, дар ҳамин лаҳза, ба одами дар наздаш истода, ки вайро маҳкум мекард, гуфт: «Бинобар

ин ба ту мегӯям: гуноҳҳои бисёри вай омурзида шудааст, барои он ки вай муҳаббати бисёре зоҳир намуд» (Луқ.7:47). Исо ба ҳамаи мо низ ҳамин гуна омурзишро медиҳад.

Худо намехоҳад, ки шумо худро тамоми ҳаёт барои исқоти ҳамл ё барои дигар як кирдорҳои бади худ, ки содир кардаед, маҳкум созед. Ба шумо танҳо лозим аст, ки покии Худоро қабул кунед ва дар оянда чунин амалҳоро такрор нанамоед. Исо ба як зани бадахлоқ гуфт: «Гуноҳҳоят омурзида шудааст... имонат туро начот дод, ба саломатӣ бирав» (Луқ.7:48, 50). Занҳое, ки аз тарафи ҷамъият рад карда мешуданд, ба назди Исо меомаданд ва Ӯ онҳоро бо дилсӯзӣ ва омурзиш қабул мекард.

Чӣ гуноҳе, ки шумо содир накарда бошед, гуноҳе вуҷуд надорад, ки аз файзи Худо боло истода бошад. Ӯ моро бо тамоми гуноҳҳоямон дид, лекин бо вуҷуди ин моро дӯст дошт. Файзи бомағфирати Ӯ ҳудуд надорад. Озодие нест, ки бо озодии омурзиш баробар шуда тавонад.

Шумо худро покшуда эҳсос мекунед, дар лаҳзае, ки гуноҳҳоятонро софдилона эътироф менамоед ва эҳтимол ба шумо дар ин кор кӯмак лозим мешавад. Лекин ба ҳар ҳол шумо омурзида мешавед. Шумо бояд кӯшиш намоед, то он чизеро, ки дар гузашта мондааст, фаромӯш кунед ва ба пеш, ба ояндаи мусбӣ ҳаракат намоед, ки ба шарофати Масеҳ барои шумо имконпазир гаштааст (Фил.3:13-14). Ҳар боре, ки мо худро наомурзида ҳис мекунем, мо бояд ба Китоби Муқаддас баргардем ва ба худ, инчунин ба дигар одамон низ дар бораи омурзиши Худованд хотиррасон намоем.

Кӯмаки воқеиро дар ин, ба шумо, иштироки шумо дар кори гурӯҳ барои шифобахшӣ баъди исқоти ҳамл, расонда метавонад. Гурӯҳҳое ҳастанд, ки ба омӯхтани Китоби Муқаддас машғуланд, махсус барои занон ва инчунин барои мардон, ки

дар қарор кардан ба манфиати исқоти ҳамл иштирок намудаанд. Сарчашмаҳои зиёде, ки дар интернет ва маълумотномаҳо дастрасанд, метавонанд ба шумо, барои пайдо кардани чунин гурӯҳҳо, ки шумо ба онҳо ниёз доред, кӯмак расонанд.[2]

Омурзише, ки аз паси он интихоби дуруст меояд

Аксарият заноне, ки исқоти ҳамл кардаанд, ҳисси комилан боасоси озурдахотирии пураламро нисбат ба мардон, ки ба онҳо фиребгарӣ мекарданд ва онҳоро таҳқир менамуданд, нисбат ба волидон, ки ба онҳо фишор меоварданд ва умуман нисбат ба ҳамаи онҳое, ки онҳоро ба интихобе моил кардаанд, ки ба марги фарзанди онҳо оварда расонид, эҳсос менамоянд. Худо мехоҳад, ки мо омурзиши Ӯро қабул кунем. Ӯ онро ба мо додааст ва мехоҳад, ки одамони дигар низ аз ин омурзиш огоҳ гарданд (Мат.6:14-15).

Шумо бояд ҷузъи қавми терапевтӣ (духтури касалиҳои дарунӣ), оилаи масеҳиён гардед, ки калисо ном дорад. (Агар шумо аллакай дар калисо ҳастед, ба ягон кас таҷрибаи исқоти ҳамли худро гап занед, то кӯмаки муайянро, ки ба он эҳтиёҷ доред, гиред.) Эҳтимол, бо сабаби гузаштаи худ шумо худро дар байни масеҳиён нороҳат ҳис мекунед. Лозим нест. Калисои ҳақиқии Масеҳӣ – ин намоишгоҳи муқаддасон нест, балки беморхона барои гунаҳкорон мебошад. Шуморо барои он гуноҳҳо, ки Масеҳ бахшидааст, маҳкум намекунанд, касе шуморо дар онҳо ошкор намекунад. Он одамоне, ки шумо ба онҳо ҳамроҳ мешавед, – ба монанди шумо ҳамин гуна одамони оддӣ ва номукаммал мебошанд. Аксарияти одамон дар калисо – на онҳое мебошанд, ки аз худбаҳодиҳии аз ҳад зиёд баланд

---

[2]. Нигоҳ: www.lifeservices.org/pace.htm; www.afterabortion.org/healing; телефон 1-888-486-HOPE барои машваратҳои махфии ройгон; рӯйхати манбаъҳо барои онҳое, ки баъд аз исқоти ҳамл ба кӯмак ниёз доранд: www.afterabortion.org/resourc.html.

азият мекашанд. Лекин, агар чунин одамон бошанд ҳам, пас барои онҳо фақат таассуф кардан лозим аст, зеро онҳо ҳеҷ нафаҳмиданд, ки файзи Худо чист.

Калисои хуб ба шумо, барои фаҳмидани ҳақиқатҳои Китоби Муқаддас кӯмак мерасонад, нисбати шумо муҳаббат ва саҳмдории дӯстонаро нишон медиҳад, шуморо дастгирӣ менамояд. Агар шумо чунин калисоро дар ноҳияи худ ёфта натавонед, ба ташкилоти мо, бо суроғае, ки дар охири ин китоб пешниҳод шудааст, алоқа бандед ва мо бо хурсандӣ ба шумо кӯмак мерасонем.

Шумо метавонед ба ичрои боз як иқдоми хирадмандона шурӯъ намоед, ки аз он иборат мебошад, то ки бо заноне, ки масъалаи ҳомиладории номатлубро барои худ ҳал менамоянд, алоқа бандед. Ниҳоят, Худованд метавонад таҷрибаи шуморо истифода барад ва ба он оварда расонад, ки шумо ба дигар одамон кӯмак расонед ва ба онҳо муҳаббати Ӯро тақсим намоед. Мо бо ҳамсарам якчанд занон – дӯстони хуб дорем, ки исқоти ҳамл кардаанд. Дар кори ҳаракат барои ҳифзи таваллуди кӯдакон фаъолона иштирок намуда баъдтар, онҳо ба дигар занон чунин кӯмакро расонида тавонистанд, ки дар вақташ худи онҳо онро нагирифта буданд. Дар бораи худ ба онҳо нақл карда, онҳо ҳаёти кӯдаконро наҷот медоданд, модаронро бошад аз дарди исқоти ҳамл озод мекарданд. Ба ғайр аз ин, онҳо ба ин модарон барои шифо ёфтан кӯмак расонданд. Ҳамин гуна кӯмакро ман ҳам ба шумо расонда метавонам.

Боби 19

Саволҳо барои ҳифзи таваллуди кӯдакон: аз супориши бузург диққати худро ба сӯи дигар ҷалб намудан ё қисми он?

Аксарият масеҳиён бар он мӯътқиданд, ки калисоҳо набояд дар хусуси исқоти ҳамл гап зананд. Баъзеҳо тасдиқ менамоянд, ки дар хусуси исқоти ҳамл гап зада мо одамонро водор месозем, ки ҳисси гуноҳро эҳсос намоянд. Дар асл, дар бораи исқоти ҳамл гап зада, калисо кӯшиш менамояд, ки онҳоро пешгирӣ намояд, инчунин он ҳисси гуноҳро, ки онҳо дар худ доранд. Калисо кӯшиш менамояд, то ба онҳое, ки дар асорати чунин эҳсосот афтодаанд, умед бахшидан кӯмак расонад. Он барои аз он озод шудан кӯмак мерасонад. Он ҳақиқат, ки дар калисоҳои мо одамони зиёд ҳастанд, ки ба ҳар тавре ки бошад, ба исқоти ҳамл алоқа доранд, он ҳам ба манфиати хомӯш будан дар ин мавзӯъ гап намезанад. Баръакс, ин далели аз ҳама эътимоднок мебошад, ки моро барои оиди ин падида ошкоро ҳарф задан, кӯмак ва дастгирии ҳаматарафа расондан, манзараи аз ҳама мукаммалро пешниҳод намудан, даъват менамояд.

Як иштирокчии семинар, ки ман дар калисои худам мегузаронам, ба ман онро гуфт, ки ман дар ин ё он шакл хеле зуд-зуд шунида меистам: «Чунин мавзӯъҳо, чун исқоти ҳамл танҳо диққати моро аз чизи асосӣ ба дигар сӯ ҷалб менамоянд».

«Лекин шумо чиро чизи асосӣ меномед?» – ман аз ӯ пурсидам.

«Супориши бузург, – гуфт ӯ. – Мо бояд одамонро ба назди Масеҳ биёрем. Хизмати мо маҳз дар ҳамин аст. Дигар ҳамааш моро аз ин чиз ба сӯи дигар ҷалб менамояд».

Ӯ ба суханҳои Масеҳ аз Инҷили Матто 28:19-20 такя мекард: «Пас, биравед ва ҳамаи халқҳоро шогирд созед ва онҳоро ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳед ва онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд...»

Оё, ӯ ҳақ буд? Оё, ҳаракат барои таваллуди кӯдакон аз Супориши Бузург ба сӯи дигар рӯ овардан аст...ё ин ки вай қисми таркибии он мебошад?

Шахсе бо номи Уилям

Дусад сол қабл аз ин як марди англис бо номи Уилям мезист, рақиби машҳури ғуломдорӣ, ки шакарро аз Ҳиндустони ғарбӣ манъ намуд (бойкот), зеро ки ин маҳсули меҳнати маҷбурии ғуломон буд. Уилям ҳис мекард, ки Худо мехоҳад ӯро ба Ҳиндустон равона кунад. Ба он ҷо омада ӯ аз он дар ҳайрат афтод, ки ҳиндуёни зиёд тифлони худро ба марг медоданд. Онҳо инчунин заифон, беморон ва махавонро рад мекарданд. Ҳукумати Британиё ба ин бо таҳаммул муносибат менамуд, зеро он намехост, ки ба расму оин ва дини таҳҷоии онҳо дахолат намояд. Лекин Уилям боварӣ дошт, ки бояд ба чунин вазъияти ҳодисаҳо дахолат кунад. Охир одамон мемурданд.

Боре Уилям шоҳиди як расм гардид ки онро *сати* меномиданд. Бевазанонро бо ҳамроҳии шавҳарони мурдаашон зинда ба зинда месӯзонданд. Ӯ пеш аз ин ҳам шоҳиди чунин маргҳо гашта буд. Инак, рӯзе ӯ ба пеши одамоне баромад, ки барои

зинда ба зинда сӯзондани як зан омодагӣ медиданд ва ба онҳо гуфт, ки ин тамоман нораво аст. Сипас, ӯ гурӯҳи мубаллиғонро роҳбарӣ намуд, ки бар зидди амалиёти бераҳмона бо эътироз баромад мекарданд. Ӯ доир ба ин мавзӯъ музокираҳои ҷамъиятӣ мегузаронд, то ин ки ба ҳама таълимоти Худовандро фаҳмонда диҳад.

Ниҳоят, субҳи якшанбе 6 декабри соли 1829, баъд аз чандин солҳои кори фаъолонаи худ, Уилям аз ҳукуматдорони расмӣ хабарнома гирифт, ки сӯзондани бевазанҳоро манъ менамуд. Он субҳ ӯ дар калисо бояд маъвиза мекард, вале вақте ки чунин хабарро гирифт, ин корро накард. Тамоми он рӯзро ӯ ба тарҷумаи ин хабарнома ба забони бенгалӣ бахшид, зеро медонист, ки аз ин ҳаёти на танҳо як инсон вобаста шуда метавонад.

Одамоне буданд, ки Уилямро барои фаъолияти ахлоқӣ ва сиёсии ӯ танқид мекарданд. Онҳо мегуфтанд: «Шумо ин ҷо барои ин наомадаед. Даъвати шумо дар ин нест. Дар бораи чизи асосӣ фикр кунед. Хушхабарро маъвиза кунед ва дуо гӯед».

Ин арбоби иҷтимоӣ кӣ буд, ки доимо дар бораи ахлоқ ва қонунҳо фикр мекард, ҳаёти инсониро наҷот медод? Номи ин одам Уилям Кэри буд, ки имрӯз ҳамчун «падари супоришҳои муосир» маълум аст. Вақте ки мо дар бораи супориши Бузург ва ҳаракати таблиғотии муосир фикр мекунем, ин аввалин номест ки ба хаёл меояд.

Кэри ба Ҳиндустон сафар кард, то ин ки одамонро ба назди Масеҳ биёрад, ба онҳо ҳақиқати Худоро расонад, на танҳо Хушхабарро маъвиза кунад, балки аз рӯи он зиндагӣ намояд, аз он ҷумла, ҳаёти одамонро наҷот диҳад, тафаккури ҷамъиятро иваз намояд, барои барҳам додани қонунҳои бераҳмона мубориза барад.

Иқдоме, ки бояд ба он пайравӣ намуд

Ҷон Уэсли бо ғуломдорӣ фаъолона мубориза мебурд. Чарлз Финней дар кори ғайриқонунии роҳи оҳани зеризаминӣ нақши асосиро мебозид ва ҳаёти ғуломони зиёдро наҷот медод. Ҳамзамон, масеҳиён ӯро барои ноитоаткории шаҳрвандӣ танқид мекарданд. Д. Л. Муди барои духтарони радкардашуда хонаҳои махсусро мекушод ва онҳоро аз истисмори таҳқиромез халос мекард. Чарлз Сперҷен барои занҳои кӯҳансол ва ятимон хонаҳо месохт, то ин ки онҳоро аз кӯчаҳои Лондон халос кунад. Эми Кармайкл дар Ҳиндустон духтарчаҳоро наҷот медод, ки ба онҳо дар маъбад фоҳишагӣ таҳдид мекард. Ӯ барои онҳо хонаҳо, мактаб ва беморхона сохта дод.

Ҳамаи ин масеҳиён чун мубаллиғон ва мураттибони инҷил машҳуранд, одамоне ки супориши Бузургро иҷро мекарданд. Дар айни замон, мо ба мавқеъи иҷтимоии онҳо, ба кӯшиши онҳо барои расонидани кӯмаки ҳаматарафа ва дастгирӣ барои заифон, эҳтиёҷмандон, таҳқиршудагон, чӣ хеле ки кам аҳамият медиҳем.

Шояд ки хизмати инҷилии онҳо маҳз барои ҳамин босамар буд, зеро ки онҳо на танҳо Хушхабарро маъвиза мекарданд, балки аз рӯи он зиндагӣ менамуданд. Миёни Хушхабар ва фаъолияти ҷамъиятӣ ва ғамхорӣ ба одамони эҳтиёҷманд ягон хел зиддият нест. Зиёда аз ин миёни онҳо алоқаи аз ҳама бевосита вуҷуд дорад.

Қисми «Асосӣ»

Мо бояд тамоми қувваро барои наҷоти ҳаёти инсон ҷалб намоем, бо ҳамон сабаби оддӣ, ки Китоби Муқаддас, ки мо онро маъвиза мекунем, моро ба ин даъват менамояд:

Онҳоеро, ки барои мамот гирифта шудаанд, халос кун (Мас.24:11).

Ба бенавоён ва ятимон додгарӣ намоед; мазлумон ва мискинонро сафед кунед (Заб.81:3).

Ёри худро мисли худ дӯст бидор (Мат.19:19).

Халқи Худо барои занҳое, ки шавҳар надоранд ва кӯдаконе, ки падар надоранд, бояд зиёдтар ғамхорӣ кунад (Яъқ.1:27). Пас ба кӣ пеш аз ҳама бояд чунин ғамхории зиёдро расонанд, агар ба зани бешавҳар ва ба фарзанди ҳанӯз ба дунё наомадаи ӯ набошад?

Дар Инҷили Луқо (Луқ.10:25) мо дар бораи шариатдоне мехонем, ки пурсид: «Чӣ кунам, ки вориси ҳаёти ҷовидонӣ шавам?» Исо ҷавоб дод: «Худованд Худои худро дӯст бидор... ва ёри худро мисли худ дӯст бидор» (Луқ.10:27). Исо муҳаббат ба Худоро аҳкоми аввалин ва бузургтарин номид ва муҳаббат ба ёри худро – дуюмин дар бузургӣ (Мат.22:37-39). Аз ин сабаб супориши Бузург аслан аҳкоми бузургтарин нест... аниқтараш, ин қисми муҳаббат ба Худо ва муҳаббат ба ёри худ мебошад.

Ҳеҷ чиз барои маъвизаи инҷил дарро ин тавр боз намекунад, монанди он ки ба одамон дар эҳтиёҷоти онҳо кӯмак расонанд. Донишҷӯён, вақте ки дар пеши одамон баромад мекунанд ва ҳақиқатро дар бораи исқоти ҳамл мегӯянд, баъд аз баромад сӯҳбатҳо мегузаронанд, ки дар рафти он Хушхабарро маъвиза кардан мумкин аст. Онҳое, ки дар таваллудхонаҳо кор мекунанд, имконияти хуб доранд, ки дар бораи Масеҳ ба беморони худ гап зананд. Масеҳиёни инҷилӣ ҳамин тавр амал мекунанд. Онҳо дар бораи исқоти ҳамл кори маърифатпарварӣ мегузаронанд ва адабиёти масеҳиро ҳам дар шаҳрчаҳои донишҷӯй ва ҳам дар беморхонаҳое, ки он ҷо исқоти ҳамл мекунанд, паҳн менамоянд.

Одамоне, ки ба занҳои ҳомила дарҳои хонаашонро мекушоянд, муҳаббати худро зоҳир менамоянд ва қалбҳои ин гуна занҳоро барои Хушхабар боз мекунанд. Ҳар боре, ки мо ба одамон дар эҳтиёҷоти онҳо кӯмак мерасонем, маъвизаи инҷил кори муқаррарӣ мегардад.

Се нигоҳ ба супориши Бузург

Барои фаҳмидани робитаи мутақобила байни саъю кӯшиш барои нигоҳ доштани ҳаёти кӯдак ва супориши Бузург, мо бояд се имкониятро дида бароем.

Аввалан, супориши Бузург аҳкоми муҳим мебошад, лекин бузургтарин гуфта Исо тамоман аҳкоми дигарро номид. Супориши Бузург дар асл, танҳо яке аз шаклҳои аҳкоми дӯст доштани Худо ва ёри худ мебошад.

Дуюм, ҳатто агар супориши Бузург танҳо дар маъвиза кардани инҷил бошад, муборизa барои ҳаёти онҳое, ки ҳаёташон дар хатар аст, ҳамчунин қисми ин супориш мегардид, зеро маҳз чунин муборизa барои маъвизаи инҷил роҳ мекушояд.

Сеюм, дар супориши Бузурги Худ Исо моро танҳо барои бурдани Хушхабар даъват накардааст. Ӯ моро барои иҷрои он даъват намудааст, ки «онҳоро таълим диҳед, то ҳар он чиро, ки ба шумо фармудам, ба ҷо оваранд» (Мат.28:20). Ӯ моро на танҳо барои имонро таълим додан, даъват намудааст; Ӯ моро барои ба итоаткорӣ таълим додан, даъват намудааст.

Исо ба мо фармудааст, то ки ғамхорӣ зоҳир намоем, неъматҳои худро баҳри заифон ва эҳтиёҷмандон қурбон карда тавонем. Аз ин мебарояд, ки ин ҳам қисми он ҳама чизе «ки Ман ба шумо фармудаам». Агар мо ин қисматро иҷро накунем ва дигар

одамонро ба итоаткорӣ таълим надиҳем, мо супориши Бузургро ҳам иҷро намекунем.

Агар калисо кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ва модарони онҳоро тарафдорӣ нанамояд, агар мо бародарон ва хоҳарони худро дар имон, барои кӯмак кардан ба онҳо таълим надиҳем, пас мо супориши Бузургро иҷро намекунем.

Калисоҳо дар кори Худо ба манфиати одамони эҳтиёҷманд бояд такягоҳ бошанд. Агар калисои шумо барои кӯмак ба кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ва модарони онҳо ба қадри кофӣ кӯшиш ба харҷ намедиҳад, он гоҳ, эҳтимол Худо шуморо даъват менамояд, ки амал кунед ва ба калисои худ ва роҳбарони он кӯмак расонед, то ки бо ин хизмати ҳаётан муҳим машғул гарданд.

Боби 20

Ба кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ва модарони онҳо чӣ тавр кӯмак кунам?

Дар мамлакати мо ва дар тамоми дунё хеле зиёд ташкилотҳои хуб вуҷуд доранд, ки барои ҳаёти кӯдакон, барои таваллуди онҳо мубориза мебаранд. Онҳо бо фаъолияти хеле васеъ машғуланд, аз он ҷумла бо тарғиботи парҳезкорӣ, бо маърифатпарварӣ дар соҳаи доягӣ, бо гузаронидани машваратҳо ба занони ҳомила, бо маърифатпарварӣ дар соҳаи қонунгузорӣ, бо таъмин намудани писархондкунӣ ва духтархондкунӣ, бо ошкор кардани нуқтаҳои назари мо оиди қатли кӯдакони таваллуднашуда, бо посбонии беморхонаҳое, ки дар он исқоти ҳамл мекунанд, бо ташкил кардани тадқиқотҳои илмӣ ва психологӣ, бо дуогӯӣ, бо маслиҳатдиҳӣ ба беморони беморхонаҳо, ки дар он ҷо исқоти ҳамл мекунанд, бо кӯмак ба заноне, ки исқоти ҳамл кардаанд ва мардоне, ки ба чунин қарор омадан дар ин кор шариканд. Мутахассисони корозмуда ҳастанд, ки шабу рӯз машваратҳо мегузаронанд ва ба зангҳои бепул ва пайғомҳои электронӣ ҷавоб медиҳанд.[1]

Ҳоҷат ба муттаҳидии қувва, ки барои ҳаёт мубориза мебаранд

Дар бист соли охир ба ман муяссар гашт, ки дар самтҳои аз ҳама гуногун бо хизматҳои зиёд барои муҳофизати ҳаёти тифлон кор

[1]. Рақами телефон оид ба масъалаҳои кӯмак расондан:1-800-395-HELP (4351); кӯмак бо тартиби вақти воқеӣ: www.optionline.org.

кунам. Ман паҳлӯҳои қавӣ ва манфиатноки нуқтаҳои назари гуногунро медидам, ки ихтиёрон ва тарафдорони зиёдро ба худ ҷалб менамуд.

Ҳар замон фаъолони ин ҳаракат, тарафдорони аз ҳама мӯътақиди фаъолияти худ буда, гумон мекунанд, ки шакли хизмати онҳо аз ҳама муҳимтар, дуруст ё ҳатто ягона дуруст мебошад. Чунин муносибат дурандешона нест. Бо чунин комёбӣ аскар гуфта метавонад, ки флоти ҳарбии баҳрӣ дар ҷанг лозим нест, ё маллоҳ метавонад гӯяд, ки аскарон дар ҷанг лозим нестанд ва ФҲБ (флоти ҳарбии баҳрӣ) худ метавонад аз ӯҳдаи ҳамаи корҳои ҳарбӣ барояд. Ҳаракат барои таваллуди кӯдакон хеле бузург, ҳартарафа мебошад ва ба санъатҳои зиёди роҳбарӣ эҳтиёҷ дорад. Мо ҳам тамоман набояд ҳама ҳамон як корро иҷро кунем.

Каломи Худо моро даъват мекунад: «Ниҳоят, ҳамаатон ҳамфикр, ҳамдард, бародардӯст, бошафқат, меҳрубон ва фурӯтан бошед» (1Пет.3:8). Ақли фурӯтан ва дили меҳрубон моро барои аз одамони дигар таълим гирифтан хеле қобилиятнок мегардонад, ки онҳо дорои хислатҳои шахсии гуногун ва ҳассос мебошанд ва санъатҳои гуногуни роҳбариро интихоб менамоянд. Ба мо меҳрубонӣ, пурсабрӣ, муҳаббат, осоиштагӣ ва ягонагӣ дар Рӯҳи Худо зарур аст (Эф.4:1-6).

Дар тӯли бисёр солҳо, як маротиба дар ду моҳ ман ҷамъомади роҳбарони ҳаракат барои таваллуди кӯдаконро аз гурӯҳҳо ва ташкилотҳои гуногун мегузарондам. Мо бояд, ки якдигарро мешинохтем, якдигарро мефаҳмидем ва аз якдигар таълим мегирифтем. Мо муайян менамудем, ки чӣ гуна фаъолият метавонад моро муттаҳид созад, зуд-зуд мефаҳмидем, ки аксарияти мо танҳо чархро ихтироъ мекунанд, зеро чунин масолеҳро сохта мебароянд, ки онҳоро дар дигар ҷойҳо кайҳо аллакай истифода мебаранд. Бисёриҳо ба ман мегуфтанд, ки дигар ташкилотҳоро ҳеҷ фаҳмида наметавонанд ва нисбати

онҳо бо баъзе нобоварӣ муносибат мекунанд. Баъзан онҳо якдигарро ҳатто чун рақиб қабул мекарданд. Лекин ба андозаи он, ки чӣ хел мо якдигарро мешинохтем, мо қалбҳои дигаронро медидем ва мақсадҳои онҳоро мефаҳмидем. Онҳо ба дӯст доштан ва фаҳмидани бародар ва хоҳарони худ, ки Худо онҳоро ба фаъолияти аз ҳама гуногун, дар хизмати муҳофизати ҳаёти кӯдакон даъват намудааст, шурӯъ менамуданд.

Ташкилотҳоеро ҷустуҷӯ намоед, ки бо тарзи беҳтарин ба нуқтаи назари шумо, шахсияти шумо, истеъдоднокӣ ва ба он коре, ки Худо шуморо даъват намудааст, мувофиқат мекунад. Маълумоти васлии ташкилотҳои аз ҳама гуногуни ин самт, чӣ дар савияи миллӣ, инчунин минтақавӣ ва маҳаллӣ ҳамеша дастрас аст.[2] Агар ба шумо дар ҷустуҷӯи чунин ташкилотҳо дар минтақаи худ кӯмак лозим шавад, ба идораи мо мурочиат намоед.[3]

Шумо чӣ кор карда метавонед

Агар шумо аъзои калисои ҳақиқии масеҳӣ бошед, ки дар он Китоби Муқаддасро маъвиза менамоянд, ба роҳбарони худ мурочиат намоед ва маълум кунед, ки калисои шумо барои ҳифзи ҳаёти кӯдакон чӣ гуна хизматро мегузаронад. (Агар шумо аъзои чунин калисо набошед, пас аъзо шавед.) Мо бояд чунин ақидаро фаромӯш кунем: «Ман танҳо як шахс ҳастам ва калисои мо хурдакак мебошад, аз ин сабаб мо ҳеҷ кор карда наметавонем». Шумо аслан ин масъаларо барҳам дода наметавонед, лекин Худо метавонад бо шумо кор кунад, то ин ки ба тарзи аҷиб шуморо барои ба эҳтиёҷоти одамон ҷавоб гуфтан қобилиятнок гардонад. Ба миллионҳо эҳтиёҷмандон шумо чӣ тавр кӯмак карда метавонед? Тадричан, қадам ба қадам, ҳеҷ набошад ба якчанд нафар.

---

2. Нигоҳ: www.catholic.net/RCC/Prolife/prolife1.html.
3. Eternal Perspective Ministries, www.epm.org, info@epm.org, (503) 668-5200; 39085 Pioneer Blvd., Suite 200, Sandy, OR 97055.

Дар поён шумо на он чизеро мехонед, ки ҳар кас ҳатман бояд иҷро намояд, балки танҳо тавсияномаҳо, ки аз онҳо шумо он чиро, ки бештар ба истеъдод ва тавоноии шумо мувофиқат мекунад, интихоб менамоед:

1. Дари хонаатонро кушоед. Ба зани ҳомила кӯмак кунед ё кӯдаки «номатлубро» ба хонаи худ гиред, ӯро писархонд кунед, барои ӯ ғамхорӣ намоед. Ё ҳеҷ набошад, дар як ҳафта як рӯзро барои нигоҳубини кӯдакони модарони танҳо ҷудо намоед.

2. Барои кӯмак вақти худ, қобилияти худ ва хизматҳои худро пешниҳод намоед. Кӯмаки худро ба зани ҳомила пешниҳод кунед, қувваи худро барои кӯмак ба кӯдакони навзоди нашъамандон, ятимон, кӯдакони маъюб, одамони кӯҳансол, бехонаҳо, дигар эҳтиёҷмандон ба кор андозед. Вақти худро, таҷҳизотро, вазъияти худро, либосҳоятонро, маҳорати касбии худро, молияатонро бахшед, то ин ки ба таваллудхонаҳо, ба ташкилотҳое, ки бо масъалаҳои писархондкунӣ машғуланд, ба ташкилотҳои занона, ба ташкилотҳои маърифатпарвар ва сиёсӣ, ба дигар ташкилотҳо ва ҷамъиятҳо, ки бар ҳифзи ҳаёти кӯдакон баромад мекунанд, кӯмак расонед. Дар атрофи манзилҳои онҳо сабзазорро қайчӣ занед, дар ободонӣ ба онҳо кӯмак кунед, дар интернет барои онҳо сомона кушоед, компютерҳои онҳоро таъмир намоед.

3. Ташаббускориро ба дасти худ гиред. Агар дар наздикии шумо умуман чунин ташкилотҳо набошанд, дар хусуси он фикр кунед, ки чӣ тавр ба онҳо асос мегузоред. Иттифоқро ташкил намоед. Имконияти ба иҷора гирифтани ягон биноро дар наздикии беморхонае, ки дар он ҷо исқоти ҳамл мекунанд ё ташкилот оид ба нақшагирии оила, дида бароед. Беморхонаеро, ки оид ба масъалаҳои ҳомилагӣ машваратҳо медиҳанд ё маркази маълумотдиҳии ҳаракат барои ҳифзи кӯдаконро ташкил кунед. Барои сохтани ёдгории зебо барои кӯдаконе, ки ҳамин хел ба

дунё наомаданд, андеша кунед. Ин масалан, метавонад, гулбоғе дар ҳудуди калисо ё ҷамоати шумо бошад.[4]

4. Оид ба ин масъалаҳо одамони бохабаршуда гардед. Доир ба вазъияти ҳаррӯза дар ин масъалаҳо бохабар бошед, то ин ки бо беҳтарин роҳ ба далелҳои тарафдорони интихоби озод ҷавоб диҳед.[5] Дар фурӯш китобҳо, аудио-ва видеомаводҳои зиёде ҳастанд, маҷмӯъи рӯзнома ва варақаҳои буллетенӣ аҷиб (ва чун қоида ройгон) паҳн карда мешаванд. Дар интернет саҳифаҳои зиёди шавқовар ҳастанд, ки ба ин масъала бахшида шудаанд.[6] Гарчанде, миқдори исқоти ҳамл бо роҳи ҷарроҳӣ дар айни замон ба пастшавӣ меравад, адади исқоти ҳамли кимиёвӣ меафзояд. Доир ба намудҳои гуногуни дорухо, ки барои исқоти ҳамл таъин шудаанд, тасаввурот пайдо намоед, аз он ҷумла дар бораи RU – 486. Таваҷҷӯҳ намоед, ки норплант, депопровера, минипилл ва ҳатто пешгирикунандаҳои ҳомиладории муқаррарӣ чиро ифода менамоянд. Ба он нигоҳ накарда, ки инҳо пешгирикунандагони ҳомиладорӣ мебошанд, онҳо бисёр вақт ба ҳомилагӣ роҳ медиҳанд, вале баъд ба ҷанини навакак бордоршуда дар эндометрий ҷо шудан намегузоранд, ки ба

---

4. Маълумотро оид ба ёдгории Миллӣ барои кӯдакони таваллуднашуда дар саҳифаи: www.atcmag.com/v1n4/article6.asp нигоҳ; гулбоғ дар ҳудуди калисо: www.epm.org/articles/rosegard.html.
5. Китоби ман «ProLife Answers to ProChoice Arguments» ҷавоби муносиб ба тарафдорони интихоби озод мебошад, зеро ки бо ҳаштсад иқтибосҳо тақвият дода шудааст.
6. Нигоҳ к.: Alcorn, *ProLife Answers*, Appendix K: ProLife Resources, 381-404; нигоҳ к.: www.epm.org/proliferesources.html. Манбаи ахборотии хеле судманд номгӯи Ultimate Pro-Life Resource дар саҳифаи: www.prolife.org/ultimate мебошад. Барои обуна шудан ба истифодаи мунтазами маълумотҳо дар хусуси тарафдорони таваллуди кӯдакон тавассути почтаи электронӣ, паёми “subscribe” бо суроғаи: infonet-list-request@lists.prolife.org фиристед.

исқоти ҳамли барвақтӣ оварда мерасонад.[7] Бохабар шавед, то ин ки хулосаи шахсии худро бароварда тавонед.

5. *Бо дӯстони худ, ҳамсоягон ва ҳамкорони худ сӯҳбат кунед.* Боодобона дигар одамонро барои нуқтаи назари худро аз нав дида баромадан даъват намоед. Ба онҳо нусхаи ин китобро тӯҳфа намоед, дар он саҳифаҳоро бо маводҳое қайд кунед, ки онҳо ба он бояд диққати калон диҳанд. Ин масъалаҳоро бо ёрии китоби хеле асосноки ман «Ҷавоби тарафдорони таваллуд ба далелҳои тарафдорони исқоти ҳамл» батафсил биомӯзед. Ба онҳо адабиётро дар ин мавзӯъ ҳадя намоед, масалан, «Фарзанди покшуда» Фрэнсин Риверс, «Ашк дар шиша» Силвиа Бамбола, ё ин ки китоби маро «Хати мамнӯъ».

6. *Доир ба исқоти ҳамл мубоҳисаҳо гузаронед.* Ба саҳифаҳои интернет, ки ақидаҳои тарафдорони ҳифзи ҳаёти кӯдаконро инъикос менамоянд, дароед. Дар бобати кушодани саҳифаи худ дар шабака андеша намоед. Ҷидду ҷаҳд кунед, то ин ки дар намоишҳои гуфтугӯӣ (ток-шоу) иштирок намоед ва дар онҳо баромад кунед, дар кори теле-ва радиостансияҳо, ки ақидаҳои тарафдорони ҳифзи ҳаёти кӯдаконро ифода менамоянд, ширкат варзед. Адабиётҳоро, ки ин ақидаҳоро инъикос менамоянд, бифармоед ва паҳн кунед. Бо таблиғот машғул шавед, то ин ки тарафдорони ҳифзи ҳаёти кӯдакон, ноталабшуда нагарданд. Чуноне, ки ман дар китоби худ «Ғайриоддӣ будани файз

7. Randy Alcorn, *Does the Birth Control Pill Cause Abortions?* (Gresham, OR: Eternal Perspective Ministries, 1997, 2000, 2004), www.epm.org/bcp.html; Drs. Walter Larimore and Joseph Stanford, "Postfertilization Effects of Oral Contraceptives and Their Relation to Informed Consent," *Archives of Family Medicine* 2000; 9:133; Dr. Walter L. Larimore, "The Growing Debate About the Abortifacient Effect of the Birth Control Pill and the Principle of Double Effect," *Ethics and Medicine Journal*, January 2000; 16(1):23-30. Мавод инчунин бо андозаи таҷдидгардида дар саҳифаи www.epm.org/articles/pilldebate.html дастрас аст.

ва ростӣ» гуфта гузаштам, хеле муҳим аст, ки ба ин гуна масъалаҳо, чун исқоти ҳамл, мо аз мавқеъи масеҳият наздик шавем. Исо ба назди мо бо файз ва ростӣ омад (Юҳ.1:14). То ин ки одамон дар мо Исоро бубинанд, мо бояд ба онҳо ростиро бо файз расонем.

7. *Мактубҳо нависед.* Хушмуомила, мухтасар, дақиқ ва ҳифзкунанда шавед. Иқтибосҳои мухтасарро, ки дар ин китоб ва дар китоби боз ҳам муфассалтар «Ҷавобҳои тарафдорони таваллуд ба далелҳои тарафдорони исқоти ҳамл» пешниҳод гардидаанд, биёред. Мактубҳоеро, ки ба муҳаррири маҷаллаи миллӣ ва рӯзномаи калон ирсол шудаанд, садҳо ҳазор одамон мутолиа карда метавонанд.

8. Беморхонаҳоеро, ки дар он исқоти ҳамл мекунанд, ба манъ кардан даъват намоед. Бо одамони бонуфуз алоқа бандед, аз он ҷумла бо заминдорон, корчалонҳо, бо ходимони суғуртавӣ ва бо хизматҳои гуногун, то онҳоро ба он бовар кунонем, ки ҳар намуд дастгирӣ кардани онҳое, ки ба қатли кӯдакон мусоидат менамоянд, ноодамӣ аст.

9. Дар ҳаёти сиёсӣ иштироки фаъолона кунед. Бо намояндагони ҳокимияти федералии худ вохӯред ва ба онҳо ақидаҳои худро нисбат ба исқоти ҳамл гап занед. Арзномаҳои дастаҷамъиро барои ҳифзи ҳаёти кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ва қабули қонунҳои дахлдорро тартиб диҳед, барои имзо пешниҳод намоед, худатон онҳоро имзо кунед. Барои дастгирии ходимони сиёсие, ки ба нуқтаи назари шумо шариканд, баромад кунед, барои пешбарӣ намудани онҳо ба вазифаҳои сиёсии дараҷаҳои гуногун мусоидат намоед. Вақти худ ва маблағи худро барои барномаҳои сиёсии ин гуна ходимон бахшед. Барои онҳо овоз диҳед.

10. Дар калисои худ бо он гурӯҳҳо муттаҳид шавед, ки барои ҳифзи ҳаёти кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда баромад мекунанд, ё худатон онҳоро ташкил кунед. Барои маслиҳатҳо ба роҳбарони калисои худ мурочиат намоед. Ба онҳо адабиёти дахлдорро диҳед, аз онҳо хоҳиш намоед, ки видеомаводҳоро роҷеъ ба ин мавзӯъ дида бароянд. Дар гирди худ одамонеро ҷамъ намоед, ки дар калисо хизматҳои дигарро дастгирӣ мекунанд, то ин ки онҳо ба шумо барои нақшаҳои маърифатпарвар ва сафарбаришударо мухтасар ифода кардан ва иҷро намудан кӯмак карда тавонанд. Нашрияҳои даврии ташкилотҳоеро, ки барои ҳаёти кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда мубориза мебаранд, паҳн кунед. Калисои худро бо варақаҳои буллетенӣ ва адабиётҳо, барои паҳн кардан ҳангоми «Ҳафтаи қудсияти ҳаёти инсон» дар моҳи январ, таъмин намоед.[8] Китоби «Чаро мо ҳаётро интихоб менамоем?» – ро бо нархи яклухт харидорӣ намоед ва дар байни аъзоёни калисои худ паҳн кунед. (Тамоми ҳаққи қалам аз ин китоб барои хизмат баҳри ҳифзи ҳаёти кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда меравад; ба муаллиф чизе намеравад.) Агар роҳбарони калисои шумо роҷеъ ба ин масъала мехоҳанд изҳороти худро баён кунанд, ба онҳо баъзе аз маводҳои сершумори дастрасро пешниҳод намоед.[9]

11. Маводҳои хеле хуби ташкилотҳоро, ки барои ҳифзи таваллуди кӯдакон баромад мекунанд, истифода баред. Дар ибодатҳои калисои худ ё дар синфҳои мактаби якшанбегӣ

---

8. Нигоҳ к.: www.family.org/pregnancy/general/A0028208.html.

9. Маводҳои зиёди тарафдорони таваллуди кӯдакон бо тартиби вақти воқеъӣ дастрас мебошанд, аз он ҷумла дар саҳифаи ташкилоти мо: www.epm.org/prolife.html. Ҳама мақолаҳое, ки аз тарафи ман навишта шудаанд ва ҳама маълумотҳо дар саҳифаи мо барои калисо ва ибодат, аз он ҷумла барои дарсҳо дар гурӯҳҳои начандон калон доир ба омӯхтани Китоби Муқаддас дар саҳифаи: www.epm.org/articles/aboleson.htnil озод дастрасанд, намунаи пурраи ибодат дар калисо, ки ба ҳаракат барои таваллуди кӯдакон бахшида шудааст, дар саҳифаи www.epm.org/articles/abosergs.html пешниҳод мегардад.

видеомаводҳои ин ташкилотҳоро ба монанди видеофилми «Ҳаёт муқаддас аст»-ро намоиш диҳед.[10] Дар бораи имконияти намоиш додани видеосабти исқоти ҳамл андеша намоед.[11] (Одамонро пешакӣ ба ин омода созед ва огоҳ намоед, ки ин гуна филмҳо барои кӯдакон нестанд.) Дар ҷамоати худ маълумотҳоро дар бораи ташкилотҳо барои ҳифзи ҳаёти кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда паҳн кунед. Рақами телефони бовариро барои занҳои ҳомила дар ҷои намоён ҷой кунед. Барои тайёр кардани мушовирон дар кӯча гурӯҳе ташкил намоед; гузаронидани посбонӣ ё амалҳои эътирозиро ба нақша гиред. Бо намояндагони ташкилотҳо дар минтақаи худ алоқа бандед. Онҳо он қадар чизҳоеро медонанд, ки шумо аз онҳо бехабаред ва бо хурсандӣ маълумоти доштаашонро ба шумо баён мекунанд.

12. *Барои хизмат баҳри ҳифзи ҳаёти кӯдакон, барои калисоҳо, роҳбарони калисоҳо, барои модарон ва тифлон ҳар рӯз дуо кунед.* Гурӯҳи дуохонии шахсии худро ташкил кунед. Агар қатли зиёди кӯдакон бо нури ростӣ ва тараҳҳум бояд ки маглуб гардад, барои ин ҷанги рӯҳонӣ муҳим аст, ки аллакай бурда мешавад, аз он ҷумла бо дуои фурӯтан, вале устуворона (Эф.6:10-20).

13. *Барои ташкилотҳое, ки барои ҳифзи таваллуди кӯдакон баромад мекунанд, қурбониҳо кунед.* Ман дар бисёр чунин ташкилотҳо ва хизматҳо кор мекардам. Дар амал ман ҳар бор ба ҳайрат меомадам, ки чӣ гуна тағйиротҳоро онҳо метавонанд ба ҳаёти одамон дароранд. Ман шумо ва калисои шуморо даъват менамоям, ки дар минтақаи худ якчандто чунин ташкилотҳоро ё ягон-то ташкилоти миллӣ ё байналхалқиро пайдо кунед. Ба онҳо кӯмаки мувофиқи қуввати худро пешниҳод намоед.

---

10. *Life Is Sacred* ва дигар манбаъҳои ҳаракат баҳри ҳифзи таваллуди кӯдакон, www.family.org/resources/itempg.cfm?itemid=1072.

11. Нигоҳ к.: www.abortionno.org/pdf/order.pdf.

Аз худ пурсед: *Агар ҳамин тавр мешуд, ки ман ҳозир мурдаам, пас аз кадом кори барои ин одамони бечораву нотавон накардаам, ман афсӯс мехӯрдам?* Чаро ки ҳаёти боқимондаи худро барои бартараф намудани рахнаи миёни он коре, ки мо кардан мехостем ва он коре, ки мо дар асл мекунем, набахшем?

Мо имконияти хурдакаке дорем – ҳамагӣ як ҳаёт дар замин – то ин ки имкониятҳои худро барои тағйир ва табдил додани ҷовидонӣ истифода барем. Аҳаллан, дар лаҳзае аз осмон андеша намоед ва ба худ тасаввур кунед, ки чӣ тавр касе ба назди шумо бо табассуми калон меояд ва мегӯяд: «Ташаккур ба шумо! Бахшоишҳои шумо ҳаёти ман ва кӯдаки маро наҷот доданд».

Дар бораи муаллиф

Рэнди Алкорн муҳаққиқ ва муаллифи хеле машҳури бисту ҳафт китоб мебошад. Дар миёни китобҳои илмӣ – оммавӣ ва фиқҳ, ки ӯ навиштааст, махсусан инҳо, ба монанди, «Ғайриоддӣ будани файз ва ростӣ», «Асоси ганҷина», «Ҷавобҳои тарафдорони таваллуд ба далелҳои тарафдорони исқоти ҳамл» машҳуранд. Аз асарҳои бадеии навиштаи ӯ китобҳои «Хати мамнӯъ», «Қудрат», «Фиреб», «Ишбейн» ва китоби «Хонаи бехавф», ки ба шарофати он Рэнди Алкорн лауреати ҷоизаи бадеӣ гардид, махсус қайд кардан мумкин аст. Падари ду духтари шавҳардор, Карина Франклин ва Анҷела Стамп, Рэнди дар Грэшэм, дар штати Орегон, бо ҳамроҳии ҳамсари худ, Нэнси, ки барои ӯ дӯсти аз ҳама беҳтарин низ мебошад, зиндагӣ мекунад. Онҳо аллакай соҳиби чор набера мебошанд. Барои бо ҳаёт ва нуқтаи назари нависанда аз наздик шинос шудан, ба саҳифаи интернети ӯ www.randyalkorn.blogspot.com дароед. Рэнди Алкорн дар ташкилоти Eternal Perspective Ministries кор мекунад, ки бо он дар интернет – www.emp.org – бо телефони 503-668-5200 ё бо суроғаи 39085 Pioneer Blvd., Suite 206, Sandy, OR 97055 USA дар тамос шуда метавонед.

Table of Contents

Қисми 1: Асосҳо

Боби 1: Барои чӣ дар хусуси исқоти ҳамл гуфтан зарур аст? 12

Боби 2: Зан ё кӯдак? 20

Қисми 2: Тифл

Боби 3: Оё тифли таваллуднашуда инсон аст? 28

Боби 4: Фарқият миёни тухмҳуҷайра, нутфа, ҷанин ва ҷанини батн дар чӣ аст? 36

Боби 5: Оё тифли таваллуднашуда узви бадани зан мебошад? 42

Боби 6: Ин суратҳо ба мо чӣ мегӯянд? 48

Боби 7: Чӣ ҳаёти инсонро «пурахамият» мекунад? 55

Қисми 3: Зан

Боби 8: Оё исқоти ҳамл масъалаи ҳуқуқи занҳо мебошад? 64

Боби 9: Оё мо ҳуқуқи қарори бо тани худ чӣ кор карданро дорем? 70

Боби 10 : Оё исқоти ҳамл қисми таркибии ҳуқуқ барои ҳаёти шахсӣ мебошад? 75

Боби 11: Оё исқоти ҳамл ба саломатии ҷисмонӣ ва ақлии зан зарар мерасонад? 79

Боби 12: Оё ба исқоти ҳамл розӣ шудан дуруст аст, агар ҳомилагӣ ба ҳаёти зан хатар дорад? 91

Боби 13: Оё ба исқоти ҳамл розӣ шудан дуруст аст, агар ҳомилагӣ натиҷаи таҷовуз ё омезиши хун мебошад? 93

Қисми 4 : Дигар масъалаҳои муҳим

Боби 14: Бо кӯдакони маъюб ва кӯдакони номатлуб чӣ бояд кард? 100

Боби 15 : Оё исқоти ҳамл муносибати бераҳмонаро нисбати кӯдакон пешгирӣ меамояд?. 107

Боби 16 : Шахсан ман бар зидди исқоти ҳамл мебошам, вале бо интихоби озод чӣ бояд кард? 112

Боби 17: Дар хусуси писарҳондӣ ва духтарҳондӣ чӣ гуфтан мумкин аст? 115

Қисми 5: Оянда (перспектива) ва имкониятҳои рӯҳонӣ

Боби 18: Оё худованд исқоти ҳамлро бахшида метавонад? 124

Боби 19: Саволҳо барои ҳифзи таваллуди кӯдакон: аз супориши бузург диққати худро ба сӯи дигар ҷалб намудан ё қисми он? 131

Боби 20: Ба кӯдакони ҳанӯз таваллуднашуда ва модарони онҳо чӣ тавр кӯмак кунам? 138

Дар бораи муаллиф. 149

Ҳаёти инсон оғоз меёбад... Кадом вақт?

Ҳоло мавзӯъеро пайдо кардан ба гумон аст, ки ин қадар баҳсхоро ба миён меорад ва инчунин ақлҳои одамиро ба изтироб меандозад, чун мавзӯи исқоти ҳамл. Аксарият чунин меҳисобанд, ки бояд интихоб намоем, то дар фикри кӣ бошем: дар фикри модарон ё дар фикри тифлон. Муаллифи ин китоб нишон медиҳад, ки ҳам дар хусуси инҳо ва ҳам дар хусуси онхо фикр кардан зарур аст. Бо саҳмгузории чуқур, дар шакли мухтассар ва нозук, ба ҳақиқат такя намуда, Рэнди Алкорн оид ба масъалаҳои асосие, ки бо исқоти ҳамл алоқаманд мебошанд, ҷавоб медиҳад.

Дар тасвир, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, амалиёти ҷарроҳии Сара Мери Суитзер, ҷанини бистучорҳафтаинае, ки ҳанӯз ба дунё наомадааст ва нуқсони ташаккулёбии сутунмӯҳраро дорад, тасвир ёфтааст. Сара, ки дар сурат бо дасташ ангушти ҷарроҳро медорад, аз нав ба батни модар гузошта шуда буд ва баъд аз ду моҳ, нуҳ ҳафта пеш аз мӯҳлат ба дунё омад.

Ин сурати ултрасадоии сеандозаи ҷанин, ки баъд аз 21 ҳафтаи баъди бордоршавӣ, яъне тақрибан дар нисфи мӯҳлати давраи ҳомиладорӣ мебошад. Технологияҳои муосир ба мо имконият медиҳанд, ки ба батни модар назар андозем ва ин дар реша тасаввуротӣ исқоти ҳамлро тағйир медиҳад.